# БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ
# РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# БАРОИ СОЛҲОИ 2026-2030

**Душанбе-2025**



*Моро зарур аст, ки дар заминаи амалисозии ҳадафҳои миллиамон, пеш аз ҳама, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиро таъмин намоем ва сатҳу сифати зиндагии мардумро боз ҳам баланд бардорем.*

*Зеро мардуми мо мисли халқҳои дигар мамолики мутамаддин ҳуқуқи маънавии зиндагии шоистаро доранд.*

*Дар панҷ соли минбаъда тавассути иҷрои саривақтӣ ва босифати барномаву нақшаҳои қабулгардида рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин гардида, сатҳи камбизоатӣ бошад то ба 10 фоиз паст карда мешавад.*

*Бо ин мақсад раванди рақамикунонии иқтисоди миллӣ, инкишофи неруи инсонӣ, саноатикунонии босуръати кишвар тавассути таъсиси паркҳои технологӣ ва маҷмааҳои саноатӣ, ташаккули иқтисоди "сабз", инчунин ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ густариш дода мешавад.*

*Ноороមиву низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни олам, шиддат гирифтани мухолифатҳои сиёсӣ ва таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат моро водор месозанд, ки барои пешгирӣ кардани тасъсири манфии онҳо ба иқтисодиёти кишварамон тадбирҳои саривақтӣ андешем.*

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон***

Замима

ба қарори
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «22» декабри соли 2025, №271

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 (минбаъд – Барнома ё БМР 2026-2030) яке аз муҳимтарин ҳуҷҷати банақшагирии стратегии давлатӣ буда, марҳилаи сеюми татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд – СМР-2030)-ро дар бар мегирад.

2. Барнома ҷиҳати иҷрои супориши паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ бо дарназардошти дастовардҳои марҳилаҳои қаблӣ – Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (минбаъд – БМР 2016-2020) ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (минбаъд – БМР 2021-2025) таҳия гардида, ҳамчун нақшаи амал барои таҳкими пояҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, муҳити зист ва институтсионалии кишвар мусоидат менамояд.

3. Марҳилаи нави рушди кишвар дар шароите оғоз меёбад, ки таҳдидҳои ҷаҳонӣ — аз қабили шиддат гирифтани вазъи геосиёсии ҷаҳон ва низоъҳои тиҷоратӣ, пайомадҳои тағйирёбии иқлим, ҳамчунин рушди босуръати илму технология ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон, бетаъсир намемонанд. Аз ин рӯ, дар Барнома истифодаи самараноки захира ва имкониятҳои мавҷуда, инчунин роҳҳои пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолии беруна ба иқтисоди миллӣ пешбинӣ шудаанд.

4. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми татбиқи БМР 2021-2025 Ҳукумати кишвар як қатор тадбирҳои зарурӣ андешида, ба дастовардҳои назарраси иқтисодию иҷтимоӣ ноил гардид. Аз ҷумла, дар ин давра суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 8,5 дарсад таъмин гардид, ки нисбат ба нишондиҳандаи пешбинигардидаи Барнома 1 банди фоизӣ зиёд аст. Инчунин таваррум дар сатҳи миёнасолонаи 4,8 фоиз муътадил нигоҳ дошта шуд, ки нисбат ба нақша 1,2 банди фоизӣ паст аст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ 2 маротибагӣ афзоиш ёфтанд. Фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ қариб 2 баробар зиёд шуд. Дарозумрии миёнасолонаи аҳолӣ то 76,6 сол баланд шуд. Сатҳи муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ (минбаъд – КАТС) бо таҷҳизоти муосири озмоишиву ташхисӣ нисбат ба нишондиҳандаи пешбинишудаи Барнома 13 дарсад баланд гардид. Ҳиссаи маъюбон, ки бо воситаҳои техникии ёрирасон таъмин гардиданд, то 96 дарсад расонида шуд. Фавти кӯдакони то яксола аз 14 то 12 ба 1000 зиндатаваллуд,

фавти кӯдакони то панҷсола аз 18 то 14 ба 1000 зиндатаваллуд ва фавти модарон аз 29 то 26 ба 100 ҳазор зиндатаваллуд коҳиш ёфт.

5. Сабақҳои андӯхтаи БМР 2021-2025 нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди дастовардҳои ноилгардида ҳанӯз имкониятҳои истифоданашуда ва монеаҳои маъмурӣ барои боз ҳам беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар мавҷуд мебошанд. Ҳанӯз пурра коркард нашудани ашёи хоми ватанӣ, бахусус пахта, алюминий, канданиҳои фоиданок, маҳсулоти кишоварзӣ ва ашёи хоми дигар, куҳнаю фарсуда гардидани як қисми инфрасохтори ирригатсионӣ, норасогии неруи барқ дар давраи тирамоҳу зимистон, нокифоягии маблағгузорӣ ва ҷалби сармоя ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ ва татбиқи барномаҳо, мушкилоти суръат ва фарогирии интернет , ҷараёни сусти рақамигардонӣ ва истифодаи маҳдуди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, норасогии инфрасохтори муосири авиатсионӣ, мутобиқ набудани сифати таҳсилот ва баъзе хизматрасониҳои тиббӣ ба талаботи замон, инчунин ҳамгироии сусти илм ва истеҳсолот аз ҷумлаи мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мераванд.

6. Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон — баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар дар асоси рушди устувори иқтисодӣ буда, чор ҳадафи стратегӣ дар Барнома бетағйир боқӣ мемонанд. Барои расидан ба ин ҳадафҳо ва дар асоси сабақҳои андӯхта дар Барнома ба як қатор самтҳо афзалият дода мешавад, аз ҷумла:

- таъмини устувории макроиқтисодӣ;
- таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисод;
- баланд бардоштани рақобатпазирии бахши воқеии иқтисодӣ;
-саноатикунонии босуръат бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ;
- рушди зеҳни сунъӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (IT);
- ҷалби сармоягузории назаррас (бо такя ба беҳтаргардонии фазои сармоягузорӣ ва дастгирии рушди истеҳсолоти рақобатпазир);
- ташаккули модели иқтисодии ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта;
- истифодаи васеи имкониятҳои транзитӣ ва сайёҳӣ;
- рушди иқтисоди «сабз» ва иқтисоди даврагӣ, тавсеаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия;
- рақамикунонии соҳаҳои асосии иқтисодӣ ва таҳкими ҳукумати электронӣ;
- идоракунии самараноки захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист;
-рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва хизматрасониҳои тиббӣ;
- таъмини баробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ;
- рушди мутавозини минтақаҳо ва коҳиш додани тафовути иҷтимоию иқтисодӣ байни онҳо;
- татбиқи васеи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (минбаъд – ШДБХ;
- ҳамгироии фаъол ба иқтисоди минтақавию ҷаҳонӣ ва тавсеаи ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ.

7. Бо дарназардошти ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон БМР 2026-2030 мутобиқ ба Ҳадафҳои рушди устувор (минбаъд – ҲРУ) таҳия гардида, ба ҳамгироии онҳо дар ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ва барномавии кишвар мусоидат менамояд. Дар ин замина ҳамаи ҳадафҳо ва вазифаҳои Барнома ба принсипи асосии Рӯзномаи глобалӣ оид ба рушди устувор то соли 2030 «касеро дар канор намегузорем» ҳамоҳанг карда шудааст.

8. Бо мақсади иҷрои пурраи Барнома Нақшаи чорабиниҳо бо маблағгузории 174 млрд сомонӣ ва низоми мукаммали мониторинг ва арзёбӣ таҳия гардида, масъулияти мақомоти давлатӣ дар сатҳҳои миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ, инчунин иштироки фаъоли бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд пешбинӣ мегардад.

9. Татбиқи БМР 2026-2030 барои ноил гардидан ба ҳадафу афзалиятҳои муайяннамудаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, бахусус баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар мусоидат менамояд.

## 2. НАТИҶАИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2021-2025

### §2.1. Натиҷаи фосилавии татбиқи БМР 2021-2025 ва сабақҳои андӯхта

10. Дар давраи дуюми татбиқи СМР-2030 тадбирҳои андешидаи Ҳукумати мамлакат ба амалишавии ҳадафу афзалиятҳои стратегии кишвар, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон муайян шудаанд, равона гардиданд.

11. Дар кишвар ҷараёни ислоҳоти иқтисодӣ ва идоракунӣ идома ёфта, низоми маҷмуии банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ фаъол гардид ва тамоми соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар бо барномаҳои рушд фаро гирифта шуданд.

12. Инчунин дар ин давра ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии (минбаъд – ҲБС) сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ қабул гардиданд, ки барои таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ, ҳамоҳангсозии раванди банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ заминаи устувор гузоштанд.

13. Бо мақсади ба низоми ягона даровардани раванди таҳия ва арзёбии ҲБС Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» қабул карда шуд, ки барои мукаммалсозии раванди банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ дар ҳама соҳаҳои муҳими иқтисодию иҷтимоии кишвар ва иҷрои босифати ҳадафҳои пешбинигардида заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ фароҳам месозад.

.

14. Дар ин давра ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (минбаъд – ММД) 2,1 маротиба афзуд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ 2 маротибагӣ афзоиш ёфтанд. Фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ қариб 2 баробар зиёд шуд. Дарозумрии миёнасолонаи аҳолӣ то 76,6 сол баланд шуд. Сатҳи муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои КАТС бо таҷҳизоти муосири озмоишиву ташхисӣ нисбат ба нишондиҳандаи пешбинишудаи Барнома 13 дарсад баланд

гардид. Ҳиссаи маъюбон, ки бо воситаҳои техникии ёрирасон таъмин гардиданд, то 96 дарсад расонида шуд. Фавти кӯдакони то яксола аз 14 то 12 ба 1000 зиндатаваллуд, фавти кӯдакони то панҷсола аз 18 то 14 ба 1000 зиндатаваллуд ва фавти модарон аз 29 то 26 ба 100 ҳазор зиндатаваллуд коҳиш ёфт.

15. Дар давраи татбиқи БМР 2021-2025 дар самти рушди соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ як қатор ислоҳоти назарраси институтсионалӣ анҷом дода шуд.

16. Дар ин самт қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои банақшагирии воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи Комиссияи доимоамалкунанда оид ба баррасӣ ва арзёбии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раддабандиҳои байналмилалӣ», Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037, Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025, Барномаи дастгирии давлатӣ ва рушди бахши хусусӣ барои солҳои 2023-2027, Нақшаи амал оид ба рушди соҳибкории ҷавонон ва сармояи венчурӣ барои солҳои 2024-2026 ва якчанд стратегияву барномаҳои соҳавӣ қабул гардида, ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки барои ҷалби сармоя ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намуданд.

17. Бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳурӣ мораторий ба санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ то 1 январи соли 2027 эълон карда шуд.

18. Дар доираи ислоҳоти низоми санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор шумораи мақомоти санҷишӣ аз 26 адади соли 2021 то ба 23 адад дар соли 2024 ва санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз 300 ҳазори соли 2016 то ба 42 ҳазор дар соли 2024 кам карда шуд, ки ин бевосита барои аз байн бурдани монеаҳо барои рушди соҳибкориву сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

19. Тадбирҳо ҷиҳати то 60 дарсад кам кардани номгӯйи ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ идома дошта, шумораи номгӯйи чунин ҳуҷҷатҳо аз 280 адади соли 2023 то 208 адад дар соли 2024 кам карда шуд.

20. Ислоҳоти гузаронидашуда ба афзоиши мунтазами шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна мусоидат намуда, дар натиҷа шумораи субъектҳо аз 338,8 ҳазор адад дар соли 2021 то ба 365,3 ҳазор адад дар соли 2024 зиёд гардид.

21. Бақайдгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ тибқи низоми «Равзанаи ягона» ройгон ба роҳ монда шуда, ин раванд дар муҳлати 24 соат анҷом дода мешавад.

22. Инчунин дастрасии соҳибкорон ва аҳолӣ ба воситаҳои молиявию қарзии низоми бонкӣ мунтазам афзоиш ёфта, дар соли 2024 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба соҳаҳои иқтисод ба маблағи 24,6 млрд сомонӣ қарз пешниҳод

карда шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2020 14,6 млрд сомонӣ ё 2,4 маротиба зиёд мебошад. Дар солҳои 2021-2024 дар маҷмуъ ба иқтисод аз ҷониби низоми бонкӣ зиёда аз 70 млрд сомонӣ, аз ҷумла барои рушди соҳибкорӣ 45 млрд сомонӣ маблағҳои қарзӣ ҷудо гардиданд.

23. Ҳаҷми умумии сармояи хориҷӣ дар солҳои 2021-2024 ба 11,2 млрд доллар баробар гардид, ки аз он 1,7 млрд доллари ИМА сармоягузории мустақим ва 9,5 млрд. доллар дигар сармоягузориҳо мебошанд. Сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соли 2024 ба 459 млн доллари ИМА баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли 2020 2,8 маротиба бештар бошад ҳам, барои афзалиятҳои рушди кишвар кифоя нест.

24. Таҳлил нишон медиҳад, ки давоми солҳои 2021-2024 тақрибан 70 дарсади сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаи саноат, аз ҷумла беш аз 60 дарсад ба саноати истихроҷ ва коркард равона гардида, боқимонда ба соҳаҳои сохтмон, кишоварзӣ, нақлиёт ва алоқа, савдо ва хизматрасонӣ, миёнаравии молиявӣ ва соҳаҳои дигар рост меояд.

25. Дар солҳои 2021-2024 дар доираи созишномаҳои сармоягузории баимзорасонидашуда ба иқтисоди Ҷумҳурӣ беш аз 10 млрд сомонӣ сармояи мустақими ватанию хориҷӣ ҷалб карда шуда, зиёда аз 17 корхонаи истеҳсолӣ сохта, ба истифода дода шуданд.

26. Дар давраи татбиқи Барнома барои амалишавии лоиҳаҳои афзалиятноки Ҷумҳурӣ бо шарикони рушд 121 созишномаи қарзию грантӣ ва кумаки техникӣ ба маблағи 3,8 млрд доллар ба имзо расонида шуд.

27. Дар давоми солҳои 2021-2024 зиёда аз 80 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ карда шуда, дар доираи лоиҳаҳои мазкур ба иқтисоди кишвар беш аз 2 млрд доллари ИМА ҷиҳати рушди соҳаҳои воқеии иқтисод, бахусус энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, обёрӣ, обтаъминкунӣ, рушди инфрасохтори маҳаллӣ, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, муҳити зист, идоракунии давлатӣ ва бахшҳои дигар ҷалб карда шуданд.

28. Тибқи маълумоти оморӣ дар давраи татбиқи Барнома ҳиссаи маблағгузориҳои хусусӣ дар ММД аз 8,2 дарсад дар соли 2021 ба 8,7 дарсад дар соли 2024 баробар шуд, ки нисбат ба нишондиҳандаи пешбинишудаи Барнома дар соли 2024 0,1 банди фоизӣ зиёд аст.

29. Ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ дар солҳои 2021-2024 ба 75 млрд сомонӣ баробар гардида, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ манзили истиқоматӣ ба масоҳати 6,6 млн метри мураббаъ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ барои зиёда аз 110,5 ҳазор ҷойи нишаст, иншооти тандурустӣ барои бештар аз 3 ҳазор ҷойи қабул ва кат сохта, ба истифода дода шуданд.

30. Ҳамзамон маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ дар соли 2024 22,5 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли 2020 1,9 маротиба зиёд мебошад.

31. Дар давраи татбиқи БМР 2021-2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 2 маротиба зиёд гардида, суръати рушди миёнасолаи он 20 дарсадро ташкил дод, ки нисбати баъзе шарикони тиҷоратӣ 3-4 маротиба баланд аст.

32. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2024 ба 74 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2020 31,2 млрд сомонӣ ва ё 2 маротиба зиёд мебошад.

33. Дар доираи БМР 2021-2025 бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи стратегии раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додан ба кишвари транзитӣ 39 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 3,6 млрд доллар дар соҳаи нақлиёт татбиқ гардид. Дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 дар арзёбии Форуми иқтисодии ҷаҳонӣ аз рӯйи сифати роҳҳо дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷойи аввал ва дар байни 165 кишвари ҷаҳон то ҷойи 44-ум мавқеи худро беҳтар намуд.

34. Дар ин давра ҳаҷми боркашонӣ 1,7 маротиба ва ҳаҷми мусофиркашонӣ 1,8 маротиба зиёд гардида, ин нишондиҳандаҳо нисбат ба нақшаи пешбинишудаи Барнома барои соли 2024 барзиёд таъмин гардиданд.

35. Гардиши савдои хориҷӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта, дар соли 2024 ба 9 млрд доллар баробар гардид, ки нишондиҳандаи баландтарин дар таърихи соҳибистиқлолии кишвар ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2020 қариб 2 маротиба ё 4,4 млрд доллар зиёд гардид.

36. Дар натиҷаи ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда талаботи бозори истеъмолӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин гардид. Дар соли 2024 содироти 26 номгӯйи молҳои ғайрианъанавии содиротӣ ба маблағи 509 млн доллар анҷом дода шуд. Тамоюли зиёдшавӣ дар 22 номгӯй ба маблағи 380 млн доллар ё 3,2 маротиба бештар нисбат ба соли 2020 ба назар мерасад. Ба ин номгӯйи молҳо сурма, мис, либосворӣ, маҳсулоти кимиёвӣ, нӯшокиҳо, маҳсулоти тарканда, коғазу картон, халтаҳои бастабандӣ, тухмии равғанҳо, маҳсулоти пластмасӣ, маҳсулоти коркардшудаи меваю сабзавот, қолинҳо, маводҳои парфюмерӣ ва нуриҳои минералӣ шомил мебошанд .

37. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи амалигардонии БМР 2021-2025 марҳилаи аввали рақамигардонии соҳаҳои иқтисоди миллиро татбиқ намуд. Аз ҷумла, сохтори алоҳида – Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – АИТР) таъсис ёфта, фаъолияти худро дар самти инноватсия, идоракунӣ ва танзими раванди амалисозии «ҳукумати электронӣ», пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии рақамӣ, гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, имзои электронӣ, савдои электронӣ, амалисозии зеҳни сунъӣ ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд – ТИК) оғоз намуд.

38. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ва «Дар бораи масъалаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ тариқи электронӣ», Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Барномаи савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 ва санадҳои дигар дар ин самт қабул гардида, дар беш аз 100 санади меъёрии ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

39. Истифодабарандагони интернет аз 3,5 млн нафари соли 2021 ба 4,5 млн нафар дар соли 2024 афзоиш ёфт, ки 43 дарсади аҳолиро фаро мегирад.

40. Натиҷаҳои рушди иқтисодӣ ба баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии мардуми кишвар, бахусус беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои иҷтимоию демографии зерин мусоидат намуданд:

- нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 1,6 дарсад паст шуда, дар соли 2024 то 20,4 дарсад коҳиш ёфт;
- афзоиши мунтазами маблағгузориҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ – аз 11,7 млрд сомонӣ дар соли 2020 то 23,9 млрд сомонӣ дар соли 2025 ба назар расид;
- фарогирии кӯдакон бо таҳсилоти томактабӣ аз 15 дарсад то қариб 30 дарсад баланд гардид;
- барои фарогирии пурраи хонандагон ҳамасола зиёда аз 200 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва синфхонаҳои иловагии муҷаҳҳазгардонидашуда бунёд ва азнавсозӣ карда шуданд;
- ҳамасола зиёда аз 200 ҳазор нафар ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб гардида, ин нишондиҳанда дар давоми 5 соли охир ба беш аз 1 млн нафар расонида шуд;
- заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, аз ҷумла дар деҳот беҳтар гардид;
- силсилаи тадбирҳо дар самти таъмини баробарии гендерӣ имконият доданд, ки шумораи духтарони бо таҳсилот фаро гирифташуда аз 1,2 млн нафар дар соли 2020 то беш аз 1,32 млн нафар дар соли 2024 ва шумораи занони дар низоми маориф ва тандурустии кишвар шуғлдошта мутаносибан аз 25 ва 79 ҳазор дар соли 2020 то 108 ва 82 ҳазор дар соли 2025 зиёд шаванд.

41. Дар солҳои 2021-2024 дар кишвар ҳамасола ба ҳисоби миёна 1712,2 ҳаз. $м^2$ хонаҳои истиқоматӣ бунёд карда шуд, ки ин нисбат ба солҳои 2016-2020 беш аз 1,3 баробар зиёд мебошад.

42. Натиҷаҳои бадастомада ва тадбирҳои амалӣ дар самти баланд бардоштани некӯаҳволии мардуми кишвар бевосита бо ноилшавӣ ба ҲРУ, аз ҷумла бо коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ (ҲРУ 1), беҳтар намудани ғизо (ҲРУ 2), тарғиби тарзи ҳаёти солим (ҲРУ 3), беҳтар намудани фарогирии аҳолӣ бо таҳсилот (ҲРУ 4), тавсеаи имкониятҳои иқтисодии занон (ҲРУ 5), рушди иқтисодӣ ва шуғли пурмаҳсул (ҲРУ 8) ва коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ (ҲРУ 10) алоқаманд мебошанд.

43. Ҳангоми ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ дар асоси принсипи сафарбарнамоии як қисми захираҳои мавҷуда барои татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, аз ҷумла гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ арзёбии таъсир ба ҳуқуқи инсон (HRIA) ва арзёбии таъсири гендерӣ (GRIA) ба инобат гирифта шуданд.

44. Тибқи уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҲРУ ба раванди банақшагирии стратегӣ ҳамгироӣ шуданд.

45. Сабақҳои андӯхтаи БМР 2021-2025 нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди дастовардҳои ноилгардида то ҳол имкониятҳои истифоданашуда ва монеаҳои маъмурӣ барои боз ҳам беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар мавҷуд мебошанд. Дар ин радиф сатҳи нокифояи коркарди ашёи хоми ватанӣ — аз ҷумла пахта, алюминий, маъданҳо, маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар намудҳои ашёи хом; куҳнаю фарсуда гардидани як қисми инфрасохтори ирригатсионӣ; норасогии неруи барқ дар мавсими тирамоҳу зимистон; нокифоя

будани маблағгузорӣ ва ҷалби сармоя ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ ва татбиқи барномаҳо; мушкилоти суръат ва фарогирии интернет; ҷараёни сусти рақамигардонӣ ва истифодаи маҳдуди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ; норасогии инфрасохтори муосири авиатсионӣ; мутобиқ набудани сифати таҳсилот ва баъзе хизматрасониҳои тиббӣ ба талаботи замон; норасогии мутахассисони баландихтисос; инчунин сатҳи пасти ҳамгироии илм ва истеҳсолот аз ҷумлаи мушкилоти асосӣ ба ҳисоб меравaнд.

### §2.2. Маблағгузории татбиқи БМР 2021-2025

46. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҲҶТ) дар давраи амалишавии БМР 2021-2025 барои таъмини иҷрои чорабиниҳои банақшагирифташуда маблағҳоро аз ҳамаи сарчашмаҳо то ҳадди имкон равона кард.

47. Дар доираи БМР 2021-2025 ҳаҷми умумии маблағҳои пешбинишуда аз рӯйи ҳамаи сарчашмаҳо 115,3 млрд сомониро ташкил дода, аз он 51,3 млрд сомонӣ ё 44,5 дарсад аз буҷети давлатӣ, 35,1 млрд сомонӣ ё 30,5 дарсад аз ҳисоби шарикони рушд ва 28,9 млрд сомонӣ ё 25 дарсад аз ҳисоби бахши хусусӣ ҷалб карда мешавад.

48. Мониторинг ва арзёбии амалишавии Нақшаи чорабиниҳои БМР 2021-2025 нишон дод, ки дар ин давра аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 84 млрд сомонӣ ҷалб ва масраф шудааст, ки 73 дарсади маблағҳои пешбинишударо ташкил медиҳад. Аз ҷумла, аз ҳисоби буҷети давлатӣ 23 млрд сомонӣ ё 45 дарсади нақша, шарикони рушд 33 млрд сомонӣ ё 94 дарсад ва бахши хусусӣ 28 млрд сомонӣ ё 97 дарсади нақша иҷро шудааст.

### §2.3. Таҷрибаи амалии Тоҷикистон дар татбиқи равандҳои милликунонӣ ва маҳалликунонии Ҳадафҳои рушди устувор

49. Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба татбиқи ҲРУ дар давоми 10 соли охир дар ду Шарҳи ихтиёрии миллӣ (минбаъд – ШИМ) солҳои 2017 ва 2023 дар Форуми сиёсии сатҳи баланди СММ оид ба рушди устувор дар шаҳри Ню-Йорк муаррифӣ гардиданд.

50. Бо дарназардошти дастовардҳои назарраси кишвар СММ барои муаррифӣ намудани ҲРУ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари пилотӣ интихоб намуд. Ин шаҳодат медиҳад, ки нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар, бахусус ба таври назаррас коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва суръати баланди рушди иқтисодӣ аз ҷониби ин созмон ҳамчун таҷрибаи муваффақ эътироф гардидааст.

51. Дар баробари ин ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои глобалӣ тадбирҳои дахлдор дар сатҳи маҳаллӣ низ бояд андешида шаванд. Дар ин радиф соли 2024 дар Форуми ҷаҳонии шаҳрҳои устувор (дар шаҳри Қоҳира) аввалин Шарҳи ихтиёрии маҳаллии шаҳри Душанбе оид ба дастовардҳои пойтахт дар самти маҳаллисозии ҲРУ муаррифӣ гардид, ки афзалиятҳои рушди шаҳрро дар самти шаҳри устувор ва «ҳушманд» муайян намуд.

52. Айни замон Тоҷикистон дар марҳилаи фаъоли маҳаллисозии ҲРУ қарор дошта, ҳадафҳои сатҳи ҷаҳонӣ бо ҳадафҳо ва тадбирҳои маҳал ҳамоҳанг карда мешаванд.

53. Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пешниҳоди ташаббусҳо ба Рӯзномаи глобалӣ 2030 пешсаф буда, як қатор ташаббусҳои ҷумҳурӣ оид ба масъалаҳои об, иқлим, пиряххо, зеҳни сунъӣ ва варзиш ба ин рӯзнома ворид карда шуданд.

54. Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ ҷиҳати расидан ба ҲРУ ҲБС кишварро бо татбиқи ҲРУ ҳамгирой намуда, барои беҳтар намудани нишондиҳандаҳои кишвар талош меварзад.

55. Дар давоми 10 соли охир саъю кӯшишҳо ба милликунонии ҲРУ равона шуданд.

Расми 1. Марҳилаҳои асосии татбиқи ҲРУ




56. Таҷрибаи кишвар дар татбиқи БМР 2016-2020 ва БМР 2021-2025 ҳамчун марҳилаҳои якум ва дуюми татбиқи СМР-2030 нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти татбиқи ҲРУ мавқеи хубро касб намудааст.

57. Тибқи арзёбии Ҳисоботи Институти Бертелсман (Bertelsmann/SDSN) оид ба шохис ва маҷмуи нишондиҳандаҳои ҲРУ барои соли 2023 Тоҷикистон бисёре аз нишондиҳандаҳои ҲРУ-ро дар сатҳи аз 90 дарсад боло амалӣ намуда, ба ҳисоби миёна 68,1 дарсади натиҷаҳои беҳтарини имконпазирро барои 16 ҲРУ ба даст овардааст (кишвар дар татбиқи ҲРУ 14 иштирок намекунад). Аз ҷумла,

ҲРУ 13 «Мубориза бо тағйирёбии иқлим» – 96,9 хол, ҲРУ 12 «Истеъмол ва истеҳсолоти бомасъулият» – 91,6 хол, ҲРУ 7 «Энергияи дастрас ва тоза» – 86,4 хол ва ҲРУ 1 «Бартараф кардани камбизоатӣ» – 81,7 хол амалӣ шуданд.

58. Низоми маҳаллисозии ҲРУ дар кишвар мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллӣ, Парлумон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шарикони рушд ва воситаҳои ахбори омма (минбад – ВАО)-ро фаро гирифта, тадбирҳои зеринро дар бар мегирад:

- тақвият бахшидани раванди ҳамгироии ҲРУ дар барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии сатҳи маҳал;
- таъмини иштироки фаъоли ҷонибҳои дахлдор дар ташаккули афзалиятҳои буҷетӣ ва гузаронидани муҳокимаҳои ҷамъиятии сатҳи маҳал дар ҷаласаҳои маҷлиси вакилони халқи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати арзёбӣ ва вазифагузорӣ бо дарназардошти дастовардҳо дар татбиқи ҲРУ;
- ташкил ва таҳкими платформаҳои иттилоотӣ дар сатҳи шаҳрҳо ва ноҳияҳои кишвар барои инъикоси раванди татбиқи ҲРУ;
- беҳтар кардани ҷамъоварии маълумот, таҳияи методологияи татбиқ ва мониторинги ҳадафҳои рушди маҳал, ки бо ҲРУ вобастаанд.

59. Дар татбиқи ҲРУ ҳуқуқи байналмилалӣ вобаста ба арзишҳои инсон мувофиқи Рӯзномаи глобалӣ 2030 ба инобат гирифта мешавад.

## §2.4. Параметрҳои мақсадноки СМР-2030: зарурият ва муҳимияти таҷдиди онҳо бо дарназардошти ҲРУ

60. Дар СМР-2030 қайд карда шудааст, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳар сол бо дарназардошти мониторинг ва арзёбии вазъи иқтисоди глобалӣ ва миллӣ ва таъсири онҳо ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ муқаррароти онро такмил медиҳад.

61. Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар барои комёб шудан ба параметрҳои мақсадноки СМР-2030 такони ҷиддӣ мебахшад. Бо дарназардошти ин дар СМР-2030 тағйирот ворид гардида, таъмини саноатикунонии босуръати кишвар ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ҳамчун ҳадафи чоруми стратегӣ пешбинӣ шуд.

62. Ба анҷом расидани сохтмони лоиҳаҳои афзалиятноки гидроэнергетикӣ ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ имкон медиҳанд, ки истиқлоли энергетикии кишвар таъмин гардида, иқтидори энергетикаи «сабз» боз ҳам баланд бардошта шавад ва барои амалӣ намудани ҲРУ 9 ва ҲРУ 7 заминаи устувор гузошта шавад.

63. Истиқлоли энергетикӣ барои рушди иҷтимоӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро он барои ҳалли масъалаҳои аз байн бурдани камбизоатӣ (ҲРУ 1), саломатӣ ва некуаҳволӣ (ҲРУ 3), баробарии гендерӣ (ҲРУ 5) ва таъмини дастрасии умум ба сарчашмаҳои арзон, боэътимод, устувор ва муосири энергия (ҲРУ 7) таъсири бевосита мерасонад.

64. Тағйироти реҷаҳои гидрологӣ дар натиҷаи тағйирёбии иқлим (ҲРУ 13) метавонад ба устувории дарозмуҳлати иқтидори гидроэнергетикӣ ва зарурати истифодаи дигар сарчашмаҳои барқароршавандаи энергия таъсир расонад ва дар таъмини мувозинати энергетикӣ (ҲРУ 7) нақши муҳим бозад.

65. Ноил гардидан ба ҳадафи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат барои ҳаёти солиму бардавом, фаъолнокии ҷисмонӣ ва зиндагии шоистаи аҳолӣ нақши ҳалкунанда дорад.

66. Шарҳи татбиқи БМР 2016-2020 ва БМР 2021-2025 нишон дод, ки давом додани фаъолият дар самти ҳамгироии долонҳои наздисарҳадӣ ва миллии нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ, бахусус зиёд кардани боркашонӣ ва мусофиркашонӣ аз рӯйи намудҳои нақлиёти ба нишондиҳандаҳои ҲРУ алоқаманд, таъмини ҳамлу нақли солонаи нақлиётӣ байни шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионии ҷавобгӯи вазифаҳои ҲРУ зарур шуморида мешавад..

67. Дар давраи миёнамуҳлати минбаъда инчунин ба рушди бахши суғурта, барномаи нафақаи андӯхташаванда ва фаъолгардонии бозори такрории коғазҳои қимматнок афзалият дода мешавад.

68. Натиҷаҳои таъсири саноатикунонии босуръат ба равандҳои демографӣ дар кишвар дар 5-10 соли минбаъда воқеан эҳсос мегарданд. Бинобар ин ба тақвияти унсури инноватсионии шуғл ва баланд бардоштани суръати афзоиши маҳсулнокии меҳнат нисбат ба суръати афзоиши музди меҳнат таваҷҷуҳ дода мешавад.

69. Дар параметрҳои мақсадноки СМР-2030 ба ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди «сабз» дар соҳаҳои иқтисодӣ, , иҷтимоӣ ва ҳамчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътибор дода мешавад.

70. Бо дарназардошти таъмин гардидани рушди устувор, рақамикунонии иқтисоди миллӣ, татбиқи ҳукумати электронӣ ва зеҳни сунъӣ, омода намудани кадрҳои соҳибихтисос дар соҳаҳои илмҳои дақиқу табиатшиносӣ ва риёзӣ, мутахассисони навовар ва технократ параметрҳои мақсадноки СМР-2030 таҷдиди назар карда мешаванд.

71. Бо дарназардошти уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон вобаста ба ҲРУ дар ин марҳила идома додани пайгирии принсипи фарогирӣ, ки ба инобат гирифтани эҳтиёҷот ва фарогирии ҳамаи гурӯҳҳои аҳолӣ (мутобиқи ҷинс, синну сол, маъюбӣ, вазъи иҷтимоӣ, маҳалли истиқомат, мансубияти этникӣ ва ғайраҳо) дар равандҳои рушдро пешбинӣ менамояд, мувофиқи мақсад мебошад.

72. Тадбирҳои воқеӣ ҷиҳати дастгирӣ ва таҳким додани низоми КАТС, хизматрасонии суроғавии иҷтимоӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ низоми мониторинг ва иттилоотро бояд дар бар гирад.

73. Дар барномаи навбатии миёнамуҳлати рушд афзалиятҳои миллӣ дар самти волоияти қонун бо мақсади бештар мутобиқ намудани онҳо ба талаботи ҲРУ 16 таҷдиди назар карда мешаванд. Бинобар ин дар БМР 2026-2030 масъалаи ташкил додани майдони муколамаи иҷтимоӣ байни намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти волоияти қонун ва дастрасӣ ба ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун фишанги муассири такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ зарур арзёбӣ мегардад.

# 3. ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МАКРОИҚТИСОДӢ: ҲАДАФ, АФЗАЛИЯТ ВА СЕНАРИЯҲОИ РУШД

## §3.1. Ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ

74. Дар марҳилаи дуюми татбиқи СМР-2030 ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, новобаста аз вазъи мураккаби иқтисоди глобалӣ, вазорату идораҳо дар самтҳои таъмини устувории макроиқтисодӣ, кам кардани таъсири омилҳои манфии берунӣ ба иқтисоди миллӣ, ҷалби сармоя, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, татбиқи иқтисоди рақамӣ ва «сабз», рушди низоми бонкӣ ва молияи давлатӣ як қатор корҳоро ба анҷом расониданд.

Расми 2. Афзоиши ҳаҷми номиналӣ ва рушди воқеии ММД дар солҳои 2016-2025




75. Татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва тадбирҳои зиддибуҳронии Ҳукумати кишвар имкон доданд, ки дар 5 соли охир (марҳилаи дуюми татбиқи СМР-2030), новобаста аз таъсири ду буҳрони шадиди глобалӣ, суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,7 дарсад (8,5 дарсад бе дарназардошти соли 2020 – соли паҳншавии пандемияи КОВИД-19)-ро ташкил намуда, нисбат ба 5 соли қаблӣ (марҳилаи якуми татбиқи СМР-2030) 1,8 банди дарсадӣ зиёд гардад.

Расми 3. Афзоиши ММД дар давраи солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 (соли 2025 бо дарназардошти баҳодиҳии пешбинишуда)




76. Дар солҳои 2021-2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ – 2 маротиба, савдои дохилӣ – 2,7 маротиба, хизматрасонии пулакӣ – 2,2 маротиба, боркашонӣ – 1,8 маротиба, мусофиркашонӣ – 1,7 маротиба ва гардиши савдои хориҷӣ – 2,1 маротиба, бахусус содирот – 1,6 маротиба зиёд шуд.

77. Бо мақсади пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ нақшаҳои чорабиниҳо бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №557 ва аз 18 марти соли 2022, №116 ба тасвиб расиданд.

78. Дар доираи иҷрои қарори мазкур давоми солҳои 2022-2025 17 ҷаласаи Ситоди байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии амалишавии сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ баргузор гардида, дар кори он масъалаҳои таъмини устувории макроиқтисодӣ ва низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатии дорои арзиши баланди иловашудаи ба содирот нигаронидашуда, таъмини фаъолияти устувори корхонаҳои давлатӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва дастрасӣ ба интернет, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ниёзи аввал, пешгирии болоравии нархҳо, ҳифзи қишри осебпазири аҳолӣ, инчунин дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ ва рушди сайёҳӣ баррасӣ гардида, қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

79. Новобаста аз натиҷаҳои бадастомада, таҷрибаи татбиқи марҳилаи якум ва дуюми татбиқи СМР-2030 нишон дод, ки самаранокии банақшагирӣ ва идоракунии стратегӣ аз дараҷаи ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ вобаста мебошад. Сатҳи нокифояи ҳамгироии низоми банақшагирии стратегӣ, татбиқи барномаҳои рушди соҳавӣ ва маҳаллӣ бо раванди банақшагирии буҷетӣ ҳамчун масъалаи ҳалталаб боқӣ мемонад.

80. Тағйирёбии иқлим андешидани тадбирҳо дар самтҳои таъмини устувории макроиқтисодӣ, аз ҷумла суботи молиявӣ, истифодаи фишангҳои молиявии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва рушди неруи инсонӣ, гузариш ба модели иқтисодии ба дониш ва навоварӣ асосёфта, инчунин тобовар намудани иқтисоди миллӣ ба таҳдиду хатарҳои ҷаҳони имрӯза тавассути муттаҳид намудани иқтидору захираҳои мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ҷалби бештари сармоя ва идомаи равандиислоҳот муҳим мебошад.

81. Дар Барнома бо дарназардошти ҳадафу афзалиятҳои муайяннамудаи Ҳукумати кишвар тибқи СМР-2030 вобаста ба ҳамоҳангсозии татбиқи сиёсати макроиқтисодӣ ва таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, истифодаи захираву имкониятҳои мавҷуда, дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон дар се сенария пешбинӣ шуд.

## §3.2. Сенарияҳои рушди устувор

82. Дар Барнома се сенарияи рушд пешбинӣ шудааст:

1) сенарияи муқаррарӣ;
2) сенарияи некбинона;
3) сенарияи шиддатнок.

83. Сенарияҳои рушди БМР 2026-2030 идомаи мантиқии БМР 2021-2025 буда, тибқи СМР-2030 пешбинӣ шудаанд. Мақсади асосии пешгӯиҳои сенария нишон додани робитаи байни рушди миёнамуҳлати иқтисодӣ ва имкониятҳои сармоягузории онро дар бар мегирад.

84. Асоси таҳияи сенарияҳои БМР 2026-2030-ро омилҳои зерин ташкил медиҳанд:

- дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадафу афзалиятҳои рушди Ҳукумати ҷумҳурӣ;
- манбаъҳои нави рушд;
- афзоишёбии ҳиссаи саноат дар сохтори ММД;
- тамоюли демографӣ;
- рушди мутавозунии минтақаҳо;
- имкониятҳои сармоягузорӣ;
- тағйирнопазирии ҳиссаи маблағгузорӣ ба бахши иҷтимоӣ нисбат ба ММД;
- таъсири омилҳои манфии беруна.

85. Нишондиҳандаҳои асосии мақсадноки БМР 2026-2030 дар асоси моделҳои муосири эконометрикии макроиқтисодӣ, аз ҷумла модели динамикии мувозинати умумӣ (Dynamic General Equilibrium Modeling) баҳодиҳӣ карда шудаанд.

86. Сенарияи муқаррарӣ бе андешидани чораҳои мушаххаси пешгирикунанда дар ҳолати сар задани буҳронҳои глобаливу тағйирёбии вазъи бозори истеъмолӣ, кам шудани ҳаҷми сармоягузории дохиливу хориҷӣ ва ҳолатҳои дигари коҳишёбӣ ё бетағйир будани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ пешбинӣ шудааст.

87. Дар сенарияи муқаррарӣ рушди миёнасолонаи ҳаҷми сармоягузорӣ – 4,7 дарсад, савдои дохилӣ – 5,6 дарсад, хизматрасонии пулакӣ – 4,8 дарсад, боркашонӣ ва мусофиркашонӣ – 4,6 дарсад, суръати рушди соҳаҳои саноат – 9,5 дарсад ва кишоварзӣ 4-5 дарсадро ташкил медиҳад.

88. Бо дарназардошти тағйирёбии вазъи соҳаҳо дар давраи миёнамуҳлати солҳои 2026-2030 суръати миёнасолонаи афзоиши ММД дар сатҳи 5-6 дарсад пешбинӣ мегардад. Дар маҷмуъ, дар заминаи сустшавии суръати рушди соҳаҳо ҳаҷми номиналии ММД ҳамагӣ 1,5 маротиба, ММД-и воқеӣ 1,4 маротиба ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 1,4 маротиба зиёд мегардад.

89. Сенарияи некбинона истифодаи самараноки захираҳои миллиро бо дарназардошти андешидани тадбирҳои доимии пешгирикунанда аз таъсири хавфҳои эҳтимолӣ, рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сифатнок татбиқ шудани стратегияву барномаҳои амалкунанда пешбинӣ менамояд.

90. Дар сенарияи некбинона афзоиши миёнасолонаи ҳаҷми сармоягузорӣ – 14,1 дарсад, савдои дохилӣ – 9,1 дарсад, хизматрасонии пулакӣ – 11,5 дарсад, боркашонӣ ва мусофиркашонӣ – 5,6 дарсадро ташкил дода, суръати рушди соҳаҳои саноат ба 13,3 дарсад ва кишоварзӣ ба 7,3 дарсад баробар мегардад. Дар ин сенария суръати миёнасолонаи афзоиши ММД дар сатҳи 7-8 дарсад пешбинӣ мегардад. Вобаста ба ин, дар маҷмуъ, дар панҷ сол ММД-и номиналӣ 1,6 маротиба, ММД-и воқеӣ – 1,5 маротиба ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 маротиба зиёд мегардад.

91. Дар сенарияи шиддатнок истифодаи пурраи захираҳои мавҷуда ва ба кор андохтани иқтидорҳои иловагӣ, ҷалби бештари сармояи мустақими хориҷӣ, густариши соҳибкории истеҳсолӣ, афзоиши истеҳсол ва содироти молҳои дорои арзиши баланди иловашуда, ҳамзамон татбиқи лоиҳаҳои бунёди иншооти калони инфрасохторию истеҳсолӣ бо дарназардошти устувории вазъи иқтисоди глобалӣ пешбинӣ гардидааст.

92. Тибқи ин сенария пешбинӣ мегардад, ки афзоиши солонаи соҳаи саноат дар сатҳи на кам аз 20 дарсад таъмин гардида, тадбирҳо дар самти таъсиси 5 маҷмааи нассоҷӣ, таҷдиди иқтидорҳои истеҳсоли алюминий, бунёди корхонаҳои коркарди маъданҳо, рушди зеҳни сунъӣ ва иқтисоди рақамӣ, пурра ҷорӣ шудани хизматрасониҳои электронӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, бунёди нақшавии агрегатҳои НБО «Роғун», татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, аз ҷумла дар самти иқтисоди «сабз», бахусус дар ҳаҷми 1500 мВт расонидани истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои алтернативии барқароршавандаи неруи барқ, тақвияти иқтидори содиротӣ ва расмикунонии иқтисоди ниҳонӣ андешида мешаванд.

93. Дар сенарияи шиддатнок вобаста ба рушди фарогири иқтисодӣ, бахусус рушди бахши хусусӣ ва амалигардонии афзалиятҳои кишвар, афзоиши сармоягузориҳои давлатӣ дар сатҳи 33,1 дарсад (аз 10 млрд сомонӣ то 15 млрд сомонӣ) ва афзоиши ҳиссаи сармоягузориҳои хусусӣ дар ММД то 25 дарсад пешбинӣ мегардад. Ин сенария чораҳои заруриро дар самти таъмини рушди институтсионалӣ, истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ва ҷорӣ намудани чораҳои пешгирикунанда вобаста ба кам кардани таъсири хавфҳои беруна, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва расидан ба истиқлоли энергетикиро низ ба инобат мегирад. Дар ин раванд ҷалби сармояи хусусии ватанӣ барои таъмини

рушди иқтисодӣ тавассути беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва пешбурди соҳибкорӣ ба таври назаррас афзоиш меёбад.

Расми 4.

**Сенарияи шиддатнок-Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Соли 2026 | | Соли 2027 | | Соли 2028 | | Соли 2029 | | Соли 2030 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Дурнамо | нисбат ба соли 2025 (бо фоиз) | Дурнамо | нисбат ба соли 2026 (бо фоиз) | Дурнамо | нисбат ба соли 2027 (бо фоиз) | Дурнамо | нисбат ба соли 2028 (бо фоиз) | Дурнамо | нисбат ба соли 2029 (бо фоиз) |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) | млн. сомонӣ | 195460 | 108,5 | 221947 | 108,3 | 250925 | 108,6 | 285257 | 109,0 | 325079 | 109,6 |
| Таваррум | бо фоиз | | 104,7 | | 105 | | 104,6 | | 104,5 | | 104,7 |
| ММД ба ҳар нафар аҳолӣ | сомонӣ | 18078 | 110,4 | 20086 | 111,1 | 22198 | 110,5 | 24667 | 111,1 | 27479 | 111,4 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | млн. сомонӣ | 78921 | 120 | 92390 | 119,9 | 105769 | 120,1 | 113090 | 120,1 | 119632 | 120,3 |
| Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ | млн. сомонӣ | 92638 | 108,4 | 99901 | 108,5 | 108894 | 108,2 | 116104 | 108,7 | 122822 | 108,5 |
| Маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ | млн. сомонӣ | 31142 | 116,7 | 35795 | 114,9 | 40493 | 113,1 | 47714 | 117,8 | 54849 | 115,0 |
| Сармоягузории хориҷӣ (карз, грант, мустақим) | млн. доллар | 6652 | 120,0 | 7916 | 119,0 | 9499 | 120,0 | 11304 | 119,0 | 13452 | 119,0 |
| Гардиши савдои дохилӣ | млн. сомонӣ | 83952 | 110,7 | 93435 | 112,0 | 102835 | 110,8 | 115546 | 114,3 | 133144 | 116,6 |
| Хизматрасонии пулакӣ | млн. сомонӣ | 32767 | 111,8 | 37001 | 111,7 | 41855 | 112,6 | 47870 | 109,1 | 53346 | 108,7 |
| Гардиши савдои хориҷӣ | млн. доллар | 10001 | 102,8 | 10419 | 104,2 | 11084 | 106,4 | 11848 | 106,9 | 12107 | 102,2 |

94. Сенарияи шиддатнок афзоиши миёнасолонаи иқтисодиро дар сатҳи 8,5-9,6 дарсад пешбинӣ менамояд. Дар ин давра афзоиши миёнасолонаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ – 20,1 дарсад, аз ҷумла саноати истихроҷ – 17,6 дарсад (аз ҳисоби истихроҷи самараноки канданиҳои фоиданок) ва саноати коркард – 24 дарсад (аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ва сабук, маҳсулоти кимиёвӣ ва фармасевтӣ, металлургияи ранга ва сиёҳ, масолеҳи сохтмонӣ ва мошинсозӣ, энергетика), кишоварзӣ – 8,2-8,5 дарсадро ташкил дода, рушди босуръати соҳаҳои иқтисоди миллиро таъмин менамояд. Вобаста ба ин, дар маҷмуъ, дар панҷ сол ММД-и номиналӣ – 1,9 маротиба, ММД-и воқеӣ – 1,8 маротиба ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 1,7 маротиба зиёд мегардад.

95. Аз таҳлили вазъи воқеӣ ва иқтидорҳои мавҷуда бармеояд, ки ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии дар БМР 2026-2030 пешбинишуда ва нигоҳдории устувории макроиқтисодӣ, инчунин таъмини зиндагии арзанда барои мардуми кишвар аз се сенарияи пешбинишуда ба сенарияи шиддатнок афзалият дода мешавад. Зеро Тоҷикистон дорои манбаъҳо ва имкониятҳои зиёди рушд буда, истифодаи самараноки онҳо барои таъмини нишондиҳандаҳои сенарияи мазкур замина мегузоранд.

96. Дар сенарияҳои пешбинишудаи рушд вазъи тағйирёбанда ва пешгӯинашавандаи иқтисоди глобалӣ, низоъҳои тиҷоратӣ байни кишварҳои

абарқудрат, ҳолати кунунии иқтисоди шарикони тиҷоратӣ, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва дигар омилҳои дохилӣ ва беруна ба назар гирифта шуданд.

## §3.3. Идоракунии хавфи тағйирёбии иқлим

97. Пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба Тоҷикистон солҳои охир бараъло эҳсос мешаванд. Аз рӯйи баҳодиҳии пешакӣ зарари иқтисодию молиявии офатҳои табиӣ 1-2 дарсади ММД-ро ташкил медиҳад.

98. Сиклонҳои гарми ҷанубӣ ва тамоюли умумии гармшавии минтақавӣ ба афзоиши солонаи ҳарорати миёнаи ҳаво аз меъёри муқаррарӣ, аз ҷумла то баландиҳои 1000 м аз сатҳи баҳр +1,9 С, аз 1000 то 2500 м аз сатҳи баҳр +1,6 С, дар баландии 2500 м аз сатҳи баҳр +1,9 С таъсир расонид.

99. Гармшавӣ ба фарқияти боришот дар байни минтақаҳои баландкӯҳӣ оварда расонид. Аз ҷумла, то 1000 м аз сатҳи баҳр, миқдори боришот дар як сол асосан дар доираи меъёри иқлимӣ буда, дар онҳо миқдори ҷамъшавии солонаи боришот 35-40 дарсадро ташкил дод. Дар ноҳияҳое, ки дар баландиҳои 2500 м аз сатҳи баҳр қарор доранд, тамоюл аз меъёри иқлимии солона ба 28-31 дарсад паст шудааст.

100. Дар раванди тағйирёбии иқлим соли 2024 дар миқёси ҷумҳурӣ 874 ҳодисаи гидрометеорологӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2023 70 ҳодиса зиёд мебошад. Дар миқёси ҷумҳурӣ 379 тарма, 189 сел ва 46 ҳолати баландшавии сатҳи оби дарёҳои асосӣ аз меъёри бисёрсола ба қайд гирифта шуд, ки нисбат ба соли 2023 шумораи зуҳуроти селӣ 67 ҳодиса ва зуҳуроти тарма 65 ҳодиса зиёд мебошад.

101. Давоми соли 2024 13 ҳолати воридшавии хокбориш дар ҳудуди ҷумҳурӣ мушоҳида гардид, ки бо хушкшавӣ ва биёбоншавии заминҳои кишварҳои минтақа алоқаманд аст. Солҳои охир афзоиши чунин ҳодиса ба назар расида, то соли 2030 метавонад ба соҳаи кишоварзӣ ва саломатии аҳолии зери хокбориш қарордошта таъсири манфӣ расонад.

102. Ҳолатҳои офатҳои табиии қайдшуда ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ, бахусус занону кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад. Кӯдакон зери таъсири мавҷҳои гармии офтоб, обхезӣ, заминларза ва хокбориш қарор доранд, ки ҳифз намудани онҳо андешидани тадбирҳои амалиро тақозо менамояд.

103. Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои байналмилалиро вобаста ба ҳалли мушкилоти тағйирёбии иқлим дастгирӣ намуда, Созишномаи Парижро дар бораи Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии иқлим дар соли 2016 имзо ва соли 2017 ба тасвиб расонид (ҲРУ 13.а).

104. Бо дарназардошти осебпазирии баланди Тоҷикистон ба тағйирёбии иқлим ва офатҳои табиӣ дар кишвар ҲБС дахлдор – Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба коҳиш додани хатари офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2034, Стратегияи ҳифзи молиявӣ аз офатҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2037, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 ва Барномаи давлатӣ оид ба кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040

амалӣ карда мешаванд, ки дар онҳо афзалиятҳо ва самтҳои асосии фаъолият инъикос карда шуданд.

105. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо» қабул гардида, ба як қатор қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла «Дар бораи мониторинги экологӣ», «Дар бораи фаъолияти обуҳавошиносӣ», «Дар бораи аудити экологӣ» ва «Дар бораи экспертизаи экологӣ» тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

106. Тоҷикистон тибқи арзёбии Донишгоҳи Нотр-Дам дар байни 180 кишвари ҷаҳон аз рӯйи осебпазирӣ ба тағйирёбии иқлим ҷойи 111-ум ва аз рӯйи омодагӣ ҷойи 52-юмро ишғол мекунад.

107. Офатҳои табиӣ, бахусус хушксолӣ, баландшавии бесобиқаи ҳарорати ҳаво, боришоти кам, обшавии пиряххо, обхезӣ, сел, лағжиши ярч ва фаромадани тарма мушкилоти асосии идоракунии хавфи таъсири тағйирёбии иқлим дар кишвар ба ҳисоб мераванд, ки ба соҳаҳои кишоварзӣ, нақлиёт, энергетика, хизматрасониҳои манзилию коммуналӣ, тандурустӣ ва маориф ҳар сол зарари калони моддию молиявӣ ва дар баъзе ҳолатҳо талафоти ҷонӣ мерасонанд.

108. Ташкили низоми таҳлили хавфҳо ва осебпазирӣ ба тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои он, бунёд ва таъмини устувории инфрасохтори мутобиқшавӣ ба он, бахусус инфрасохтори иҷтимоӣ ва кишоварзӣ, инчунин тақвияти низоми ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар самти таҳқиқ, пешгирӣ ва иқтидори тобоварӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ҳадафҳои соҳавӣ дар давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб мераванд.

109. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳавӣ иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- банақшагирӣ ва амалишавии чорабиниҳо оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим дар ҲБС-и сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ;
- таъмини устувории экологӣ ва мутобиқгардонии иқтисоди миллӣ ба тағйирёбии иқлим дар асоси принсипҳои иқтисоди «сабз»;
- идомаи такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва қабули стандартҳои соҳавӣ дар ин самт;
- банақшагирии ташкили инфрасохтори зарурии ҳифз аз пайомадҳои тағйирёбии иқлим дар минтақаҳои осебпазир ва зери хавфи офатҳои табиӣ қарордошта;
- тақвияти иқтидори идоракунии хавфи офатҳои табиӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим бо рақамикунонии низом;
- ташкили низоми маблағгузории корҳои таҳқиқотӣ ва пешгирӣ аз пайомадҳои манфии тағйирёбии иқлим;
- муттаҳидсозии неруҳо барои баланд бардоштани қобилияти мутобиқшавӣ ва пойдории кишвар ва минтақа ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим;
- татбиқи принсипи «ифлоскунанда пардохт мекунад» ва харидҳои давлатӣ бо таъсири мусбӣ ба табиат (nature-positive procurement).

110. Банақшагирӣ ва амалишавии чорабиниҳо оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим дар ҲБС-и сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ тавассути тадбирҳои зерин имконпазир аст:

- ташкили харитаи хавфҳо дар кишвар бо ишораи минтақаҳое, ки бештар ба хушксолӣ, сел, гармшавии шадид ва дигар офатҳои иқлимӣ осебпазиранд;

- пешбинӣ намудани тадбирҳои пешгирии пайомадҳои тағйирёбии иқлим дар тартиби таҳияи ҲБС сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ;

- ба роҳ мондани арзёбии осебпазирии соҳаҳои ҳаётан муҳим, бахусус кишоварзӣ, энергетика, тандурустӣ, инфрасохтор дар банақшагирии стратегии сатҳи соҳавӣ ва маҳаллӣ.

111. Таъмини устувории экологӣ ва мутобиқгардонии иқтисоди миллӣ ба тағйирёбии иқлим дар асоси принсипҳои иқтисоди «сабз» бо амалишавии тадбирҳои зерин имконпазир аст:

- такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стандартҳо, дастурҳо барои татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» дар самти ҳифз ва истифодаи босуботи сармояи табиӣ;

- васеъ намудани майдони ҷангалзорҳо дар куҳҳо, талу теппаҳо ва шафати кӯлу дарёҳо;

- таъсиси Фонди ҳифзи пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани тартиби истифодаи он;

- ҳифзи наботот ва ҳайвоноте, ки дар натиҷаи обшавии босуръати пиряхҳо аз шароити маъмулии зисти худ маҳрум мегарданд;

- навсозии харитаҳои обҳои зеризаминӣ ва дарёфти роҳҳои ҳифз ва нигоҳдории онҳо.

112. Идомаи такмил додани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва қабули стандартҳои соҳавӣ дар ин самт тавассути тадбирҳои зерин:

- таҳия ва амалишавии тартиби арзёбии таъсиррасонии фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигар ба пиряхҳо;

- таҳия ва амалӣ намудани санади гурӯҳбандии (таксономияи) лоиҳаҳои «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

113. Банақшагирии ташкили инфрасохтори зарурии ҳифз аз пайомадҳои тағйирёбии иқлим дар минтақаҳои осебпазир ва зери хавфи офатҳои табиӣ қарордошта тавассути тадбирҳои зерин:

- ташаккули низоми омор ва модели пешгӯйии тағйироти иқлим дар маҳал;

- сохтмони инфрасохтори тобовар ба тағйирёбии иқлим;

- ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии ҳифзи ҳавзҳои моҳӣ аз селу обхезӣ;

- риояи меъёрҳои ҳифзи кӯдакону наврасон аз офатҳои табиӣ ҳангоми банақшагирӣ ва бунёди биноҳои муассисаҳои таҳсилотии ҳамаи зинаҳо;

- ташаккули инфрасохтори зарурии ҳифзкунӣ аз офатҳои табиӣ дар ҳамаи муассисаҳои иҷтимоӣ, бахусус барои аҳолии осебпазир.

114. Тақвияти иқтидори идоракунии хавфи офатҳои табиӣ ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим бо рақамикунонии низом тавассути тадбирҳои зерин имконпазир аст:

- таҷдиди назар ва азнавсозии барномаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии таълим дар ҷараёни такмили ихтисоси кормандони мақомоти ваколатдори соҳа, хизматчиёни давлатӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва идоракунӣ;

- огоҳонии барвақт оид ба тағйироти иқлим ва ҷорӣ намудани низоми мониторинги рақамӣ барои замин ва ҳосил;

- таҳия ва васеъ паҳн намудани видеонаворҳо ва рунамоҳо оид ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим, пешгирии офатҳои табиӣ, тарзи дурусти ҳифзи муҳити зист, обу пиряхҳо ва тарзи рафтор ҳангоми сар задани офати табиӣ байни аҳолӣ, бахусус кӯдакону наврасон тавассути технологияи рақамӣ;

- таҳкими иқтидори маҳаллӣ, аз ҷумла табақаҳои осебпазир дар самти омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда, офатҳои табиӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим.

115. Ташкили низоми маблағгузории корҳои таҳқиқотӣ ва пешгирӣ аз пайомадҳои манфии тағйирёбии иқлим тавассути чунин тадбирҳо имконпазир аст:

- ҷалби захираҳои молӣ ва фаннӣ барои татбиқи амалии ташаббусҳо ҷиҳати ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла пиряхҳо;

- тезонидани раванди саҳмгузории кишварҳои ҷаҳон ба Бунёди эътимоди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;

- ҷалби сармоя барои татбиқи босамари барномаҳо ва стратегияҳои марбут ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим;

- ҷалби маблағҳо тавассути механизми барориши вомбаргҳои «сабз» барои бунёди неругоҳҳои барқӣ ва неругоҳҳо аз манбаъҳои дигари барқароршавандаи энергия;

116. Муттаҳидсозии неруҳо барои баланд бардоштани тобоварии кишвар ва минтақа ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим тавассути тадбирҳои зерин:

- таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо ҷалби фаъоли олимону пажӯҳишгарон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор барои ҳалли мушкилоти обшавии босуръати пиряхҳо ва оқибатҳои фарогири он;

- ҷалби кишварҳои дорои имконияти ҷамъоварии маълумоти дақиқ тавассути зарфиятҳои маҳвораӣ оид ба тағйирёбии иқлим, бахусус ҳолати пиряхҳо барои табодули доимии иттилоот бо Тоҷикистон;

- таҳияи Стратегияи глобалии ҳифзи пиряхҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ;

- ташкили экспедитсияи фарогири омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистон ва таъсис додани Маркази минтақавии яхшиносӣ дар кишвар.

117. Натиҷаҳои чашмдошт:

- банақшагирии стратегии сатҳи миллӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ дар самти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ташаккул ва мукаммал гардонида мешавад;

- низоми огоҳонии барвақтӣ барои банақшагирии кишти зироатҳо бо усулҳои инноватсионӣ ва истифодаи технологияи рақамӣ ташкил меёбад;

- бунёди инфрасохтори зарурии ҳифз аз пайомадҳои тағйирёбии иқлим дар минтақаҳои осебпазир ва зери хавфи офатҳои табиӣ қарордошта ба роҳ монда мешавад;

- харитаи хавфҳо дар кишвар бо ишораи минтақаҳое, ки бештар ба хушксолӣ, сел, гармшавии шадид ва дигар офатҳои иқлимӣ осебпазиранд таҳия ва бо усули рақамӣ ҷойгир карда мешавад;

- масоҳати ҷангалзорҳо зиёд гардида, коҳиши эрозияи хок таъмин мегардад;

- сармояи ташкилотҳои байналмилалӣ ва сармоягузории мустақими хориҷӣ барои амалисозии лоиҳаҳои самти иқтисоди «сабз» ба кишвар ҷалб мегарданд;

- зиёда аз 70 дарсади аҳолӣ, аз ҷумла аҳолии осебпазир дар бораи хавфҳои тағйирёбии иқлим огоҳӣ ва маълумот пайдо менамоянд.

## §3.4. Расмикунонии иқтисоди пинҳонӣ

118. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2024 ҳиссаи иқтисоди пинҳонӣ ё ғайрирасмӣ дар кишвар беш аз 9,4 дарсади ММД-ро ташкил дод, ки аз рӯйи ҳаҷм ба 14,5 млрд сомонӣ баробар мебошад.

119. Сабабҳои асосии иқтисоди пинҳонӣ аз инҳо иборат мебошанд, ки барои расмикунонӣ мушкилӣ эҷод менамоянд:

- бе қарордод ва ҳуҷҷатҳои дигари расмии тиҷоратӣ анҷом додани амалиёти молиявӣ, истеҳсолӣ, савдо ва хизматрасонӣ;
- канорагирӣ аз пардохтҳои андозию гумрукӣ ҳангоми барасмиятдарорӣ;
- фаъолияти ширкатҳои муваққатӣ (якрӯза);
- мавҷудияти монеаҳои маъмурӣ ва зинаҳои бюрократӣ;
- рақамикунонии нокифояи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар;
- мавҷудияти шуғли ғайрирасмӣ;
- ташаккул наёфтани низоми баҳисобгирии муҳосибии гардиши молу хизматрасонӣ;
- омилҳои инсонии бавуҷудоварандаи ҳолатҳои коррупсионӣ.

120. Таъмини расмикунонии иқтисоди пинҳонӣ тавассути рақамикунонӣ, ҳавасмандкунӣ, содагардонӣ ва коҳиш додани хароҷоти расмиёт, баланд бардоштани эътимоди институтсионалӣ ва бартараф намудани мушкилоти қайдгардида ҳадафи соҳавӣ дар давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб меравад.

121. Барои ноил шудан ба ҳадафи соҳавӣ иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии расмикунонии иқтисоди пинҳонӣ;
- содагардонии расмиёти бақайдгирӣ ва андозбандии корхонаҳои хурду миёна;
- ҳавасмандгардонии ихтиёран қонунигардонии фаъолият ва шуғл;
- рақамикунонии пурраи соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ;
- таҳкими институтсионалии низоми андоз ва молия.

122. Дар самти расмикунонии иқтисоди пинҳонӣ иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- фароҳам овардани заминаи мусоиди институтсионалӣ, шаффоф ва муассири ҳуқуқӣ барои расмикунонии иқтисодӣ пинҳонӣ;
- пурра татбиқ гардидани принсипҳои иқтисоди рақамӣ ва ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ;
- таҳкими низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ;
- бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва зинаҳои бюрократӣ;
- тақвият додани низоми дастрасии бақайдгирии онлайн тавассути дастгоҳҳои мобилӣ, бахусус дар ноҳияҳои дурдаст;

- ҷорӣ намудани низоми таътилҳои андозӣ барои корхонаҳои хурду миёнаи навтаъсис ба муҳлати то 2 сол;

- васеъ намудани дастрасӣ ба грантҳо ва қарзҳои имтиёзноки давлатӣ барои қонунигардонии фаъолияти истеҳсолию хизматрасонӣ;

- истифодаи воситаҳои муосири пардохти электронӣ дар соҳаи савдо ва хизматрасонӣ;

- татбиқи платформаҳои электронӣ барои бақайдгирӣ, пардохти андоз ва ҳисоботдиҳӣ;

- васеъ намудани инфрасохтори рақамӣ дар минтақаҳои дурдаст;

- таҳияи Барномаи расмикунонии иқтисоди пинҳонӣ барои солҳои 2027-2031;

- дар қонунгузории кишвар пешбинӣ намудани ҷазои қатъӣ барои фаъолияти ширкатҳои муваққатӣ (якрӯза);

- тақвият додани корҳо дар самти пешгирии омилҳои инсонии бавуҷудоварандаи ҳолатҳои коррупсионӣ;

- таъмини беҳтарсозии иқтидори кадрӣ ва рақамии мақомоти андоз ва молия;

- таҳияи платформаи миллии рақамӣ барои бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар самти қонунигардонии шуғл;

- такмили методологияи баҳисобгирии омории фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, аҳолӣ ва хоҷагиҳои хонаводагӣ дар самти истеҳсоли маҳсулоти саноатию кишоварзӣ.

123. Густариши ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани таҷрибаи беҳтарини ҷаҳонӣ дар соҳаи расмикунонии иқтисоди пинҳонӣ.

124. Натиҷаҳои чашмдошт:

- расмиёти бақайдгирӣ ва андозбандии корхонаҳои хурду миёна пурра рақамӣ мегардад;

- пешниҳоди ҳисоботи андоз ва оморӣ дар шакли электронӣ пурра ҷорӣ мешавад;

- ҳиссаи иқтисоди пинҳонӣ дар сохтори ММД то сатҳи меъёри байналмилалӣ коҳиш дода мешавад.

Татбиқи тадбирҳои мазкур ба коҳиши назарраси иқтисоди пинҳонӣ, тақвияти шаффофияти молиявӣ ва афзоиши даромадҳои буҷетӣ мусоидат менамояд.

## §3.5. Ҳадафҳо ва афзалиятҳо

125. Дар БМР 2026-2030 барои ноил шудан ба ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар дар асоси таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии зерин ҳамчун афзалият боқӣ мемонанд:

- таъмини истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ;
- раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ;
- таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;
- саноатикунонии босуръат ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул.

126. Дар Барнома ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегӣ татбиқи ҳадафҳои миёнамуҳлати зерин пешбинӣ мегарданд, ки гузаришро ба модели сифатан нави рушд таъмин менамоянд:

- таъмини устувории макроиқтисодӣ;
- таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисод;
- баланд бардоштани рақобатпазирии бахши воқеии иқтисодӣ;
- саноатикунонии босуръат бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионӣ;
- рушди зеҳни сунъӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (IT);
- ҷалби сармоягузории назаррас (бо такя ба тақвияти фазои сармоягузорӣ ва дастгирии рушди истеҳсолоти рақобатпазир);
- ташаккул додани модели иқтисодии ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта;
- истифодаи васеи имкониятҳои транзитӣ ва сайёҳӣ;
- рушди иқтисоди «сабз» ва иқтисоди даврагӣ, тавсеаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия;
- рақамикунонии соҳаҳои асосии иқтисодӣ ва таҳкими ҳукумати электронӣ;
- идоракунии самараноки захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист;
- рушди сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва хизматрасониҳои тиббӣ;
- таъмин намудани баробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ;
- рушди мутавозини минтақаҳо ва коҳиш додани тафовути иқтисодию иҷтимоӣ байни онҳо;
- татбиқи васеи механизми ШДБХ;
- ҳамгироии фаъол ба иқтисоди минтақавию ҷаҳонӣ ва тавсеаи шарикӣ бо созмонҳои байналмилалӣ.

127. Дар татбиқи Барнома ба манбаъҳои иловагии зерини рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ афзалият дода мешавад:

- рушди зеҳни сунъӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (IT);
- рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ;
- расмикунонии иқтисоди пинҳонӣ;
- рушди иқтисоди «сабз» ва ҷалби маблағгузории «устувор», аз ҷумла маблағгузории «сабз»;
- усулҳои муосири маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ;
- афзоиши назарраси сармояи мустақими венчурӣ ва стартапҳо;
- рушди иқтисоди даврагӣ;
- рушди бозори молиявӣ ва фарогирии молиявӣ;
- рушди соҳаи сайёҳӣ ва иқтисоди эҷодӣ;
- рушди экосистемаи миллии соҳибкорӣ.

128. Дар БМР 2026-2030 ба афзалиятҳои байнисоҳавии зерин таваҷҷуҳ карда мешавад:

- баланд бардоштани рушди мутавозини минтақаҳо;
- беҳтар кардани баробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ дар ҷомеа;
- таъмини устувории экологӣ ва мутобиқгардонии иқтисоди миллӣ ба тағйирёбии иқлим дар асоси принсипи иқтисоди «сабз»;

- рушди иқтисоди рақамӣ (минбаъд – РИР);
- такмили низоми самараноки идоракунии давлатӣ;
- таъмини ҳуқуқи инсон, волоияти қонун ва муқовимат ба коррупсия.

## 4. ТАҲКИМИ АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИҚТИСОД

### §4.1. Низоми идоракунии давлатӣ ва тақвияти тадбирҳои пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ

129. Бо мақсади тақвияти низоми идоракунии давлатӣ ва амалисозии тадбирҳо дар самти рушди хизматрасониҳои давлатии рақамӣ, гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, хариди давлатии молу хизматрасониҳо, баланд бардоштани сатҳи омода намудани мутахассисон дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, идораи самараноки бахши энергетикии кишвар, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва самтҳои дигар мақомоти алоҳида таъсис дода шуда, инчунин сохтори амалкунандаи як қатор вазорату идораҳо такмил ёфтанд.

130. Дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» низоми идоракунии давлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти таҳияи дурнамои соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар такмил дода шуд.

131. Раванди такмил додани идоракунии молияи давлатӣ бо татбиқи технологияи рақамӣ, рушди низоми хариди давлатии электронӣ, гардиши электронии ҳуҷҷатҳо дар низоми идораи давлатӣ, ҳамзамон пешниҳоди хизматрасонии давлатии рақамӣ дар ҷумҳурӣ идома дорад.

132. Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, масъалаи рушди иқтидори зеҳнӣ ва таъминоти кадрии хизмати давлатӣ, инчунин тақвияти тадбирҳои пешгирикунанда дар мубориза ба коррупсия ҳанӯз ба беҳсозӣ ниёз доранд.

133. Дар давраи миёнамуҳлат идомаи ислоҳот ҷиҳати таҳкими низоми идоракунии давлатӣ, ҷорӣ гардидани дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатии рақамӣ, таъминоти идораи давлатӣ бо мутахассисони сатҳи баланди касбӣ, технократҳо ва баланд бардоштани ҷолибияти хизмати давлатӣ ҳадафҳои соҳа боқӣ мемонанд.

134. Барои расидан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- пайвасти пурраи низоми банақшагирии стратегӣ бо раванди буҷет, мониторинг ва арзёбӣ дар идоракунии давлатӣ;
- таъмини дастрасӣ ба «маълумоти кушода», портали расмии санадҳои қонунгузорӣ ва ҳисоботи давлатӣ;
- таҳкими ҳукумати электронӣ ва амалисозии механизми содакардашудаи портали ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва соҳибкорону сармоягузорон;
- амалисозии сиёсати муосири кадрӣ ва ҳавасмандсозӣ барои хизматчиёни давлатӣ;

- коҳиши хавфҳои коррупсионӣ дар нуқтаҳои тамоси давлат-тиҷорат-шаҳрванд ва таҳкими ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон.

135. Дар самти пайвасти пурраи низоми банақшагирии стратегӣ бо раванди буҷет, мониторинг ва арзёбӣ дар идоракунии давлатӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- ҷорӣ намудани методологияи ягона ва платформаи рақамии мониторинг ва арзёбӣ барои ҳамаи ҲБС ва пайвастшавии нишондиҳандаҳои мақсадноки онҳо бо раванди буҷети давлатӣ;

- ба роҳ мондани ҳисоботдиҳии мониторинг ва арзёбӣ ва ҲРУ дар портали ягона ва марказонидани махзанҳои маълумоти оморӣ.

136. Дар самти таъмини дастрасӣ ба «маълумоти кушода», портали расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳисоботи давлатӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- татбиқи пурраи тартиботи нави интишори матни расмии санадҳо барои истифодаи «маълумоти кушода» дар заминаи ҷойгирсозии санадҳои расмӣ дар сомонаҳои сохторҳои давлатӣ;

- тақвияти махзани маълумоти ҳуқуқии «Адлия» ва портали марказӣ бо маълумоти дахлдори ҳуқуқӣ ҷиҳати таъмини дастрасии шаҳрвандон ва соҳибкорону сармоягузорон ба санадҳои қонунгузории соҳавӣ.

137. Дар самти таҳкими ҳукумати электронӣ ва амалисозии механизми содагардонидашудаи портали ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва соҳибкорону сармоягузорон чунин тадбирҳо зарур аст:

- таъсиси марказҳои бисёрфунксионалии хизматрасониҳои давлатӣ аз рӯйи принсипи портали ягона ҳадди ақал дар 10 шаҳру ноҳияи пилотӣ;

- ҷорӣ кардани гардиши электронии ҳуҷҷатҳо дар низоми идоракунии давлатӣ;

- васеъ намудани истифодабарии воситаҳои муосири электронӣ барои кам кардани робитаи бевосита байни шаҳрванд ва корманди давлатӣ.

138. Дар самти амалисозии сиёсати муосири кадрӣ ва ҳавасмандгардонӣ барои хизматчиёни давлатӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- таҳияи ҲБС оид ба ташаккули захираҳои кадрӣ;

- ислоҳоти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ барои маҳдуд кардани ангеза ба коррупсия;

- ҷорӣ намудани низоми арзёбии фаъолияти хизматчии давлатӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва салоҳиятнокӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандкунии онҳо;

- бартараф кардани такрорёбии ваколати мақомоти давлатӣ бо мақсади кам намудани хавфҳои коррупсионӣ.

139. Натиҷаҳои чашмдошт:

- низоми банақшагирии стратегӣ ва мониторингу арзёбӣ бо раванди буҷети давлатӣ ҳамгиро карда мешавад;

- самаранокии идораи давлатӣ баланд бардошта шуда, шаффофияти он таъмин мегардад;

- хизматрасонии давлатӣ тавассути платформаи электронӣ пурра ба роҳ монда мешавад;

- низоми баҳогузории хавфҳои коррупсионӣ дар ҳама вазорату идораҳои давлатӣ татбиқ мегардад;

- хизматчиёни давлатӣ бо барномаҳои бозомӯзӣ дар самти идоракунии давлатӣ фаро гирифта мешаванд;

- музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ баланд мегардад ва низоми ҳавасмандкунии онҳо тақвият меёбад.

## §4.2. Рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ҳукумати электронӣ

140. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди иқтисоди рақамиро зери таваҷҷуҳи хоса қарор дода, 28 декабри соли 2024 дар паём ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» солҳои 2025-2030-ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намуданд.

141. АИТР ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти РИР ва зеҳни сунъӣ таъсис ёфта, дар назди он ҶСК «Марказҳои тасдиққкунанда, хизматрасониҳои давлатӣ ва таҳияи барномаҳои рақамӣ» фаъолият дорад.

142. Дар ин самт Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Барномаи савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 мавриди амал қарор дода шуда, дар беш аз 100 санади меъёрии ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

143. Истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон аз 3,5 млн нафари соли 2021 ба 4,5 млн нафари соли 2024 баробар гардид, ки 43,3 дарсади аҳолиро фаро мегирад. Дар кишвар 16423 адад истгоҳҳои базавӣ фаъолият намуда, зиёда аз 300 км хатти нахи нурӣ барои вусъат бахшидани фаъолияти истгоҳҳои базавӣ ва дастрасӣ ба шабакаи баландсуръати интернет насб гардид.

144. Дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (минбаъд – МТК) ихтисоси «Иқтисоди рақамӣ», «Зеҳни сунъӣ» ва ихтисосҳои дигари ба иқтисоди рақамӣ алоқаманд, ҷорӣ карда шуда, хизматчиёни давлатии кишвар дар муассисаҳои омӯзишии мамлакатҳои хориҷӣ дар самти иқтисоди рақамӣ такмили ихтисос намуданд.

145. Дар соҳаҳои тандурустӣ «Низоми ягонаи иттилоотии идоракунии тандурустӣ», дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Феҳристи миллии иттилоотии ҳифзи иҷтимоӣ, низоми иттилоотии кумакҳои унвонии иҷтимоӣ (АСИСТ), махзани (модули) ягонаи иттилоотӣ оид ба маъюбон (МСЭ) ва дар соҳаҳои меҳнат ва шуғли аҳолӣ махзани ягонаи маълумот вобаста ба ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд.

146. Бо мақсади рушди ҳукумати электронӣ ва пешниҳоди рақамии хизматрасониҳои давлатӣ низоми ҳамгироии иттилоотии байниидоравӣ таҳия гардида, дар заминаи он аз ҷониби АИТР Портали ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ (https://khizmat.egov.tj), интернет-портали ягонаи давлатӣ (HUKUMAT.TJ) ва Низоми ягонаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ тарҳрезӣ карда шуд.

147. Бо вуҷуди дастовардҳо дар самти рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ мушкилоти зерин ҷой доранд:

- баланд будани нархи интернети фарохмавҷ ва мобилӣ дар кишвар нисбат ба кишварҳои хориҷӣ;

- дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани фарогирии интернет, аз ҷумла баландсуръат дар шаҳру ноҳияҳои кишвар, бахусус дар деҳоти дурдаст;

- норасоии мутахассисони баландихтисос дар самти ТИК, барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ;

- рушди нокифояи низоми соҳибкории рақамӣ ва савдои электронӣ;

- рушди номутавозини инфрасохтори ТИК дар низоми идоракунии давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар;

- дар сатҳи зарурӣ рушд наёфтани рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ.

148. Дар давраи миёнамуҳлат рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб меравaнд.

149. Барои рушди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ҳукумати электронӣ иҷрои вазифаҳои зерин муҳим мебошанд:

- омода намудани мутахассисони соҳа;

- таъмини интернети баландсуръат бо нархи дастрас;

- таъмини рушди босуръати рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ;

- ташаккули экосистемаи рушди соҳибкории рақамӣ ва савдои электронӣ;

- пурра ҷорӣ намудани низоми ҳукумати электронӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии рақамӣ.

150. Барои омода намудани мутахассисони соҳа андешидани тадбирҳои зерин зарур мебошанд:

- омода намудани 3000 мутахассисони баландихтисос дар самти ТИК, барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ ва ба ин васила баланд бардоштани иқтидори мутахассисони соҳа;

- баланд бардоштани маърифат ва малакаи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар кишвар.

151. Барои таъмини интернети баландсуръат бо нархи дастрас тадбирҳои зерин зарур мебошанд:

- паст намудани арзиши интернет дар кишвар тавассути таъмини рақобати озод дар бозори дохилӣ (то ба сатҳи миёнаи минтақаи Осиёи Марказӣ);

- рушди инфрасохтори нурии нахӣ, шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) ва баланд бардоштани суръати интернет;

- фарогирии пурраи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (минбаъд – МТМУ) ва МТК ба шабакаи интернет.

152. Барои таъмини рушди босуръати рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ тадбирҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:

- ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ба соҳа;

- таҳия намудани методологияи муайян намудани ҳиссаи иқтисоди рақамӣ дар ММД-и кишвар.

153. Барои ташаккули экосистемаи рушди соҳибкории рақамӣ ва савдои электронӣ тадбирҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:

- таъсиси бозорҷойҳои (MarketPlace) электронии ватанӣ;

- таъсиси марказҳои омӯзишӣ ва инкубаторҳои тиҷорати электронӣ барои соҳибкорон;

- таҳия намудани механизми ҳавасмандгардонӣ барои ширкатҳое, ки ба рақамикунонӣ ва савдои электронӣ мегузаранд.

154. Барои пурра ҷорӣ намудани низоми ҳукумати электронӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии рақамӣ тадбирҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:

- таъсиси марказҳои хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ дар 68 шаҳру ноҳия;

- таъсиси махзани мукаммали миллии маълумоти кушода;

- пешниҳоди хизматрасониҳои давлатии рақамӣ тавассути Портали ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ (khizmat.egov.tj) ва марказҳои хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ;

- ба роҳ мондани гардиши электронии ҳуҷҷатҳо дар тамоми сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла маҳаллӣ.

155. Натиҷаҳои чашмдошт:

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ такмил ва қабул мегарданд;

- ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ барои татбиқи лоиҳаҳои иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ зиёд мешавад;

- мутахассисони соҳаи ТИК, барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ дар сатҳи зарурӣ омода мегарданд;

- маърифат ва малакаи истифодаи технологияҳои рақамӣ дар кишвар баланд мегардад;

- тамоми МТМУ ба шабакаи интернет фаро гирифта мешавад;

- инфрасохтори нахии нурӣ ва шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф ёфта, интернети баландсуръат бо арзиши нисбатан паст таъмин мегардад;

- бозорҷойҳои электронии ватанӣ таъсис меёбанд;

- низоми ҳукумати электронӣ пурра ташаккул меёбад;

- хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ тавассути Портали хизматрасониҳои давлатӣ пурра пешниҳод мегарданд.

### §4.3. Истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ

156. Тибқи супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истифодаи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва бақайдгирии давлатӣ бояд ба таври васеъ истифода гардад. Бо ин мақсад дар Стратегияи миллии рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ҳиссаи зеҳни сунъӣ (AI) дар ММД то 5 дарсад расонида мешавад.

157. 25 июли соли 2025 Маҷмааи умумии СММ лоиҳаи қатъномаи махсусро зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ», ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, қабул намуд. Ин қатънома механизмҳои асосии истифодаи муассири технологияҳои зеҳни сунъиро барои таъмини рушди устувори минтақа муайян мекунад. Яке аз чунин механизмҳои пешниҳодшуда таъсиси Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе мебошад.

158. Соли 2025 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маркази баҳисобгирии зеҳни сунъии «Darya AI» дар ноҳияи Дарвоз ва Маркази рушди зеҳни сунъӣ дар шаҳри Хоруғ ифтитоҳ ёфтанд. Инчунин дар кишвар якчанд платформаи зеҳни сунъӣ ба роҳ монда шуда, татбиқи онҳо тариқи стартапҳо (zypl.ai, Area AI ва ғайра) идома доранд.

159. Дар соли 2025 аввалин IT Парки инноватсионӣ-технологӣ дар шаҳри Душанбе таъсис дода шуд, ки барои татбиқи лоиҳаҳо дар самти ТИК ва зеҳни сунъӣ мусоидат менамояд.

160. Бо вуҷуди дастовардҳо дар самти истифодаи зеҳни сунъӣ дар кишвар мушкилоти зерин ҷой доранд:

- номукаммалии заминаи меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи истифодаи зеҳни сунъӣ;
- норасоии мутахассисони соҳа;
- ҳанӯз истифода нагардидани зеҳни сунъӣ дар низоми ҳукумати электронӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои давлатӣ;
- номукаммалии экосистемаи рушди зеҳни сунъӣ дар кишвар.

161. Барои рушди зеҳни сунъӣ дар кишвар иҷрои вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- амалигардонии барномаҳои омӯзишии мутахассисон ва дастгирии стартапҳо дар соҳаи зеҳни сунъӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;
- ташаккули экосистемаи муосири рушди зеҳни сунъӣ дар хизматрасониҳои давлатӣ, низоми бақайдгирии давлатӣ ва соҳибкорӣ.

162. Барои амалигардонии барномаҳои омӯзишии мутахассисон ва дастгирии стартапҳо дар соҳаи зеҳни сунъӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- ташаккули низоми бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони самти иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ;
- татбиқи лоиҳаҳои муштараки омӯзиши мутахассисон ва дастгирии стартапҳо дар соҳаи зеҳни сунъӣ дар Осиёи Марказӣ;
- таъсиси Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ дар шаҳри Душанбе.

163. Барои ташаккули экосистемаи муосири рушди зеҳни сунъӣ дар хизматрасониҳои давлатӣ, низоми бақайдгирии давлатӣ ва соҳибкорӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар низоми ҳукумати электронӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои давлатӣ ва низоми бақайдгирии давлатӣ;
- ташкили шабакаи Маркази ҷамъоварии маълумот, аз ҷумла маълумоти нисбатан калон (Big Data);
- таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушд ва танзими зеҳни сунъӣ»;
- афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ дар самти рушди зеҳни сунъӣ;
- тиҷоратикунонии маҳсулоти зеҳни сунъӣ ва рушди соҳибкорӣ дар ин самт.

164. Натиҷаҳои чашмдошт:

- омӯзгорон ва мутахассисон дар самти зеҳни сунъӣ омода карда мешаванд;
- лоиҳаҳои муштараки омӯзишӣ ва илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ амалӣ мегарданд;

- ҳаҷми сармоягузорӣ дар самти зеҳни сунъӣ афзоиш меёбад;
- тиҷоратикунонии маҳсулоти зеҳни сунъӣ ба роҳ монда мешавад;
- зеҳни сунъӣ дар низоми ҳукумати электронӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои давлатӣ ва низоми бақайдгирии давлатӣ ворид мегардад;
- шабакаи Маркази ҷамъоварии маълумот, аз ҷумла маълумоти нисбатан калон (Big Data) ташаккул меёбад.

### §4.4. Тақвияти идоракунии самараноки фаъолияти корхонаҳои давлатӣ

165. Ба ҳолати якуми январи соли 2025 дар назди Вазорати молия 77 корхонаи давлатӣ ва ҷамъияти саҳомӣ ҳамчун корхонаҳои азими давлатӣ ҳисоботдиҳанда мебошанд.

166. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти як қатор корхонаҳои давлатӣ самаранок ба роҳ монда нашудааст. Дар баъзе корхонаҳои давлатӣ коҳишёбии ҳаҷми даромад, зиёдшавии қарзҳои дебиторӣ ва кредиторӣ, бо зарар ҷамъбаст намудани фаъолияти молиявӣ ва идоракунии бесамар ба буҷети давлатӣ хавфҳои фискалиро баланд мегардонанд. Инчунин, пурра ҷорӣ нагардидани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ ва рушд наёфтани низоми муосири идоракунии корпоративӣ аз мушкилиҳое мебошанд, ки ба самаранокии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ таъсир мерасонанд.

167. Дар давраи миёнмуҳлати минбаъда баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои давлатӣ, кам кардани сарбории буҷетӣ давлатӣ, тибқи стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ мондани баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ ва ҷорӣ намудани низоми муосири идоракунии корпоративӣ ҳадафҳои афзалиятнок боқӣ мемонанд.

168. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳавӣ иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:
- ҷорӣ намудани унсурҳои идоракунии корпоративӣ дар корхонаҳои давлатӣ;
- баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти корхонаҳо ва рақамикунонии раванди баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ.

169. Барои иҷрои вазифаҳои гузошташуда андешидани тадбирҳои зерин зарур аст:
- гузаронидани барӯйхатгирӣ ва ташхиси молиявии тамоми корхонаҳои давлатӣ;
- татбиқи принсипҳои идоракунии корпоративӣ бо ҷорӣ намудани фаъолияти самараноки шӯрои нозирон, аудити дохилию беруна ва чораҳои зиддикоррупсионӣ;
- таҳия ва ҷорӣ намудани портали ягонаи корхонаҳои давлатӣ;
- такмили ихтисоси кормандони баҳисобгирӣ ва идоракунӣ дар самти рақамикунонӣ.

170. Натиҷаҳои чашмдошт:
- устувории молиявии ҳамаи корхонаҳои давлатӣ таъмин мегарданд;
- дар ҳамаи корхонаҳои давлатӣ идоракунии муосири корпоративӣ ҷорӣ карда мешавад;

- дар ҳамаи корхонаҳои давлатӣ раванди баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит тибқи стандартҳои байналмилалӣ бо истифода аз технологияи рақамӣ ба роҳ монда мешавад.

## §4.5. Волоияти қонун, таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ ва муқовимат ба коррупсия

171. Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ ҳамчун замина барои таъмини рушди иқтисодӣ ва беҳтар гардидани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Дар самти таъмини дастрасӣ ба адолати судӣ, расонидани ёрии ройгони ҳуқуқӣ, бахусус ба табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба адолати судӣ, ҳуқуқ ба воситаҳои муассир, аз қабили шикоят аз қарорҳои суд ва гирифтани ҷуброни зарар ислоҳоти назаррас гузаронида шуд. Ин ба шаҳрвандон ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ имкон дод, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худро дар суд, аз ҷумла дар мурофиаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ самаранок ҳимоя кунанд.

172. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2023, №668 Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024 ба тасвиб расид. Ҳамзамон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак» ва «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав қабул гардида, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» тағйирот ворид гардид. Инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо» дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти соҳа қабул гардид.

173. Ҳамзамон, дар самти волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолати судӣ ҳанӯз мушкилиҳои зерин ҷой доранд:

- механизми номукаммали ҷалби васеи шаҳрвандон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ;
- махзани номукаммали маълумоти электронии судӣ ва феҳристи электронии санадҳои судӣ;
- механизми номукаммали муроҷиати бемамонияти шаҳрвандони дорои имкониятҳои маҳдуд ба суд.

174. Дар давраи миёнамуҳлат ба ҳадафҳои зерин афзалият дода мешаванд:

- идома додани ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, мукаммалгардонии низом ва шаклҳои дастрасии аҳолӣ ба адолати судӣ;
- ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ, таъмини дастрасӣ ба иттилоот оид ба фаъолияти судҳо, таъмини дастрасии шахсони маъюб, камбизоат ва қишрҳои осебпазири аҳолӣ ба адолати судӣ;
- беҳтар намудани шаффофият дар фаъолияти мақомоти судӣ.

175. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим мебошанд:

- такмили фаъолияти низоми судӣ тавассути мукаммал гардонидани вазифа ва механизмҳои ҳамкорӣ;
- такмили низоми расондани ёрии ҳуқуқии ройгон ба аҳолӣ;

- такмилдиҳии механизмҳо оид ба пешгирӣ намудани ҳамаи шаклҳои табъиз ва зуроварӣ;

- пешгирии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия;

- муқовимат бо қонунигардонии даромадҳое, ки бо роҳи ҷиноят ба даст омадаанд.

176. Барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда амалӣ намудани тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- ташаккули механизми мониторинг ва таҳлили таъсири санадҳои қонунгузорӣ ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии кишвар;

- ҷорӣ намудани низоми содаи электронии пешниҳоди шикоят ва даъво ба суд оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ;

- то ҳадди имкон татбиқи стандартҳои байналмилалии мурофиавӣ дар низоми судӣ;

- ҷорӣ намудани механизми тақсимоти электронии парвандаҳо, инчунин низоми мониторинг ва арзёбии самаранокии фаъолияти онҳо;

- муҷаҳҳаз гардонидани толорҳои судҳо бо низоми видео-конфронс ва дастгоҳҳои сабти овоз, инчунин фароҳам овардани имконияти тамошои онлайни ҷаласаҳои судӣ;

- ҷорӣ кардани низоми электронии пешниҳоди шикоят ва даъво ба суд оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ;

- ҷорӣ намудани платформаи электронии машваратӣ барои шаҳрвандон;

- рушди низоми ёрии ҳуқуқии ройгони дуюмдараҷа дар саросари кишвар;

- ҷорӣ намудани механизми ба инобат гирифтани ҷанбаҳои гендерӣ ва талаботи шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд дар раванди меъёрэҷодкунӣ;

- такмили механизми ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи пешгирии табъиз ва кумак ба қурбониёни зуроварӣ;

- таъсиси марказҳои давлатии бухронӣ барои муваққатан ҷойгиркунонии қурбониёни зуроварӣ;

- таъсиси марказҳои ғайридавлатии дастгирӣ, кумаки иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ аз зуроварӣ дар оила;

- таҳияи маҷмуи чораҳо оид ба офиятбахшии ҷабрдидагони зуроварӣ ва ҷорӣ намудани барномаҳои ислоҳшавӣ барои шахсони содирнамудаи зуроварӣ дар оила;

- омӯзиши масъалаҳои пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зуроварӣ нисбат ба аъзои оила;

- гузаронидани мониторинги самаранокии қонунгузорӣ ва чорабиниҳои зиддикоррупсионӣ;

- такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи муқовимат бо қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада;

- такмили фаъолияти адвокатура, аз ҷумла ба санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ кардани он;

- ташкил ва таъмини дастрасӣ ба хизматрасонии адвокатҳо дар маҳалҳои аҳолинишини дурдаст.

177. Натиҷаҳои чашмдошт:

- низоми электронии муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти судӣ ҷорӣ мегардад;

- дар амалияи судӣ усули электронии тақсими парвандаҳо, низоми мониторинг ва арзёбии самаранокии он ҷорӣ гардида, феҳристи электронии санадҳои судӣ таъсис дода мешавад;

- сомонаҳои электронӣ ва хати телефони боварӣ барои машварат гирифтани шаҳрвандон вобаста ба расмиёти муроҷиат ба суд амал мекунанд;

- меъёрҳои байналмилалии адолати судӣ дар низоми судии кишвар ҷорӣ мегардад;

- толорҳои судҳо бо системаи видео-конфронс ва дастгоҳҳои сабти овоз, инчунин низоми тамошои онлайни ҷаласаҳои судӣ муҷаҳҳаз гардонида мешаванд;

- низоми электронии пешниҳоди шикоят ва даъво ба суд оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ таъсис дода мешаванд;

- дастурамал оид ба офиятбахшии ҷабрдидагон аз зӯроварӣ ва барномаҳои ислоҳкунии шахсони содирнамудаи зӯроварӣ дар оила амалӣ карда мешавад;

- дар Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарӣ барои истифодаи зӯроварӣ нисбат ба аъзои оила пешбинӣ мегардад;

- такрорёбии ваколати мақомоти давлатӣ оид ба санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор бартараф мегардад;

- бо дарназардошти тавсияҳои Гурӯҳи таҳияи чораҳои молиявии мубориза бо қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада (ФАТФ) ба қонунгузорӣ тағйиру иловаҳо ворид мегардад.

### §4.6. Фазои сармоягузорӣ ва бунёди экосистемаи соҳибкорӣ

178. Дар натиҷаи татбиқи ислоҳот ва иқдомҳои ҲҶТ воридоти сармояи хориҷӣ ба ҷумҳурӣ сол аз сол афзоиш ёфта, ҳаҷми умумии сармояи хориҷӣ дар давоми солҳои 2021-2024 ба 11,2 млрд доллар баробар гардид.

179. Ислоҳоти гузаронидашуда ба афзоиши мунтазами шумораи субъектҳои соҳибкории хурду миёна мусоидат намуда, дар натиҷа ин нишондиҳанда аз 338,8 ҳаз. адад дар соли 2021 ба 365 ҳаз. адад дар соли 2024 баробар гардид.

180. Тибқи маълумоти оморӣ дар давраи татбиқи Барнома ҳиссаи сармоягузориҳои хусусӣ дар ММД аз 8,2 дарсад дар соли 2021 то ба 8,7 дарсад дар соли 2024 афзоиш ёфт.

181. Новобаста аз ин, воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба кишвар тибқи нақшаи пешбинишуда дар БМР 2021-2025 таъмин нагардид.

182. Бо вуҷуди гузаронидани ислоҳоти низоми дастгирии сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ, ҳанӯз дар ин самт мушкилот ҷой доранд, аз ҷумла:

- расмиёти ҳоло ҳам мураккаби маъмурикунонии андоз ва хароҷоти баланди пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ;

- мавҷудияти монеаҳои маъмурӣ (расмиёти тулонии иҷозатдиҳӣ, ҷудо намудани қитъаҳои замин ва ғайра);

- рушди нокифояи экосистемаи соҳибкорӣ дар маҳал;

- номукаммалии низоми хизматрасониҳои рақамиии давлатӣ ба соҳибкорон ва сармоягузорон.

183. Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, ҷалби бештари сармояи мустақими хориҷӣ ва бунёди экосистемаи муосири соҳибкорӣ дар давраи миёнамуҳлат ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб меравaнд.

184. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- такмили низоми дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ;

- афзоиш додани ҳаҷми сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисод ва рушди экосистемаи фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ;

- баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ;

- баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати молиявию соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ.

185. Такмили низоми дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути андешидани тадбирҳои зерин имконпазир аст:

- такмили низоми иҷозатдиҳӣ дар кишвар (коҳиш додани муҳлатҳо, муносибгардонии расмиёт);

- коҳиши санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, мақомоти санҷишӣ ва назоратӣ, иҷозатномаҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои хусусияти иҷозатдиҳидошта;

- содагардонии расмиёти оғози фаъолият дар соҳаи истихроҷ, аз ҷумла тавассути пешниҳоди муттаҳидкунии иҷозатномаи ҳуқуқи истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ ва сертификати ҳуқуқи истифодаи замин;

- амалӣ намудани низоми ягонаи пайвастшавӣ ба инфрасохтори муҳандисӣ (барқ, обу корез);

- ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан дар соҳаҳои истеҳсолии сатҳи технологиаш миёна ва баланд;

- таҳияи низоми пешниҳоди имтиёзҳо баҳри ҷалби фаъоли занон ва ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ.

186. Барои афзоиш додани ҳаҷми сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисод ва рушди инфрасохтори дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- амалӣ намудани зиёда аз 300 лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо арзиши умумии беш аз 80 млрд сомонӣ барои рушди инфрасохтор;

- рушди инфрасохтори сармоягузорӣ (иҷтимоӣ, нақлиётӣ, рақамӣ, технопаркҳо, паркҳои саноатӣ, IT-паркҳо, бизнес-инкубаторҳо ва ғайра), аз ҷумла бо истифода аз механизми ШДБХ.

187. Ҷиҳати баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ андешидани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- густариши ҳамкорӣ бо агентиҳои рейтингӣ барои беҳтар намудани мавқеи кишвар дар радабандиҳои пешрафтаи иқтисодӣ ва сармоягузории ҷаҳон;

- ҷорӣ намудани раддабандии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ;

- вобаста ба ҳар як шаҳру ноҳияи Тоҷикистон таҳия намудани муаррифиномаҳои имконияти сармоягузорӣ (инвест-ёддоштҳо).

188. Баланд бардоштани фарҳанг ва саводнокии соҳибкорӣ дар сатҳи миллӣ тавассути андешидани тадбирҳои зерин:

- ташкили онлайн-порталҳо барои таълими асосҳои тиҷорат бо мақсади баланд бардоштани маърифати соҳибкорӣ ва рушди малакаҳои банақшагирии тиҷорат;

- рушди маҷмааҳои эҷодӣ ва механизмҳои дастгирӣ барои соҳибкорони соҳаҳои таррохӣ, ҳунармандӣ, расонаҳои рақамӣ ва истеҳсоли маводҳои фарҳангӣ;

- ташкили марказҳои эҷодӣ (creative hubs) дар шаҳрҳо ва марказҳои минтақавӣ бо мақсади рушди навоварӣ, ҳамкорӣ ва дастрасӣ ба захираҳои муштарак;

- ҳамгироии рушди иқтисоди эҷодӣ ба барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ маҳаллӣ бо таваҷҷуҳи хос ба ҷавонон ва корхонаҳои эҷодие, ки бо роҳбарии занон фаъолият мекунанд.

189. Натиҷаҳои чашмдошт:

- фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар кишвар беҳтар мегардад;

- ҳиссаи маблағгузории хусусӣ дар ММД аз 8,7 дарсад то 25 дарсад зиёд мешавад;

- шумораи субъектҳои соҳибкорӣ аз 365 ҳазор то 465 ҳазор зиёд мешавад.

## §4.7. Тақвияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ

190. Ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар кишвар 19 лоиҳаи ШДБХ бо ҷалби беш аз 530 млн сомонӣ дар самтҳои энергетика, тандурустӣ, маориф, нақлиёт, алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои коммуналии ҷумҳурӣ мавриди татбиқ қарор доранд.

191. Феҳристи лоиҳаҳои афзалиятдоштаи ШДБХ бо 30 адад лоиҳа дар сомонаи МД «Маркази татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ» ҷойгир карда шудааст.

192. Сарфи назар аз ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии рушди ШДБХ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ҳол мушкилоти зерин боқӣ мемонанд:

- нокифоя будани иқтидори техникию зеҳнӣ барои омода намудани асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ;

- дар сатҳи зарурӣ амалӣ нашудани арзёбии маҷмуии сифат ва самаранокии идоракунии лоиҳаҳои ШДБХ.

193. Вобаста ба ин дар давраи миёнамуҳлати минбаъда васеъсозӣ ва ниҳодсозии механизмҳои ШДБХ ҳамчун воситаи муассири ҷалби сармояи хусусӣ ҷиҳати рушди инфрасохтор ҳадафҳои афзалиятнок ба ҳисоб мераванд.

194. Барои ноил шудан ба ин ҳадафи соҳа бояд иҷрои вазифаҳои зерин таъмин карда шаванд:

- такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии ШДБХ;

- баланд бардоштани шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва сифати идоракунии лоиҳаҳо;

- баланд бардоштани иқтидори зеҳнӣ ва сатҳи тахассуси иштирокчиёни ШДБХ.

195. Ҷиҳати такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ дар соҳаи ШДБХ андешидани тадбирҳои зерин мувофиқи мақсад мебошанд:

- дар як санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ намудани танзими муносибатҳо оид ба консессия ва ШДБХ;

- таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ.

196. Баланд бардоштани шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва сифати идоракунии лоиҳаҳои ШДБХ тавассути:

- таъсис додани портали ягонаи ШДБХ ҷиҳати дар амал татбиқ намудани занҷираи «таҳия-пешниҳод-ташхис-мувофиқа-баимзорасонии созишнома-амалисозӣ-тавсия барои ислоҳи камбудӣ ба бахши хусусӣ»;

- гузаронидани арзёбии рейтингии мунтазам (солона) оид ба самаранокии татбиқи лоиҳаҳои ШДБХ ва созишномаҳои сармоягузорӣ;

- таъмини дастрасии васеъ ба ҳуҷҷатҳо ва таҳлили лоиҳаҳои ШДБХ барои ҷомеа ва сармоягузорон.

197. Баланд бардоштани иқтидори зеҳнӣ ва сатҳи тахассуси иштирокчиёни ШДБХ тавассути тадбирҳои зерин:

- ташкил ва баргузор намудани барномаҳои омӯзишии доимӣ, тренингҳо ва курсҳои онлайнии таълимӣ барои намояндагони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ;

- бунёди платформаи рақамии омӯзиши фосилавӣ дар мавзӯи ШДБХ (дар доираи портали ягона).

198. Натиҷаҳои чашмдошт:

- ҳиссаи лоиҳаи татбиқшудаи ШДБХ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ зиёд мегардад;

- портали ягонаи рақамии ШДБХ, ки тамоми марҳилаҳои татбиқи лоиҳаҳоро дар бар мегирад, таъсис меёбад.

## §4.8. Ба эътидол овардани даромадҳо ва идоракунии қарзи давлатӣ

199. Бо мақсади татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2022 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда» дар таҳрири нав қабул гардид. Ин санад ба Ҳукумати кишвар имкон дод, ки механизми ҳамаҷонибаи идоракунии қарзи давлатӣ амалӣ гардида, хавфҳои марбут ба қарзгирӣ ва истифодаи маблағҳои қарзӣ коҳиш ёбад.

200. Дар асоси қонуни мазкур Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 таҳия ва мавриди амал қарор дорад. Ҳадафи асосии Стратегия таъмини талаботи иқтисоди миллӣ ба маблағгузории қарзӣ бо камтарин хароҷоту дараҷаи оқилонаи хавф мебошад.

201. Дар соли 2025 Агентии байналмилалии рейтингии «Standard & Poor's» рейтинги қарзии дарозмуддати Тоҷикистонро аз «B-» ба «BB» бо дурнамои «Устувор» баланд бардошт.

202. Ин пешравиҳо нишонаи беҳтар гардидани вазъи макроиқтисодӣ, баланд шудани самаранокии сиёсати молиявӣ ва афзоиши эътимоди созмонҳои

молиявии байналмилалӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Мавқеи баланди рейтинги қарзӣ ба кишвар имконият медиҳад, ки дар оянда сармоягузориҳои хориҷӣ бо шартҳои нисбатан мусоид ҷалб шуда, лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ бо сарчашмаҳои молиявии хориҷӣ амалӣ гарданд.

203. Ба ҳолати 1 январи соли 2025 ҳаҷми умумии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,6 млрд доллар ё 25,2 дарсади ММД-ро ташкил медиҳад (барои муқоиса: дар соли 2024 – 30,2 дарсади ММД). Аз ин миқдор, 3,2 млрд доллар қарзи хориҷӣ ва 398 млн доллар қарзи дохилӣ мебошад.

204. Қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қарзҳои бисёрҷониба (ба ҳолати 1 январи соли 2025 1555 млн доллар), қарзҳои дуҷониба (1500 млн доллар) ва қарзҳои кафолатнок (132 млн доллар ) иборат мебошад.

205. Дар сохтори қарзи давлатӣ ҳанӯз ҳам қарзи беруна бартарият дорад, ки ба он 89 дарсади сандуқи қарзӣ рост меояд. Сабабҳои камшавии ҳаҷми қарзи давлатӣ нисбат ба ММД дар соли 2024 ин суръати баланди рушди миёнасолонаи ММД, тавозуни мусбӣ байни хизматрасонии қарзи асосӣ ва азхудкунии маблағҳои нави қарзӣ дар доираи лоиҳаҳои амалкунандаи давлатии сармоягузорӣ мебошанд.

206. Идоракунии қарзи давлатӣ дар Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қарзи давлатӣ ва қарзи аз ҷониби давлат кафолатдодашуда», Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026 ва Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027 ба роҳ монда шудааст.

207. Ҳамасола Барномаи қарзгирии берунаи давлатӣ барои як соли молиявӣ ва дурнамои он барои ду соли минбаъда таҳия ва тасдиқ мешавад. Барномаи солҳои 2025-2027 дар баробари 42 созишномаи қарзӣ, инчунин маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятнок, ба монанди сохтмони НБО «Роғун», беҳбуди низоми обтаъминкунӣ ва дастгирии буҷетро дар назар дорад.

208. Тоҷикистон дар соли 2024 то нимаи якуми соли 2025 маблағҳои қарзии имтиёзнок ва грантиро ба маблағи умумии 1,8 млрд доллар ҷалб намуд. Қарзҳои ҷалбшуда асосан имтиёзнок буда, муҳлати онҳо аз 15 то 40 солро дар бар мегиранд ва давраи имтиёзноки баргардонӣ аз 4 то 10 солро ташкил медиҳад.

209. Аз соли 2023 идоракунии қарзи давлатӣ тавассути Низоми идоракунии қарз ва таҳлили танзими молиявӣ (DMFAS), ки бо кумак ва дастгирии Дафтари Швейтсариягӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ (SECO) ва дар ҳамкорӣ бо UNCTAD амал мекунад, ба роҳ монда шудааст. Ин низоми рақамӣ имконият медиҳад, ки ҳама маълумоту таҳлилҳои марбут ба қарзи дохилӣ ва хориҷӣ шаффофу дақиқ сабт ва назорат шаванд.

210. Созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Хазинаи Байналмилалии Асъор (минбаъ – ХБА) ва Бонки Ҷаҳонӣ (минбаъд – БҶ) дар таҳкими сиёсати қарзӣ ва ҷалби сармоя нақши калидӣ доранд.

211. Пардохти қарзи асосии Евробондҳо дар солҳои 2025-2027 муваққатан фишори молиявиро афзоиш дода, имконияти маблағгузории лоиҳаҳои бузурги инфрасохториро маҳдуд менамояд.

212. Дар татбиқи сиёсати қарзии давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат ҷалби қарзҳо барои рушди соҳаҳои истеҳсолӣ, бахусус саноати коркард, таъмини

тавозуни молиявӣ ва ҳифзи устувории қарзи давлатӣ ҳамчун ҳадафи соҳа боқӣ мемонад.

213. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда иҷрои вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- таҳкими қобилияти таҳлилӣ дар самти таҳияи пешниҳодҳо оид ба устувории низоми идоракунии қарзи давлатӣ;
- ҷалби қарзи давлатӣ ба соҳаҳои истеҳсолӣ.

214. Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои қайдгардида андешидани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- такмили низоми банақшагирии стратегии идоракунии қарзи давлатӣ;
- дар доираи меъёрҳои ҳадди ниҳоии қарзи давлатӣ ҷалби маблағҳо ба соҳаҳои афзалиятноки саноати коркард;
- таъмини сатҳи баланди шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар бахши идоракунии қарз;
- мониторинги мунтазам ва таҳлили сенарияҳои эҳтимолии ҷалби қарзи давлатӣ бо мақсади пешгирии хавфҳо;
- густариши ҳамкориҳои фаъол бо ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ.

215. Натиҷаҳои чашмдошт:

- барои амалисозии ҳадафҳои стратегии кишвар маблағгузории устувор таъмин мегардад;
- сатҳи истеҳсолоти дохилӣ баланд ва имкониятҳои содиротии кишвар зиёд мегарданд;
- сатҳи қарзи давлатӣ дар ҳадди устувор ва идорашаванда нигоҳ дошта мешавад;
- рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар бо истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъмин карда мешавад.

## 5. УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ РУШДИ КИШВАР

### §5.1. Гузариш ба буҷетикунонии барномавӣ ва лоиҳавӣ

216. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2024, №604 «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025» ба таври пилотӣ барои 15 барнома дар вазоратҳои маориф ва илм, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, кишоварзӣ ва фарҳанг нишондиҳандаҳои мушаххаси натиҷавӣ муайян шуданд.

217. Аммо ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар кишвар 236 ҲБС мавриди амалишавӣ қарор доранд, ки на ҳамаи онҳо аз рӯйи принсипи буҷетикунонии барномавӣ маблағгузорӣ мешаванд. Дар ин давра иҷрои барномаҳо дар сатҳи соҳавӣ аз рӯйи маблағ ба ҳисоби миёна 65 дарсад ва дар сатҳи маҳал (68 барнома) 77 дарсадро ташкил медиҳад.

218. Барои гузариши пурра ба буҷетикунонии барномавӣ ва лоиҳавӣ дар кишвар мушкилоти зерин ба назар мерасанд:

- мукаммал набудани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва методӣ оид ба буҷетикунонии барномавӣ ва лоиҳавӣ;

- ҳамгироии сусти буҷетикунонии барномавӣ бо раванди банақшагирии стратегӣ;

- малакаи нокифояи кормандони вазорату идораҳо барои таҳияи барномаҳо ва мониторинги иҷрои онҳо ва ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсаднок;

- мукаммал набудани низомҳои иттилоотии ягонаи рақамӣ барои идоракунии раванди буҷетикунонии барномавӣ.

219. Гузариши пурра ба буҷетикунонии барномавӣ ва лоиҳавӣ бо истифода аз технологияи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ҳадафи соҳа дар давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб меравад.

220. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои муайянгардида иҷрои вазифаҳои зерин ба мақсад мувофиқ шуморида мешаванд:

- такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва методӣ оид ба буҷетикунонии барномавӣ ва лоиҳавӣ;

- ҳамгироии пурраи буҷетикунонии барномавӣ бо раванди банақшагирии стратегӣ;

- баланд бардоштани дониш ва малакаи кормандони вазорату идораҳо барои таҳияи барномаҳо ва мониторинги иҷрои онҳо;

- мукаммал намудани низомҳои иттилоотии ягонаи рақамӣ барои идоракунии раванди буҷетикунонии барномавӣ.

221. Барои такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва методӣ оид ба буҷетикунонии барномавӣ ва лоиҳавӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба омода намудан ва арзёбии амалишавии буҷетикунонии барномавӣ;

- таҳия ва тасдиқи тартиби маблағгузории ҲБС бо дарназардошти зиёд намудани ҳиссаи маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ барои татбиқи онҳо.

222. Ҷиҳати ҳамгироии пурраи буҷетикунонии барномавӣ бо раванди банақшагирии стратегӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- таҳияи феҳристи ҲБС-и афзалиятнок, ки аз рӯйи принсипи буҷетикунонии барномавӣ маблағгузорӣ мегарданд (бо дарназардошти муносибгардонӣ ва кам кардани теъдоди онҳо дар кишвар);

- ҷорӣ намудани буҷетикунони барномавӣ дар сатҳи маҳаллӣ.

223. Барои баланд бардоштани дониш ва малакаи кормандони вазорату идораҳо дар таҳияи барномаҳо ва мониторинги иҷрои онҳо андешидани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- ташкили семинарҳо ва курсҳои омӯзишӣ барои кормандони вазорату идораҳо оид ба таҳияи барномаҳо ва буҷетикунонии барномавӣ;

- ба кишварҳои хориҷӣ равона намудани кормандони вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо ва дигар мақомоти дахлдор ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи пешқадами буҷетикунонии барномавӣ.

224. Ҷиҳати мукаммал намудани низомҳои иттилоотии ягонаи рақамӣ барои идоракунии раванди буҷетикунонии барномавӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- такмили барномаҳои рақамии соҳа барои банақшагирӣ, мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ;

- автоматикунонии пурраи равандҳои баҳодиҳии иҷро ва самаранокии ҲБС.

225. Натиҷаҳои чашмдошт:

- тавсияҳои методӣ оид ба омода намудан ва арзёбии амалишавии буҷетикунонии барномавӣ таҳия мегардад;

- тартиби маблағгузории ҲБС бо дарназардошти зиёд намудани ҳиссаи маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ барои татбиқи онҳо тасдиқ мегардад;

- семинарҳо ва курсҳои омӯзишӣ барои кормандони вазорату идораҳо оид ба барномасозӣ ва буҷетикунонии барномавӣ ба роҳ монда мешавад;

- феҳристи ҲБС-и афзалиятнок, ки аз рӯйи принсипи буҷетикунонии барномавӣ маблағгузорӣ мегарданд (бо дарназардошти муносибгардони ва кам кардани теъдоди онҳо дар кишвар) таҳия карда мешавад;

- буҷетикунони барномавӣ дар сатҳи маҳал ҷорӣ карда мешавад.

## §5.2. Бахши бонкӣ, низоми пардохт ва тавсеаи фарогирии молиявӣ

226. Дар солҳои 2021-2024 дороиҳо ва уҳдадориҳои низоми бонкии кишвар мутаносибан аз 22,4 то 47,5 млрд сомонӣ ва аз 17,3 то 38,5 млрд сомонӣ зиёд гардиданд. Дороиҳои низоми бонкӣ нисбат ба ММД аз 22,2 дарсади соли 2021 то ба 31 дарсад дар соли 2024 ва уҳдадориҳо бошад аз 17,2 то 25,1 дарсад зиёд гардиданд.

227. Аз ҷониби низоми бонкии кишвар дар солҳои 2021-2024 дар ҳаҷми 71,6 млрд сомонӣ маблағҳои қарзӣ дода шуд. Аз ҷумла, дар соли 2024 ба маблағи 24,6 млрд сомонӣ қарз пешниҳод карда шуд, ки нисбат ба соли 2021 79,6 дарсад зиёд мебошад. Бақияи умумии пасандозҳо дар ин давра 2,5 маротиба афзоиш ёфтааст.

228. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 (минбаъд – СФМФ) тасдиқ ва мавриди амал қарор дода шуд.

229. Таҳлили нишондиҳандаҳои фарогирии хизматрасониҳои молиявӣ нишон медиҳад, ки нишондиҳандаи дониши молиявӣ ва рафтори молиявӣ дар соли 2024 мутаносибан ба 2,9 ва 5,9 дарсад баробар шуд, ки нисбат ба соли 2017 мутаносибан ба андозаи 0,3 банди фоизӣ зиёд мебошанд. Баҳои умумии саводнокии молиявӣ дар соли 2024 ба 11,8 дарсад баробар шуд, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 0,8 банди фоизӣ зиёд мебошад.

230. Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2024 шумораи умумии кортҳои пардохтии бонкӣ ба 8,4 млн расид, ки нисбат ба соли 2020-ум 3 маротиба зиёд аст. Шумораи ҳамёнҳои электронӣ бошад ба 12,1 млн расида, нисбат ба соли 2020-ум 7,1 маротиба зиёд шуд. Дар сохтори инфрасохтори пешниҳоди пули нақд шумораи банкоматҳо ба 3005 адад ва терминалҳои электронӣ ба 3817 адад расонида шуда, нишондиҳандаҳои мазкур нисбат ба соли 2020 мутаносибан 2,3 маротиба ва 2 маротиба зиёд мебошанд.

231. Шумораи POS-терминалҳо ба ҳолати 1 январи соли 2025 8138 адад ва QR-рамзҳо 19918 ададро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли 2020 мутаносибан 2,1 маротиба ва 3,8 маротиба зиёд гардида, 9107 адад терминалҳои худкори худхизматрасон насб карда шудаанд.

232. Дар баробари дастовардҳои ноилгардида дар самти таҳкими утсувории низоми бонкӣ ва васеъ намудани фарогирии молиявӣ ба хизматрасониҳои босифати молиявӣ як қатор мушкилот мавҷуданд, аз ҷумла:

- сатҳи нисбатан пасти саводнокии молиявии як қисми аҳолӣ;
- ҳаҷми зиёди пули нақд дар муомилот берун аз низоми бонкӣ;
- пурра ҷорӣ нагардидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҳама соҳаҳои иқтисоди миллӣ;
- номукаммалии инфрасохтори хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар минтақаҳои дурдасти кишвар;
- иттилооти нокифоя оид ба маҳсулоти бонкдории исломӣ, ифшои нопурраи маълумот ва таъмини шаффофияти он;
- кам истифода гардидани инфрасохтори низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар бозорҳо ва нуқтаҳои хариду фурӯши молу хизматрасониҳо.

233. Дар давраи миёнамуҳлат таъмини устувории низоми бонкӣ ва тавсеаи фарогирии молиявӣ, тақвияти низоми пардохт, бахусус ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, муътадилии сатҳи таваррум, кам кардани пули нақди берун аз низоми бонкӣ ва афзоиши ҳаҷми қарзҳои дастрас ҳамчун ҳадафҳои соҳа боқӣ мемонанд.

234. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда иҷрои вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ;
- гузариши пурра ба ҳадафгирии таваррум;
- коҳиш додани ҳиссаи гардиши пули нақд дар иқтисоди кишвар;
- рушди низоми пардохтӣ ва вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ;
- тавсеаи инфрасохтори бозори молиявӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, бахусус дар минтақаҳои дурдасти кишвар.

235. Барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишвар андешидани тадбирҳои зерин зарур мебошад:

- идома додани барномаҳои омӯзишӣ оид ба саводнокии молиявӣ барои аҳолӣ;
- таҳияи маводи иттилоотии оммафаҳм барои аҳолӣ.

236. Барои коҳиш додани ҳиссаи гардиши пули нақд дар иқтисоди кишвар андешидани тадбирҳои зерин зарур мебошад:

- марҳила ба марҳила маҳдуд кардани истифодаи пули нақд дар муомилоти пулии кишвар;
- татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва пешниҳоди имтиёзҳо барои истифодаи пардохтҳои ғайринақдӣ;
- тақвият додани чорабиниҳои ташвиқотиву таблиғотӣ оид ба моҳият ва афзалиятҳои ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ.

237. Барои рушди низоми пардохтӣ ва вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти молу маҳсулот андешидани тадбирҳои зерин зарур мебошад:

- дар қонунгузорӣ пешбинӣ намудани меъёрҳои ҳатмӣ барои истифодаи воситаҳои қабули пардохтҳои ғайринақдӣ дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ;

- тақвият додани раванди насби воситаҳои қабули пардохтҳои ғайринақдӣ (POS-терминалҳо, QR-рамзҳои ягона, интернет-эквайринг ва ғайра) дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ;

- пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ барои соҳибкорон, ки қабули пардохтҳои молу хизматрасониҳоро дар шакли ғайринақдӣ ҷорӣ менамоянд.

238. Барои тавсеаи инфрасохтори бозори молиявӣ ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, бахусус дар минтақаҳои дурдасти кишвар андешидани тадбирҳои зерин зарур мебошад:

- ҳамгироии воситаҳои электронии пардохтӣ дар як платформаи рақамӣ барои анҷом додани пардохтҳои ғайринақдии хариди мол ва хизматрасониҳо;

- васеъ намудани шабакаҳои таҳвили хизматрасониҳои молиявии рақамӣ дар минтақаҳои дурдаст;

- татбиқи технологияҳои муосири молиявӣ ва ҷалби ширкатҳои дорои технологияҳои молиявӣ дар рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ.

239. Натиҷаҳои чашмдошт:

- сатҳи таваррум дар ҳудуди 5 дарсад +/-2 банди дарсадӣ нигоҳ дошта мешавад;

- ҳаҷми қарздиҳии бонкӣ ба 20 дарсади ММД расонида мешавад;

- фарогирии молиявии аҳолӣ дар кишвар то сатҳи 50 фоизи аҳолӣ баланд мешавад;

- фарогирии молиявии аҳолӣ дар минтақаҳои дурдаст дар сатҳи на камтар аз 30 фоизи аҳолӣ таъмин мегардад;

- инфрасохтори низоми пардохтҳои ғайринақдӣ дар тамоми минтақаҳо таъмин мегардад.

## §5.3. Бахши суғурта ва рушди он

240. Бо мақсади мустаҳкам кардани заминаи қонунгузории низоми суғурта як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа, аз ҷумла: «Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)», «Тартиби назорати риояи қонунгузорӣ дар соҳаи суғурта бо роҳи гузаронидани санҷиши субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ», «Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ» инчунин, «Талабот нисбат ба услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ» ва «Талабот ба мазмуни шартнома ва санади қабулу интиқоли портфели суғуртавӣ» тасдиқ карда шуд.

241. Ҳаҷми дороиҳои низоми суғуртаи кишвар аз 412,4 млн сомонии соли 2020 то ба 902 млн сомонӣ дар соли 2024 расонида шуд. Аммо ин нишондиҳанда нисбат ба ММД дар соли 2024 ҳамагӣ 0,6 дарсадро ташкил дода, имкониятҳои соҳаро барои маблағгузории рушди кишвар маҳдуд месозад.

242. Дар низоми суғуртаи кишвар ҳанӯз як қатор мушкилиҳо мушоҳида мегарданд:

- самаранок ба роҳ монда нашудани пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ, ки ба манфиатҳои суғурташавандагон ҷавобгӯ бошанд;

- сатҳи на он қадар баланди эътимоди аҳолӣ ба ташкилоти суғуртавӣ ва маърифати суғурташавандагон;

- сатҳи нокифояи раванди рақамикунонии пардохтҳои суғуртавӣ.

243. Дар давраи миёнамуҳлат рушди низоми суғурта бо зиёд намудани дороиҳо ва баланд бардоштани эътимоднокӣ ҳамчун ҳадафи соҳа ба ҳисоб меравад.

244. Барои ноил шудан ба ҳадафи пешбинишудаи соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- баланд бардоштани самаранокии пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ ва ҷавобгӯ гардонидани онҳо ба манфиатҳои суғурташавандагон;

- баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба ташкилотҳои суғуртавӣ ва маърифати суғурташавандагон;

- васеъ намудани номгӯи хизматрасониҳои суғуртавии пешниҳодшаванда ба бахши воқеии иқтисодӣ;

- рушди соҳаи азнавсуғуртакунӣ тибқи таҷрибаи байналмилалӣ;

- ба роҳ мондани суғуртаи ҳолатҳои фавқулодда вобаста ба хавфҳои тағйирёбии иқлим.

245. Ҷиҳати иҷрои вазифаҳои қайдгардида андешидани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- афзоиши намудҳои маҳсулоти суғуртавӣ, аз ҷумла дар самти суғуртаи шахсӣ, суғуртаи ҳаёт ва намудҳои махсуси суғуртаи фаъолияти соҳибкорӣ;

- дастгирии давлатии ширкатҳои суғуртавӣ, ки хизматрасониҳои босифатро пешниҳод менамоянд;

- истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ дар низоми суғурта;

- ташкили чорабиниҳои омӯзишӣ барои баланд бардоштани маърифати молиявии суғурташавандагон;

- ҳавасмандкунии ширкатҳои суғуртавӣ барои маблағгузории соҳаҳои иқтисоди миллӣ;

- баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ дар ширкатҳои суғуртавӣ;

- ҷорӣ намудани механизми азнавсуғуртакунӣ дар кишвар.

246. Натиҷаҳои чашмдошт:

- сатҳи боварию эътимоди аҳолӣ ба ташкилоти суғуртавӣ беҳтар мешавад;

- сатҳи маърифати молиявии суғурташавандагон баланд бардошта мешавад;

- шартномаҳо тавассути платформаҳои рақамӣ баста мешаванд.

## §5.4. Усулҳои муосири маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ

247. Дар соли 2024 ҳаҷми маблағгузории буҷети давлатӣ барои фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ 240 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2021 ба 117,3 млн сомонӣ зиёд буда, ҳамагӣ ба 0,16 дарсади ММД баробар мебошад. Ҳол он ки тибқи индикаторҳои СМР-2030 ин нишондиҳанда бояд ба на кам аз 1,5 дарсади ММД расонида шавад.

248. Маблағгузории фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ аз буҷети давлатӣ нокифоя буда, бахши хусусӣ ҷиҳати маблағгузории корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ (минбаъд – КИТТК) ҳавасмандӣ зоҳир намекунад.

249. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 парки технологии назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд – МТОК) фаъолият менамоянд, ки аксари онҳо ба самти инноватсионӣ алоқамандӣ надоранд.

250. Соли 2022 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмӣ-техникӣ» қабул гардид, ки ҳамчун замина барои гуногунсамтии сарчашмаҳои маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ ва истифодаи самараноки натиҷаҳои он дар раванди истеҳсолот ба ҳисоб меравад.

251. Дар самти маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ як қатор мушкилиҳо ба назар мерасанд:

- вобастагии молиявии фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ аз як манбаъ (буҷети давлатӣ) ва таъмин нагардидани гуногунсамтии сарчашмаҳои маблағгузории онҳо;
- мавҷуд набудани акселераторҳо ва сарпарастҳои тиҷоратӣ;
- имконияҳои маҳдуди тиҷоратикунонии натиҷаҳои корҳои илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ, инчунин набудани механизми боздеҳи сармоягузориҳо;
- ҳавасмандии нокифояи бахши хусусӣ барои маблағгузории фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ.

252. Ташаккул додани низоми устувори маблағгузории фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ бо таъмини гуногунсамтии сарчашмаҳои он дар давраи миёнамуҳлат ҳамчун ҳадафи соҳа ба ҳисоб меравад.

253. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошад:

- зиёд намудани ҳаҷми маблағҳои буҷети давлатӣ барои татбиқи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ (минбаъд – КИТ)-и афзалиятнок;
- рушд ва тавсеаи шаклҳои алтернативӣ ва омехтаи маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ, аз ҷумла краудфандинг;
- татбиқи механизми ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ ва низоми бонкӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ;
- банақшагирӣ ва амалисозии тадбирҳо оид ба ҳавасмандгардонии тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмию техникӣ дар самти дахлдор.

254. Барои афзоиш додани ҳаҷми маблағгузории корҳои илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ амалишавии тадбирҳои зерин зарур ҳисобида мешаванд:

- афзоиш додани маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ аз буҷети давлатӣ;
- ҷалб намудани кумакҳои техникӣ ва маблағҳои грантӣ барои дастгирии фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ;
- пурра таъмин намудани маблағгузории ҲБС оид ба рушди илму инноватсия;
- тавсеаи механизми ШДБХ дар татбиқи лоиҳаҳои КИТТК ва инноватсионӣ;

- дастгири давлатии маҷмааҳои инноватсионӣ.

255. Барои рушди низоми сарпарастҳои тиҷоратӣ ва краудфаундинг амалишавии тадбирҳои зерин зарур ҳисобида мешаванд:

- таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти сарпарастҳои тиҷоратӣ ва краудфаундинг;
- пешбинӣ намудани механизми маблағгузории омехтаи фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ.

256. Натиҷаҳои чашмдошт:

- ҳаҷми маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ барои фаъолияти КИТТК ва инноватсионӣ то ба 1,5 дарсади ММД баробар мегардад;
- ҳиссаи маблағгузории омехта дар фаъолияти илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ афзоиш меёбад;
- қонунгузорӣ дар самти рушди краудфандинг такмил меёбад;
- тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмию тадқиқотӣ ва инноватсионӣ тақвият меёбад.

## §5.5. Рушди сармояи венчурӣ ва стартапҳо

257. Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Нақшаи амал оид ба рушди соҳибкории ҷавонон ва сармояи венчурӣ барои солҳои 2024-2026» ва «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тасдиқ гардида, мавриди амал қарор доранд.

258. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи стартапҳо, бахусус дар бахши зеҳни сунъӣ афзоиш ёфт.

259. Дар соли 2024 аввалин парки инноватсионӣ-технологии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд (минбаъд – ҶДММ) «Парки технологии маҳсулоти барномавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар шаҳри Душанбе» таъсис дода шуд, ки он дорои платформаи замонавии ТИК буда, барои рушди фаъолияти стартапҳо дар кишвар ва зеҳни сунъӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

260. Барои рушди стартапҳо ва ҷалби сармояи венчурӣ мушкилиҳои зерин ба назар мерасанд:

- номукаммалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои дастгирии стартапҳо ва сармояи венчурӣ;
- дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтани инфрасохтори муосир барои стартапҳо;
- дастрасии маҳдуд ба маблағгузорӣ ва норасоии мутахассисони соҳибтахассус дар самти рушди стартапҳо.

261. Дар давраи миёнамуҳлат ташаккули экосистемаи устувори стартапҳо, мукаммалгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқии он ва ҷалби сармояи венчурии дохилию хориҷӣ ба стартапҳои ватанӣ ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб мераванд.

262. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда иҷрои вазифаҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

- таҳия ва амалӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти дастгирии стартапҳо ва сармояи венчурӣ;

- ташкили инфрасохтори муосир барои стартапҳо;
- ҷалби сармоя барои стартапҳо ва омода намудани кадрҳои баландихтисос дар ин самт.

263. Барои таҳия ва амалӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти дастгирии стартапҳо ва сармояи венчурӣ чунин тадбирҳо муҳим арзёбӣ мегарданд:

- таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармояи венчурӣ»;
- ворид намудани тағйирот ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоя ва ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ» ва «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» вобаста ба танзими фаъолияти стартапҳо;
- таҳия ва татбиқи ҲБС дар самти дастгирии давлатии фаъолияти стартапҳо;
- пешниҳоди субсидияҳои давлатӣ ва қарзҳои имтиёзнок барои стартапҳо, ки лоиҳаҳои инноватсиониро дар доираи принсипҳои иқтисоди «сабз» татбиқ менамоянд;
- таҳия ва қабули лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷати банақшагирии стратегӣ оид ба иқтисоди эҷодӣ бо мақсади бунёди заминаи ҳуқуқӣ барои рушди соҳа.

264. Ҷиҳати ташкили инфрасохтори муосир барои стартапҳо чунин тадбирҳо зарур арзёбӣ мегарданд:

- таъсиси платформаи рақамии «Startup.tj» барои бақайдгирӣ ва муаррифии лоиҳаҳо ба сармоягузорон;
- таъсиси маҷмааҳои инноватсионӣ, аз ҷумла дар бахшҳои асосии иқтисод, аз қабили саноат, кишоварзӣ, энергетика, сохтмон ва сайёҳӣ;
- рушди соҳаи иқтисоди эҷодӣ;
- ташкили озмоишгоҳҳои иннноватсионӣ дар МТК кишвар;
- таҳияи стандартҳои амниятӣ барои истифодаи зеҳни сунъӣ (AI) ва иттилооти калонҳаҷм (Big Data) дар коркардҳои илмию амалӣ.

265. Ҷиҳати ҷалби сармоя барои стартапҳо ва омода намудани кадрҳои баландихтисос дар ин самт андешидани чунин тадбирҳо ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- таъсис ва рушди фондҳои венчурӣ;
- иштироки стартапҳо дар барномаҳои байналмилалӣ ва акселераторҳо;
- ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии венчурӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ бо мақсади маблағгузории фаъолияти стартапҳо;
- ҳавасмандгардонии стартапҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, технологияҳои блокчейн ва лоиҳаҳои иқтисоди «сабз»;
- ҷалби ширкатҳои консалтингии хориҷӣ, бизнес-инкубаторҳо, марказҳои таълимӣ ва рушди сармояи венчурӣ дар самти расонидани хизматрасонии машваратӣ ба соҳибкории инноватсионӣ;
- баланд бардоштани сатҳи дониш ва маълумотнокии ҷавонон дар самти таҳия ва амлигардонии лоиҳаҳои соҳибкорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ.

266. Натиҷаҳои чашмдошт:

- фондҳои венчурӣ барои рушди стартапҳо таъсис дода мешаванд;
- платформаи рақамии «Startup.tj» таъсис дода мешавад;

- мутахассисони соҳибкасб дар хориҷи кишвар омода карда мешаванд.
- марказҳои эҷодӣ таъсис дода мешаванд.

### §5.6. Ҷалби маблағгузории «сабз» барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ

267. Барои таъмини ҳамкории судманд ва самаранок бо институтҳои молиявӣ ва шарикони рушд қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишнома дар бораи таъсиси Институти ҷаҳонии рушди сабз» аз 25 октябри соли 2024, №538 ва «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди Иқлими Сабз дар бораи имтиёзҳо ва масуниятҳо» аз 29 ноябри соли 2024, №607 қабул ва мавриди амал қарор доранд.

268. Дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда ҳиссаи лоиҳаҳои «сабз» назаррас аст. Ба ҳолати 1 январи соли 2025 90 лоиҳа ба маблағи 4,7 млрд доллари ИМА мавриди татбиқ қарор дорад, ки аз он 19 лоиҳа ба соҳаи энергетикаи «сабз» бо маблағи 1,8 млрд доллар ё 38,2 дарсади маҷмуи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ рост меояд. Дар соҳаи экология/ҳолатҳои фавқулода 7 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 230,5 млн доллар мавриди татбиқ қарор доранд.

269. Соли 2024 аввалин вомбаргҳои «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки «Эсхата» бо ҷалби сармояи шарикони рушд интишор гардид.

270. Дар самти ҷалби маблағгузории «сабз» барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ як қатор мушкилиҳо вуҷуд доранд:

- ташаккул наёфтани заминаи меъёрии ҳуқуқии раванди сармоягузории «сабз» дар кишвар;
- дастрасии маҳдуд ба маблағгузории байналмилалии «сабз» ва сатҳи нокифояи иштироки Тоҷикистон дар фондҳои глобалии иқлимӣ;
- ҳамгироии нокифояи меъёрҳои экологӣ дар амалигардонии сиёсати молиявӣ ва сармоягузорӣ;
- норасоии мутахассисон дар самти маблағгузории «сабз»;
- мавҷуд набудани методологияи гурӯҳбандии лоиҳаҳо аз рӯйи меъёрҳои иқтисоди «сабз» (таксономия).

271. Барои давраи миёнамуҳлат гардиши васеи воситаҳои молиявии «сабз» дар бозори коғазҳои қимматнок, ҷалби маблағгузории «сабз» ва ворид шудан ба бозори байналмилалӣ ва минтақавии сармояи «сабз» ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб мераванд.

272. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- ташаккул ва рушди заминаи институтсиоаналии маблағгузории «сабз»;
- таҳия ва ҷорӣ намудани методологияи гурӯҳбандии лоиҳаҳо аз рӯйи меъёрҳои иқтисоди «сабз» (таксономия);
- ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии ҳавасмандкунии маблағгузории «сабз» аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- ташаккул ва дастгирии лоиҳаҳо дар самти иқтисоди «сабз».

273. Дар самти фароҳам овардани заминаи мусоиди институтсионалии маблағгузории «сабз» иҷрои тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- тақвияти низоми молиявӣ ва бонкии кишвар дар самти ҷалби маблағгузории «сабз»;

- дастрасии субъектҳои татбиқкунандаи лоиҳаҳои «сабз» ба воситаҳои молиявии нисбатан арзон;

- ташкили курсҳои омӯзишӣ оид ба талаботи стандартҳои экологӣ, иҷтимоӣ, идоракунии корпоративӣ ва таксономия дар бахши бонкӣ ва сармоягузорӣ.

274. Дар самти таҳия ва ҷорӣ намудани методологияи гурӯҳбандии лоиҳаҳо аз рӯйи меъёрҳои иқтисоди «сабз» (таксономия) иҷрои тадбирҳои зерин лозим аст:

- ҷорӣ намудани феҳристи лоиҳаҳои афзалиятноки «сабз»;

- тасдиқи методологияи гурӯҳбандии лоиҳаҳо аз рӯйи меъёрҳои иқтисоди «сабз» (таксономия) дар кишвар.

275. Дар самти ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии ҳавасмандкунии маблағгузории «сабз» аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- пешниҳоди васеи воситаҳои молиявии «сабз» дар бозори дохилӣ тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ;

- арзёбии самаранокии лоиҳаҳо аз рӯйи хавфҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ барои маблағгузории «сабз»;

- васеъ паҳн намудани таҷрибаи бароришии вомбаргҳои «сабз» аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ ва фондҳои гуногун;

- пешниҳоди хизматрасонии суғуртаи «сабз».

276. Вобаста ба таҳия ва дастгирии лоиҳаҳо дар самти иқтисоди «сабз» иҷрои тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- таъмини дастрасӣ ба манбаъҳои молиявии институтҳои байналмилалии сармоягузории «сабз»;

- дастгирии таҳияи асосноккунии техникӣ-иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузории «сабз»;

- пешниҳоди дархостҳои лоиҳавӣ ба фондҳо ва институтҳои молиявӣ ҷиҳати ҷалби маблағгузории «сабз»;

- таъсиси фонди маблағгузории «сабз» дар кишвар бо ҷалби сармояи хориҷӣ.

277. Натиҷаҳои чашмдошт:

- фаъолияти вазорату идораҳо оид ба ҳамоҳангсозӣ ва пешбурди маблағгузории «сабз» тақвият меёбад;

- методологияи гурӯҳбандии лоиҳаҳо аз рӯйи меъёрҳои иқтисоди «сабз» (таксономия) тасдиқ ва татбиқ карда мешавад;

- ҳиссаи лоиҳаҳои «сабз» дар маҷмуи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ зиёда аз 50 дарсадро ташкил медиҳад;

- ҷалби сармояи «сабз» аз ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ афзоиш меёбад.

## 6. БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲО ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ СОҲАҲОИ ВОҚЕИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

### §6.1. Саноатикунонии босуръат бо технологияҳои инноватсионӣ

278. Дар давраи татбиқи БМР 2021-2025 бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 2 маротиба зиёд гардида, суръати миёнасолонаи рушди воқеии он 20 дарсадро ташкил дод. Ҳамзамон дар ин давра дар ҳудуди кишвар зиёда аз 2416 корхона ва коргоҳҳои саноатӣ мавриди истифода қарор дода шуданд. Танҳо дар соли 2024 аз 333 намуд муҳимтарин маҳсулоти саноатии истеҳсолшаванда афзоиши ҳаҷми истеҳсоли 190 номгӯйи он (57,1 дарсад) таъмин гардида, истеҳсоли 23 номгӯйи моле (6,9 дарсад), ки дар соли 2023 истеҳсол нашуда буданд, ба роҳ монда шуд.

279. Бо вуҷуди дастовардҳо барои ноил шудан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ҳанӯз мушкилиҳои зерин ба назар мерасанд:

- сатҳи нокифояи рақобатпазирӣ ва гуногунсамтии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ;
- ҳаҷми нокифояи воридшавии сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаи саноат ва технологияи инноватсионӣ;
- рушди нокифояи истеҳсолот бо сатҳи технологиаш миёна ва баланд;
- норасоии мутахассисони навовар дар саноат ва инноватсия;
- истифодаи нокифояи технологияи муосири каммасраф ва бепартов;
- ташаккул наёфтани занҷираи арзиши баланди иловашуда тавассути бунёди маҷмааҳои саноатӣ;
- монеаҳои маъмурӣ ва зинаҳои бюрократӣ дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сохтмони корхонаҳои саноатӣ, паркҳои саноатию инноватсионӣ.

280. Рушди босуръати саноат бо амалисозии равандҳои инноватсионӣ ва рақамӣ, ба роҳ мондани коркарди ашёи хоми маҳаллӣ то маҳсулоти ниҳоӣ, бунёди корхонаҳои нави муосир бо сатҳи технологиаш миёнаву баланд ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб мераванд.

281. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир бо арзиши баланди иловашуда;
- ҷалби васеи сармояи хориҷӣ, аз ҷумла мустақим ва қарзи беруна ба соҳаҳои саноати сатҳи технологиаш миёна ва баланд;
- баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноат ва омода намудани мутахассисони соҳибкасби навовар;
- ба роҳ мондани таҷрибаи пайвасти илм бо истеҳсолот, ҳавасмандии фаъолияти инноватсионӣ ва истеҳсолоти даврагӣ дар соҳаҳои саноат;
- татбиқи таҷрибаи ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар доираи маҷмааҳои саноатӣ.

282. Барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир бо арзиши баланди иловашуда иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- Муосиргардонии корхонаҳои мавҷуда ва фаъолсозии корхонаҳои бекорхобида тавассути роҳандозии технологияҳои нав, аз ҷумла ҶСК «Ширкати алюминийи тоҷик», ҶСК «Азот», ҶДММ «ИИ Нассоҷии Тоҷик», ҶСК

«Кони маъдантозакунии Адрасмон»-и шаҳри Гулистон ва ҶСК «Тоҷикгидроэлектромантаж»;

- ташкили маҷмааҳои нави нассоҷӣ ва тавсеаи иқтидорҳои мавҷуда, аз ҷумла дар заминаи маҷмааи нассоҷии Ширкати «БТК-Групп», рушди маҷмааи пахтаву бофандагии Ҷамъияти саҳомии пӯшида (минбаъд – ҶСП) «Ҷунтай-Данғара-Син Силу Текстил», ташаккули маҷмааи нассоҷӣ дар шаҳри Бохтар ва рушди маҷмааи содироти маҳсулоти тайёри нассоҷӣ дар заминаи ҶДММ КМ «Ҷавонӣ» ва ҶДММ КМ «САТН»;

- азнавсозии корхонаи ҶДММ «АКИА АВЕСТО автоматив индастри», ташкили истеҳсоли мошинҳои барқӣ, аккумуляторҳо ва панелҳои офтобӣ, бахусус бунёди корхонаи ҶДММ «Технологияҳои офтобӣ»;

- сохтани корхонаҳои нави саноатӣ бо истифода аз технологияҳои муосир барои васлу насби тракторҳо, истеҳсоли трансформатору муҳаррикҳои барқӣ дар шаҳри Кӯлоб истеҳсоли маъдани оҳан ;

- роҳандозии стандартҳои байналмилалии сифат ва бехатарии маҳсулот, аз ҷумла ISO 9001 (низоми идоракунии сифат), ISO 14001 (идоракунии экологӣ), ISO 45001 (идоракунии бехатарии меҳнат ва ҳифзи саломатӣ), ISO 22000 (идоракунии бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ), ISO 27001 (идоракунии амнияти иттилоотӣ), ISO 50001 (идоракунии энергетикӣ), ISO 26000 (идоракунии масъулияти иҷтимоӣ), ISO 55001 (идоракунии дороиҳо);

- зиёд кардани истихроҷи нуқра барои истеҳсоли панелҳои офтобӣ бо истифодаи имкониятҳои конҳои «Кониманcур» ва «Тарор», инчунин азнавсозии корхонаи ҶСК «Кони маъдантозакунии Адрасмон»;

- коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва сунъӣ барои суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳои саноатию инноватсионӣ.

283. Дар самти ҷалби васеи сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои саноати сатҳи технологиаш миёна ва баланд иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи саноати коркард ва пешниҳоди онҳо ба сармоягузорони хориҷӣ;

- ҷалби сармояи ширкатҳои машҳури ҷаҳонӣ ба соҳаҳои сатҳи технологиаш миёна ва баланд;

- таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо дар саноати доруворӣ, металлургия, мошинсозӣ, саноати кимиё ва нафту кимиё, саноати масолеҳи бинокорӣ ва истеҳсоли маснуоти пластмасса, аз ҷумла корхонаи истеҳсоли сӯзандору дар ш. Кӯлоб (бо иқтидори истеҳсолӣ то 10 млн дона дар як сол), корхонаи коркарди гиёҳҳои шифобахш дар н. Варзоб (бо иқтидори истеҳсолӣ то 20 тонна); ҶДММ «Пейкидж» истеҳсоли халтаҳои полиэтиленӣ дар ноҳияи Данғара (бо иқтидори истеҳсолӣ то 40 млн дона), ҶСП «Балҷувон Ойл» корхонаи коркарди нафт (бо иқтидори истеҳсолӣ то 1000 тонна), корхонаи истеҳсоли гаҷкартон дар ноҳияи Ёвон (бо иқтидори истеҳсолӣ то 30 млн $м^2$), корхонаи истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ дар ноҳияи Вахш (бо иқтидори истеҳсолӣ то 10 ҳаз. $м^2$).

284. Дар самти баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи саноат ва омода намудани мутахассисони соҳибкасби навовар иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- ҳавасмандкунии воридоти технологияи инноватсионӣ ба корхонаҳои нави саноатӣ;

- ташаккули низоми омода кардани мутахассисони касбии соҳаи саноат тавассути вобаста кардани МТК ба корхонаҳои истеҳсолӣ;

- васеъ ҷорӣ намудани таҷрибаи ҳавасмандкунии кормандон аз рӯйи натиҷаи фаъолият.

285. Дар самти ба роҳ мондани таҷрибаи пайвасти илм бо истеҳсолот, ҳавасмандии фаъолияти инноватсионӣ ва истеҳсолоти даврагӣ дар соҳаҳои саноат иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- ташкили технополисҳо, паркҳои индустриалӣ ва инноватсионӣ, минтақаҳои саноатӣ ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

- таъсиси ду парки индустриалии Тоҷикистону Россия дар шаҳрҳои Душанбе (дар заминаи коргоҳи мошинсозӣ) ва Гулистон (дар заминаи корхонаи «Қолинҳои Қайроққум»);

- ташаккул ва рушди сикли пурраи коркард дар соҳаи металлургия, аз ҷумла коркарди консентратҳои сурб, руҳ ва мис дар ҶДММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой»-и шаҳри Гулистон, коркарди консентрати сурма дар ҶДММ «Анзоб»-и ноҳияи Айнӣ, рушди истеҳсоли қисмҳо ва ҷузъҳо бо истифода аз технологияҳои чопи 3-ҳаҷма (3D), аз ҷумла барои истеҳсоли маҳсулоти металлӣ;

- рушди саноати заргарӣ дар заминаи истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо, инчунин конҳои сангҳои нимқиматбаҳо ва қиматбаҳо, аз ҷумла дар ҶДММ «Ақиқа», ҶДММ «Тоҷик кристалл» ва ҶСК «Равшан»;

- ташкили корхонаҳо дар самти иқтисоди даврагӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ.

286. Дар самти татбиқи таҷрибаи ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар доираи маҷмааҳои саноатӣ иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- ташкил ва рушди маҷмааҳои (кластерҳои) агросаноатӣ дар самти коркарди пурраи нахи пахта, пилла, чарм, пашм, гушту шир, сабзавоту мева;

- ташкил ва рушди маҷмааҳои (кластерҳои) саноатӣ дар самтҳои коркарди маъданҳо, саноати нассоҷӣ, хӯрокворӣ, мошинсозӣ, кимиё ва масолеҳи сохтмон.

287. Натиҷаҳои чашмдошт:

- ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 2,5 маротиба, аз ҷумла саноати коркард 2,8 маротиба афзоиш меёбад;

- ҳиссаи саноат дар ММД-и ҷумҳурӣ ба 30 дарсад расонида мешавад;

- ҳиссаи соҳаҳои коркард дар сохтори саноат ба 65 дарсад ва бештар аз он расонида мешавад;

- ҳиссаи соҳаҳои сатҳи технологиаш миёна ва баланд дар сохтори саноат ба 29 дарсад расонида мешавад.

### §6.2. Бахши аграрӣ: истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо истифодаи самараноки замин ва технологияҳои баланди инноватсионӣ

288. Бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба ғизои хушсифат Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди соҳаи боғу

токпарварӣ ва ситруспарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029, Барномаи рушди механикунонии инноватсионии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029, Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 ва Барномаи рушди чарогоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 қабул ва мавриди амал қарор доранд.

289. Дар солҳои 2021-2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 2 маротиба афзоиш ёфта, ин нишондиҳанда дар соли 2025 ба 75,4 млрд сомонӣ баробар гардид. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ – 2,4 маротиба ва чорводорӣ 2,6 маротиба зиёд шуд. Таъминоти бозори дохилӣ бо маҳсулоти асосии озуқаворӣи истеҳсоли ватанӣ дар кишвар ба 85 дарсад расонида шуд.

290. Новобаста аз пешравиҳо дар соҳа ҳанӯз мушкилиҳои зерин ба назар мерасанд:

- зиёд гардидани масоҳати заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ва заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш;
- сари вақт нагузаронидани корҳои агротехникӣ дар заминҳои кишоварзӣ;
- фарсуда шудан ва аз кор мондани пойгоҳҳои обкашӣ ва аз ҳисоби ин обёрӣ нагардидани як қатор заминҳо;
- ба таври васеъ паҳн нашудани усулҳои инноватсионии обёрӣ (обёрии қатрагӣ ва боронӣ);
- вобастагии хоҷагиҳои кишоварзӣ аз воридоти тухмиҳои хушсифат, ниҳолҳои ба шароити маҳал ва тағйирёбии иқлим мутобиқшуда;
- ба меъёрҳои муайяншуда мувофиқ набудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳосилхезии пасти хок;
- сатҳи пасти механизатсияи инноватсионии истеҳсолоти кишоварзӣ;
- раванди сусти рақамикунонии истеҳсолот ва мониторинги вазъи соҳа бо дарназардошти тағйирёбии иқлим;
- риоя нагардидани қоидаҳои агротехникаи парвариши зироатҳои кишоварзӣ.

291. Таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ тавассути рақамикунонӣ, татбиқи усулҳои инноватсионии парвариши зироатҳо ва чорво, баланд бардоштани ҳосилнокии зироаткорию чорводорӣ, инчунин ташаккули занҷираи арзиши иловашуда ҳамчун ҳадафи соҳа ба ҳисоб меравад.

292. Барои ноил шудан ба ҳадафи соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- ба гардиши кишоварзӣ ворид кардани заминҳои бекорхобида, кам кардани заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш ва сари вақт гузаронидани корҳои агротехникӣ дар заминҳои кишоварзӣ;
- барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ дар кишвар ва ба таври васеъ паҳн намудани усулҳои инноватсионии обёрӣ (обёрии қатрагӣ ва боронӣ);
- рушди хоҷагиҳои тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, хушзоткунии чорво ва ба шароити маҳал ва иқлим мутобиқ намудани зироатҳо ва чорво;
- баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳосилхезии хок;

- рушди механизатсияи инноватсионии соҳаи кишоварзӣ;
- рақамикунонии раванди истеҳсолот ва мониторинги вазъи соҳа бо дарназардошти тағйирёбии иқлим.

293. Барои ба гардиши кишоварзӣ ворид кардани заминҳои бекорхобида, кам кардани заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш ва сари вақт гузаронидани корҳои агротехникии замин иҷрои тадбирҳои зерин муҳим аст:
- азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ба масоҳати 11,8 ҳаз. гектар;
- барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба масоҳати 16,7 ҳаз. гектар;
- такмил додани низоми идораи шабакаҳои обёрӣ, заҳбуру заҳкашҳо ва муайян кардани тартиби нигоҳдории онҳо;
- барқарор намудани заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш.

294. Барои барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ дар кишвар ва ба таври васеъ паҳн намудани усулҳои инноватсионии обёрӣ тадбирҳои зерин амалӣ мегарданд:
- татбиқи 7 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ доир ба барқарор намудани пойгоҳҳои обкашӣ дар ноҳияҳои Панҷ, Балҷувон, Ховалинг, Бобоҷон Ғафуров, Зафаробод, Мастчоҳ ва Ашт;
- ба анҷом расонидани гузариши идоракунии бахши обӣ ба усули идоракунии ҳавзавӣ (аз маъмурӣ ба ҳудудӣ-гидрологӣ).

295. Ҷиҳати рушди хоҷагиҳои тухмипарварӣ, ниҳолпарварӣ, хушзоткунии чорво ва ба шароити маҳалу иқлим мутобиқ намудани зироатҳо ва чорво тадбирҳои зерин пешбинӣ мегарданд:
- таҷдиди назар намудани сохтори шабакаҳои махсуси тухмипарварӣ, зотпарварӣ ва ниҳолпарварӣ;
- мукаммал намудани ҳисоботҳои оморӣ вобаста ба пурра инъикос кардани истеҳсол ва захираи тухмӣ, ниҳол ва зотҳои чорво;
- пешбинӣ кардани имтиёзҳои давлатӣ ҷиҳати рушди хоҷагиҳои тухмипарварӣ, зотпарварӣ ва ниҳолпарварӣ;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ», «Дар бораи тухмипарварӣ, «Дар бораи иҷора» ва «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)».

296. Барои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ҳосилхезии хок иҷрои тадбирҳои зерин пешбинӣ мегарданд:
- васеъ намудани фаъолияти истеҳсолии ҶСК «Азот»;
- дастрасии хоҷагиҳои кишоварзӣ ба техникаи хурду миёнаҳаҷм ва қисмҳои эҳтиётии он;
- муосиргардонии озмоишгоҳҳои имуногинетикӣ, амнияти биологӣ, байторӣ ва химикунонӣ.
- пурра ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти соҳа (стандарти байналмилалии G.A.P.);
- бунёди боғҳо бо усулҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ;
- тавсеаи соҳаи чорводорӣ ва беҳтар намудани зоти чорво дар минтақаҳои кишвар (21 шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Хатлону Суғд ва шаҳру

ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ (минбаъд – ШНТҶ) дар доираи лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа» (марҳилаи дуюм);

- таҳкими иштироки занони молистеҳсолкунанда дар занҷираи арзиши иловашуда ва коркарди маҳсулот дар доираи лоиҳаи «Таъмини воситаҳо барои зиндагии устувор ва тавонмандсозии занони деҳот»;
- истифодаи васеи технологияҳои «сабз» дар истеҳсолоти агросаноатӣ.

297. Ҷиҳати рушди механизатсияи инноватсионии соҳаи кишоварзӣ иҷрои тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- зиёд кардани масоҳати гармхонаҳо ва сардхонаҳо;
- васеъ ҷорӣ намудани технологияи сарфаи об тавассути ба роҳ мондани истеҳсоли ин намуд таҷҳизот;
- васеъ татбиқ намудани усулҳои инноватсионии парвариши зироатҳо, баланд бардоштани ғизонокии хӯроки чорво ва беҳтаргардонии ҳолати чарогоҳҳо.

298. Барои рақамикунонии раванди истеҳсолот ва мониторинги вазъи соҳа бо дарназардошти тағйирёбии иқлим иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- ҷорӣ намудани низоми идоракунии рақамии пойгоҳҳои обкашӣ, чоҳҳои амудӣ ва инфрасохтори дигари обтаъминкунӣ;
- ташкили интернет-портали кишоварзӣ барои хоҷагиҳои соҳа бо махзани маълумот оид ба масъалаҳои истеҳсолоти самарабахш, агротехникаи парвариш ва дастовардҳои технологии соҳа;
- тақвияти низоми иттилоотии огоҳонамоии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ оид ба шароити гидрометеорологӣ;
- ташкил ва бунёди 3 маркази агрологистикии муосири рақамӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар доираи лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ».

299. Натиҷаҳои чашмдошт:

- ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 50 дарсад афзоиш меёбад;
- ҳосилнокии зироатҳо ва чорводорӣ баланд мегардад;
- ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ, ки технологияҳои рақамиро истифода мебаранд ба 30 дарсад мерасанд;
- ҳиссаи занони роҳбари хоҷагиҳои кишоварзӣ дар байни гирандагони қарзҳои имтиёзнок ва грантҳо ба 50 дарсад мерасад;
- 3 марказҳои агрологистикии замонавӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд ва ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бунёд мегарданд.

### §6.3. Сарфаҷӯйии энергетикӣ ва истифодаи самараноки манбаъҳои барқароршавандаи энергия

300. Дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи стратегӣ – таъмини истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ 36 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи 30 млрд сомонӣ амалӣ карда шуда, 18 лоиҳаи дигар ба маблағи 15 млрд сомонӣ дар марҳилаи амалисозӣ қарор доранд.

301. Дар ин давра зиёда аз 2000 мВт иқтидорҳои нав ба кор даровардa шуда, иқтидори энергетикии мамлакат дар соли 2025 ба зиёда аз 6626 мВт ва истеҳсоли неруи барқ ба 24,2 млрд кВт соат расонида шуд.

302. Бо мақсади истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия Барномаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия барои солҳои 2023-2027 ва Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 мавриди амал қарор доранд.

303. Лоиҳаҳои ҷорӣ намудани низоми биллингӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд татбиқ гардиданд, ки дар натиҷа дар ин шаҳрҳо сатҳи талафот ба ҳисоби миёна то ба 7 дарсад коҳиш ёфт. Татбиқи чунин лоиҳаҳо дар шаҳру ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ идома доранд.

304. Ҳамзамон, дар самти таъмини рушди соҳаҳои энергетикаи кишвар мушкилиҳои зерин ба назар мерасанд:

- сатҳи баланди талафоти неруи барқ дар инфрасохтори шабакаҳои тақсимоти барқ;
- сатҳи нокифояи ҷамъоварии маблағи энергияи барқи фурӯхташуда ва афзоиши қарзҳои дебитории корхонаҳои соҳа;
- вазъи ногувори молиявӣ ва афзоиши қарзҳои кредитории ҶСК «Барқи Тоҷик» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ»;
- ба таври пурра ҷорӣ нагардидани механизмҳои сарфаҷӯйии энергетикӣ дар иншооти таъиноти истеҳсоливу истиқоматӣ;
- номуносибии тарифҳои хизматрасонии гармидиҳӣ ва бо зарар ҷамъбаст гардидани натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои соҳа.

305. Баланд бардоштани самаранокии соҳаи энергетика, ҷорӣ намудани механизми сарфаҷӯйӣ, коҳиш додани сатҳи талафоти неруи барқ, истифодаи васеи манбаъҳои алтернативии тавлиди энергияи «сабз» ва истифодаи сарфакоронаи неруи барқ ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб меравaнд.

306. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- афзоиши иқтидори тавлиди энергияи «сабз» ва содироти он;
- ҷорӣ намудани механизмҳои сарфаҷӯйии энергетикӣ дар кишвар;
- паст кардани талафоти неруи барқ;
- солимгардонии вазъи молиявӣ, таъмини фаъолияти шафоф ва рақобатпазирии ширкатҳои энергетикӣ;
- баланд бардоштани иқтидор ва донишу малакаи кормандони соҳа.

307. Дар самти афзоиши иқтидори тавлиди энергияи «сабз» ва содироти он иҷрои тадбирҳои зерин лозим аст:

- мавриди истифода қарор додани агрегатҳои навбатии НБО «Роғун»;
- таҷдиди неругоҳҳои амалкунанда: НБО-ҳои «Норак» (бо афзоиши 200 мВт иловагӣ) ва «Қайроққум» (8 мВт иловагӣ);
- сохтмони неругоҳҳои барқӣ аз манбаъҳои дигари барқароршавандаи энергия (офтобӣ ва бодӣ) бо иқтидори маҷмуии 1500 мВт;
- афзоиши содироти неруи барқи «сабз» ба бозори Осиёи Марказиву Ҷанубӣ ва кишварҳои дигар;

- татбиқи пурраи лоиҳаи минтақавии интиқоли неруи барқи «CASA-1000» дар соли 2027;

- сохтмони хати интиқоли барқи нави 500 кВт аз зеристгоҳи барқии «Суғд-500 кВт» то неругоҳи ҳароратии «Сирдарёи нав» дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

308. Барои ҷорӣ намудани механизмҳои сарфаҷӯйии энергетикӣ дар кишвар иҷрои тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- гузариш ба технологияҳои каммасрафи энергия дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар бо таъмини ҳамасолаи сарфаи неруи барқ аз 0,5 то 3 дарсад;

- ҷорӣ намудани тарифҳо бо назардошти ҳаҷми истеъмол барои гурӯҳи истеъмолкунандагони маишӣ (аҳолӣ);

- такмили қонунгузории кишвар дар самти татбиқи сарфаҷӯйӣ ва самаранокии энергетикии иншооти таъиноти истеҳсоливу истиқоматӣ.

309. Дар самти кам кардани талафоти неруи барқ иҷрои тадбирҳои зерин лозим аст:

- насби технологияҳои рақамии инноватсионӣ ва низоми биллингӣ дар шабакаҳои барқӣ ва то 10 дарсад кам намудани талафоти неруи барқ;

- идоракунии раванди таъминоти неруи барқ ба муштариён ва ба 100 фоиз расонидани ҷамъоварии маблағи пардохти неруи барқ;

- пешгирии ҳолатҳои ғайриқонунӣ истифода бурдани неруи барқ.

310. Дар самти солимгардонии вазъи молиявӣ, таъмини фаъолияти шаффоф ва рақобатпазирии ширкатҳои энергетикӣ иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- кам намудани қарзҳои дебиториву кредитории ҶСК «Барқи Тоҷик» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» ва хароҷоти дуюмдараҷа, таъмини идоракунии муосир ва шаффоф, ҷорӣ намудани низоми муосири баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоракунӣ, зиёд намудани даромаднокии онҳо;

- аз тобеияти ширкати истеҳсолкунандаи энергияи барқ (аз неругоҳҳои барқи обии ҶСК «Барқи Тоҷик») ҷудо намудани истеҳсоли энергияи гармӣ (МБГ-ҳои 1 ва 2-и шаҳри Душанбе) тариқи таъсиси муассисаи алоҳида;

- ба роҳ мондани фаъолияти мустақили «оператори бозор» байни ҷамъиятҳои истеҳсол, интиқолу тақсимоти барқ ва неругоҳҳои барқи офтобию бодӣ.

311. Дар самти баланд бардоштани иқтидор ва донишу малакаи кормандони соҳа иҷрои тадбирҳои зерин лозим аст:

- ташкили курсҳои омӯзишӣ дар самти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, талаботи идоракунии корпоративӣ ва пешбурди низоми мониторинг ва арзёбӣ;

- баланд бардоштани иқтидорҳои кадрии соҳа дар самти банақшагирии захираҳои энергетикӣ ва гуногунсамтии манбаъҳои тавлиди энергия.

312. Натиҷаҳои чашмдошт:

- иқтидори энергетикӣ то 10 ГВт ва содироти солонаи неруи барқ то 10 млрд кВт-соат расонида шуда, ҳиссаи манбаъҳои дигари барқароршавандаи тавлиди энергия то 10 дарсад афзоиш дода мешавад ва талафоти неруи барқ то 10 дарсад коҳиш меёбад;

- иқтидорҳои истеҳсолии энергетикии кишвар аз ҳисоби манбаъҳои алтернативии барқароршавандаи энергия, аз ҷумла офтобӣ ва бодӣ то 1500 мВт расонида мешаванд;
- бо истифода аз технологияи муосири рақамӣ, насби ҳисобкунакҳои электронии зеҳнӣ дар кишвар низоми ягонаи биллингӣ пурра ҷорӣ мегардад;
- сарфаҷӯйӣ ва самаранокии истифодаи энергия дар тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ба роҳ монда мешавад;
- Тоҷикистон ба истиқлоли пурраи энергетикӣ ноил мегардад.

## §6.4. Рушди иқтисоди «сабз» ва иқтисоди даврагӣ

313. Дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 таҳия гардида, мавриди амал қарор дорад.

314. Дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» таъкид гардид, ки бо амалисозии тадбирҳо дар самти рушди иқтисоди «сабз» соли 2032 истеҳсоли барқ дар ҷумҳурӣ пурра аз ҳисоби манбаъҳои барқароршаванда (яъне 100 дарсад бо энергияи «сабз») таъмин гардида, Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсаф дар самти рушди иқтисоди «сабз» бо дарназардошти татбиқи ҳадафу вазифаҳои Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» соли 2037 ба «мамлакати сабз» табдил меёбад.

315. Барои рушди иқтисоди «сабз» ва иқтисоди даврагӣ дар кишвар мушкилиҳои зерин ба назар мерасанд:
- номукаммалии заминаи меъёрии ҳуқуқии раванди иқтисоди «сабз»;
- маблағгузории нокифояи амалисозии лоиҳаҳои «сабз»;
- истифода нашудани иқтидорҳои тавлиди неруи барқ аз манбаъҳои алтернативӣ (офтобӣ ва бодӣ);
- норасоии мутахассисони самти технологияҳои «сабз» ва инноватсия.

316. Тақвияти заминаи рушди иқтисоди «сабз», ҷалби сармоягузории «сабз», тавсеаи иқтисоди даврагӣ ва истифодаи самараноки сармояи табиӣ дар давраи миёнамуҳлат ҳадафҳои соҳа ба шумор мераванд.

317. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:
- таъмини рушди энергияи «сабз» ва самаранокии энергетикӣ;
- ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди «сабз» дар саноатикунонии кишвар ва амалӣ гардонидани иқтисоди даврагӣ;
- рушди нақлиёти «сабз» ва инфрасохтори устувори шаҳрӣ;
- тавсеаи маблағгузории «сабз» ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар ин самт;
- баланд бардоштани маърифати экологӣ ва иштироки ҷомеа дар раванди татбиқи иқтисоди «сабз».

318. Дар самти таъмини рушди энергияи «сабз» ва самаранокии энергетикӣ иҷрои тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- баланд бардоштани ҳиссаи манбаъҳои barқароршавандаи энергия дар тавозуни умумии энергетикии кишвар;
- беҳтарсозии фаъолияти ширкатҳои энергетикӣ дар самти истеҳсол, интиқол ва тақсимоти неруи барқ бо дарназардошти кам кардани талафот;
- бунёди иқтидорҳои энергетикӣ аз манбаъҳои обӣ, офтобӣ ва бодӣ;
- татбиқи стандартҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунии корпоративӣ.

319. Дар самти ҷорӣ намудани принсипҳои иқтисоди «сабз» дар саноатикунонии кишвар ва амалӣ гардонидани иқтисоди даврагӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, бо ҷорӣ намудани таҷҳизоти инноватсионӣ дар асоси принсипҳои иқтисоди даврагӣ ва ба ин васила кам кардани партовҳои саноатӣ ва риояи талаботи экологӣ;
- таъсиси минтақаҳои саноатӣ, экотехнопаркҳо ва маҷмааҳо дар асоси принсипи иқтисоди даврагӣ;
- афзоиш додани истеҳсоли молҳои саноатии «сабз»;

320. Дар самти рушди нақлиёти «сабз» ва инфрасохтори устувори шаҳрӣ иҷрои тадбирҳои зерин лозим мебошанд:

- навсозии низоми нақлиёти ҷамъиятӣ бо гузариш ба нақлиёти барқӣ ва гибридӣ;
- бунёди инфрасохтори «сабз» ва фарогир дар шаҳрҳо.

321. Рушди маблағгузории «сабз» ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ дар ин самт тавассути тадбирҳои зерин амалӣ мегарданд:

- такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти маблағгузории «сабз»;
- ҷорӣ намудани таҷрибаи гардиши васеи воситаҳои молиявии «сабз», аз ҷумла вомбаргҳои «сабз», пасандозҳои «сабз», қарзи «сабз» ва суғуртаи «сабз» дар бозори дохилӣ;
- татбиқи низоми арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ аз рӯйи меъёрҳои стандартҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунии корпоративӣ.

322. Дар самти баланд бардоштани маърифати экологӣ ва иштироки ҷомеа дар раванди татбиқи иқтисоди «сабз» иҷрои тадбирҳои зерин лозим мебошанд:

- ташаккул додани фарҳанги ҳисси масъулият ва эҷоди механизмҳои иштироки ҷомеа дар татбиқи барномаҳои «сабз»;
- тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн намудани наворҳо вобаста ба принсипҳои иқтисоди «сабз» ва маърифати экологӣ;
- ҷорӣ намудани барномаҳои таълимӣ оид ба иқтисоди «сабз» дар ҳамаи зинаҳои таҳсил.

323. Натиҷаҳои чашмдошт:

- ҳиссаи манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди энергия дар низоми энергетикӣ 100 фоизро ташкил медиҳад;
- ҳиссаи корхонаҳое, ки принсипҳои иктисоди даврагиро ҷорӣ кардаанд, 20 фоизи шумораи умумии корхонаҳои саноатиро ташкил медиҳад;
- нақлиёти ҷамъиятии шаҳрҳо ба принсипи иқтисоди «сабз» мутобиқ гардонида мешаванд.

## §6.5. Идоракунии устувори захираҳои об ва ҳифзи пиряххо

324. Дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна ҳамасола тақрибан 64 $км^3$ обҳои рӯйизаминӣ ташаккул меёбанд, ки аз ин ҳамагӣ 20 дарсади он барои эҳтиёҷоти дохилӣ истифода карда мешавад. Истеъмоли умумии об дар Тоҷикистон аз чашмаҳои обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ дар соли 2024 ба 13 млрд $м^3$ ва истеъмоли воқеии об ба ҳар сари аҳолӣ ба 1300 $м^3$/одам/сол баробар мебошад. Ҳаҷми оби бозгашт ва ё такроран истифодашаванда тақрибан 3,5-4 $км^3$/солро ташкил медиҳад, ки аз он 3 $км^3$ - обҳои заҳбури заминҳои обёришаванда, 0,5 $км^3$ оби партови маишӣ ва саноатӣ мебошад.

325. Барои соҳаҳои гидроэнергетика ва кишоварзӣ об манбаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамасола ҳудуди 30-35 $км^3$ об тавассути неругоҳҳои барқи обии кишвар ҷорӣ мегардад. Тақрибан 85 дарсади захираҳои оби аз манбаъҳои табиӣ гирифташуда ба соҳаи кишоварзӣ равона шуда, ҳаҷми миёнаи обгирӣ ба 1 гектар майдони обёришаванда аз 8 то 13 ҳазор $км^3$ буда, талафоти оби полезӣ дар шабакаҳои обёрӣ ба 40-50 дарсад мерасад.

326. Дар давоми даҳсолаҳои охир, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарорат ба ҳисоби миёна 0,7-1,9 дараҷа баланд шуда, дар кишвар обшавии пиряххо мушоҳида гардид. Бо дарназардошти обшавии бесобиқаи пиряххо бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва 21 март «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» эълон гардид. Моҳи майи соли 2025 Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххо дар шаҳри Душанбе баргузор шуд. Илова бар ин, моҳи августи соли 2024 аз ҷониби ин Маҷмааи Умумии СММ қатъномаи нав оид ба эълон кардани солҳои 2025-2034 ҳамчун «Даҳсолаи амал барои илмҳои яхшиносӣ» якдилона қабул гардид.

327. Дар самти идоракунии устувори захираҳои об ва ҳифзи пиряххо мушкилиҳои зерин ба назар мерасанд:

- фарсуда гардидани инфрасохтори таъмини оби ошомиданӣ, рафъи обҳои партов ва норасоии маблағгузорӣ барои барқарорсозӣ ва нигоҳубини он;
- номукаммалии низоми идораи самаранок ва истифодаи оқилонаи захираҳои об дар заминҳои обёришаванда;
- норасоии мутахассисони касбӣ ва фаъолияти ғайрисамараноки ассотсиатсияи истифодабарандагони об;
- обшавии босуръати пиряххо дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ва норасоии маблағҳо ҷиҳати пешгирӣ ва мониторинги он.

328. Дар давраи миёнамуҳлат идоракунии устувори захираҳои об, ҳифзи пиряххо, барқарорсозию рушди инфрасохтори обёрӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об, истифодаи технологияҳои каммасрафи обию барқӣ, тақвияти институтсионалӣ, рақамикунонӣ, гуногунсамтии ҷалби

сармоя ва таъмини фаъолияти молиявии устувори соҳа ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб меравнд.

329. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- татбиқи ҳамаҷонибаи низоми идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои обӣ (минбаъд – ИҲЗО);
- баланд бардоштани фарогирии хизматрасониҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;
- ислоҳоти низоми идора ва истифодаи оқилонаи захираҳои об дар кишвар;
- барқарорсозӣ ва рушди инфрасохтори обтаъминкунию беҳдошт;
- ҳифзи иншооти обӣ аз таъсири пайомадҳои тағйирёбии иқлим;
- амалишавии лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ва сармоягузорӣ дар самти ҳифзи пиряххо.

330. Дар самти татбиқи ҳамаҷонибаи низоми ИҲЗО андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- таҳия ва татбиқи нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои обӣ ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои он бо барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои минтақаи ҳавзавӣ;
- рақамикунонии соҳаи оби Тоҷикистон ва такмили низоми миллии иттилоотии об.

331. Дар самти ислоҳоти низоми идора ва истифодаи оқилонаи захираҳои об дар кишвар андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- таҳия ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи беҳдошти замин ва обёрӣ»;
- таҷдиди назар намудани вазифаҳои ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об;
- таҳияи механизми истифодаи технологияҳои каммасрафи муосир ва рақамӣ дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов.

332. Дар самти баланд бардоштани фарогирии хизматрасониҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- таҳияи механизмҳо ва тартиботи мукаммал оид ба таҳким ва нигоҳдории иқтидори институтсионалӣ дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов;
- татбиқи Барномаи давлатии таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов барои солҳои 2025-2029;
- рақамикунонӣ ва ба коҳиш додани талафоти об дар бахши таъминоти оби нушокӣ ва рафъи обҳои партов.

333. Дар самти барқарорсозӣ ва рушди инфрасохтори обтаъминкунию беҳдошт андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- таҳияи механизмҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва тартиботи мукаммали идоравӣ, такмил ва таҳкими иқтидори институтсионалии соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ;
- таҳияи механизм оид ба рушди фаъолияти ассотсиатсияи истифодабарандагони об;
- ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва технологияҳои сарфакунандаи об дар бахши обёрӣ ва беҳдошт;

- кам кардани истифодаи неруи барқ дар низоми обёрӣ тавассути азнавсозии пойгоҳҳои обкашӣ.

334. Дар самти ҳифзи иншооти обӣ аз таъсири пайомадҳои тағйирёбии иқлим андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба бехатарии иншооти гидротехникӣ;
- ошкорсозӣ, харитасозӣ ва мониторинги маҳалҳои дорои эҳтимоли хавфи обхезӣ ва дигар ҳодисаҳои хатарноки марбута ба об.

335. Ҷиҳати амалишавии лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ва сармоягузорӣ дар самти ҳифзи пиряххо андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- ташкил ва гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ оид ба омӯзиши обшавии пиряххои Тоҷикистон ва таъсири он ба ташаккулёбии захираҳои оби дарёҳо;
- таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Стратегияи глобалии ҳифзи пиряххо ба сохторҳои СММ;
- истифодаи самаранок ва ҷалби захираҳои молӣ ва фаннӣ барои татбиқи амалии ташаббусҳо ҷиҳати ҳифзи пиряххо ва саҳмгузорӣ ба Бунёди эътимоди байналмилалии ҳифзи пиряххо;
- тақвияти фаъолияти Фонди ҳифзи пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби маблағҳои иловагӣ ба ин фонд.

336. Натиҷаҳои чашмдошт:

- механизмҳои ИҲЗО пурра ҷорӣ мегарданд;
- фарогирии аҳолӣ бо шабакаҳои обтаъминкунӣ зиёд мегардад;
- самаранокии истифодаи об дар Тоҷикистон ва таъминоти аҳолӣ бо шабакаҳои рафъи обҳои партов зиёд мегардад;
- масоҳати умумии заминҳои обёришаванда бо истифодаи технологияҳои сарфакунандаи об, рақамикунонии соҳаи об ва услубҳои нави обёрӣ васеъ ба роҳ монда мешавад;
- шабакаҳои обёрӣ бо истифода аз технологияҳои муосири каммасраф ва рақамӣ азнавсозӣ карда мешаванд;
- фаъолияти Фонди ҳифзи пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият дода шуда, маблағҳои иловагӣ ба ин фонд ҷалб мегарданд.

### §6.6. Васеъ намудани инфрасохтори муосири нақлиётиву логистикӣ

337. Бо мақсади ноилшавӣ ба ҳадафи стратегии раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ татбиқи Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025, Барномаи ҷорӣ намудани Низоми идоракунии дороиҳои роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2028 ва Барномаи рушди низоми логистика барои солҳои 2023-2028 идома доранд.

338. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани кишвар 63 лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ба маблағи қариб 30 млрд. сомонӣ амалӣ гардида, 3187 км роҳ, 254 адад пул, 2 адад чорроҳаи сесатҳа ва 2 адад дусатҳа, 9 адад нақби мошингузар, 3,6 км долонҳои зиддитармавӣ, инчунин 220

км роҳи оҳан бо 5 адад пул, 3 адад нақб бунёду таҷдид ва 761 адад техникаву таҷҳизоти роҳнигоҳдорӣ таъмин гардиданд.

339. Дар ҷумҳурӣ 9 адад терминалҳои наздисарҳадӣ ва 5 адад терминалҳо, 3 адад терминалҳои фосилавӣ ва 3 терминалҳои мусофирбарии шаҳри Душанбе сохта шуда, фаъолият менамоянд.

340. Бо вуҷуди дастовардҳо дар самти васеъ намудани инфрасохтори муосири нақлиётиву логистикӣ ҳанӯз мушкилиҳои зерин ба назар мерасанд:

- рушди нокифояи инфрасохтори шабакаи роҳҳои автомобилгарди аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дошта;
- дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани талаботи муассисаҳои нигоҳдории роҳҳо бо техника ва таҷҳизоти роҳдорӣ;
- набудани марказҳои муосири логистикии ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ;
- таъмин нагардидани гузаргоҳҳои сарҳадӣ бо терминалҳои муосиру замонавии муҷаҳҳазгардонидашуда;
- рушди номукамали нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;
- фарогирии нокифояи шабакаҳои роҳҳои автомобилгард бо таҷҳизоти рақамии назорат;
- фарсуда ва корношоям гардидани парки локомотивҳо, вагонҳои боркашу мусофирбар ва релсҳои оҳану бетонӣ;
- истифодаи нопурраи имкониятҳои транзитӣ, бахусус дар соҳаи нақлиёти ҳавоӣ;
- норасоии ҳавопаймоҳои боркаш ва мусофирбари дурпарвоз;
- ба таҷдиду азнавсозӣ ниёз доштани фурудгоҳҳои маҳаллӣ барои амалисозии парвозҳо бо ҳавопаймоҳои хурдҳаҷм.

341. Рушди инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ, беҳтар намудани имкониятҳои транзитии кишвар, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва рақамикунонии маҷмуии соҳаҳои нақлиёти кишвар ҳамчун ҳадафҳои соҳа дар давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб мераванд.

342. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- ташаккул ва рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо мақсади баланд бардоштани иқтидори транзитии кишвар;
- тақвияти инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ байни минтақаҳои кишвар ва давлатҳои ҳамсарҳад;
- рушди инфрасохтори авиатсияи гражданӣ;
- рушди инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан;
- рушди инфрасохтори нақлиёти барқӣ;
- рақамикунонии маҷмуии соҳаи нақлиёт.

343. Дар самти ташаккул ва рушди инфрасохтори транзитӣ бо мақсади баланд бардоштани иқтидори транзитии кишвар иҷрои тадбирҳои зерин лозим аст:

- сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта, аз ҷумла:

- роҳи автомобилгарди Душанбе – Кулма, қитъаи Рушон – Хоруғ (85 км), Варшез – Кулма (296 км);

- роҳи автомобилгарди Хоруғ – Роштқалъа (40 км) ва роҳи Хоруғ – Ишкошим (105 км);

- роҳи автомобилгарди Гулистон – Фархор – Панҷ – Дӯстӣ, марҳилаи 1 ва 2;

- роҳи автомобилгарди Бохтар – Қубодиён – Шаҳритус – Айвоҷ то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон (170 км);

- роҳи автомобилгарди Бобоҷон Ғафуров – Қаҳрамон – Пунган то сарҳади Ӯзбекистон дар ноҳияи Ашт (154,5 км);

- роҳи автомобилгарди Исфара – Ворух (43,9 км);

- роҳи автомобилгарди Айнӣ – Мастчоҳи Куҳӣ (90 км);

- ҳамгироии роҳҳои автомобилӣ ва роҳи оҳани Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Афғонистон, Қирғизистон ва Чин;

- сохтмон ва таҷдиди роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти маҳаллидошта аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ ва аҳолӣ.

344. Дар самти тақвияти инфрасохтори нақлиётиву логистикӣ байни минтақаҳои кишвар ва давлатҳои ҳамсарҳад иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- сохтмони маркази логистикии нақлиётӣ, аз ҷумла дар вилояти Суғд, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (минбаъд – ВМКБ), шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб ва ноҳияи Данғара;

- сохтмони терминалҳои муосири наздисарҳадӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва ВМКБ;

- бунёди терминалҳои боркашонии байналмилалӣ (CARGO) дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ.

345. Дар самти рушди инфрасохтори нақлиёти барқӣ иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- рушди нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳрҳои Бохтар, Левакант, Кӯлоб, Ваҳдат, Турсунзода ва шаҳраки Сомонии ноҳияи Рӯдакӣ тавассути таъмини корхонаҳои соҳа бо электробусҳо;

- пешниҳоди имтиёзҳо барои воридоти қисмҳои эҳтиётии нақлиёти барқӣ;

- омода намудани мутахассисон дар соҳаи хизматрасонии нақлиёти барқӣ;

- бунёди корхонаҳои муосир оид ба нобудсозӣ (утилизатсия) ва коркарди батареяҳои воситаҳои нақлиёт бо муҳаррики барқӣ.

346. Дар самти рақамикунонии маҷмуии соҳаи нақлиёт иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:

- ба роҳ мондани зеҳни сунъӣ ва ТИК-и муосир дар хизматрасониҳои нақлиёти автомобилӣ;

- фаъол намудани махзани ягонаи хизматрасониҳои соҳаи роҳу нақлиёт (e-transport.tj);

- таъмини истифодаи васеи таҷҳизоти мавқеъмуайянкунанда (GPS) дар роҳу нақлиёти дохилӣ, аз ҷумла мошинҳои боркаш, автобусҳо ва нақлиёти мусофиркаш;
- ҷорӣ намудани механизми назорати рақамии ҳаракати нақлиёти гаронвазн бо истифодаи тарозуҳои ҳушманд дар дидбонгоҳҳои боркашии воситаҳои нақлиётӣ.

347. Дар самти рушди инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:
- сохтмони роҳи оҳани минтақавии Ҷалолиддини Балхӣ – Ҷайҳун – Панҷи Поён;
- харидории 25 адад вагони боркашу мусофирбар ва 6 адад локомотив.

348. Дар самти рушди инфрасохтори авиатсияи граждании иҷрои тадбирҳои зерин зарур аст:
- татбиқи пурра ва босамари қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои ҷорӣ намудани сиёсати «Осмони кушод» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 июни соли 2025, №347;
- васеъ намудани парки ҳавопаймоҳои ширкатҳои ватанӣ;
- васеъкунии терминалҳои мусофирбарӣ дар ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» ва ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб»;
- таҷдиду азнавсозии фурудгоҳҳои маҳаллӣ барои истифодаи авиатсияи хурд ва таъмини рушди парвозҳо;
- сохтмони терминали мусофирбарӣ дар ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Хуҷанд», марҳилаҳои 2 ва 3;
- таҷдид ва муҷаҳҳазгардонии ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Бохтар» ва «Фурудгоҳи Данғара».

349. Натиҷаҳои чашмдошт:
- ҳаҷми боркашонӣ 31 дарсад ва мусофиркашонӣ 83 дарсад афзоиш меёбад;
- ҳаҷми мусофиркашонӣ бо нақлиёти барқӣ 22 дарсад афзоиш меёбад;
- бунёд ва азнавсозии 700 км роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва байналмилалидошта ба анҷом мерасад.

## §6.7. Истифодаи имкониятҳои транзитӣ ва рушди долонҳои иқтисодӣ

350. Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари маҳсур дар хушкӣ мебошад. Ин мавқеъ, аз як тараф, барои дастрасии ҷумҳурӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ мушкилӣ эҷод мекунад ва, аз тарафи дигар, имкон медиҳад, ки тавассути зиёда аз 10 долони транзитӣ кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ва Аврупо, Осиёи Марказӣ, Қавқоз ва Осиёи Ҷанубиро ба ҳам пайвандад.

351. Дар доираи долонҳои CAREC 2 (Тоҷикистон – Ӯзбекистон), CAREC 3 (Тоҷикистон – Қирғизистон – Чин) ва CAREC 5 (Тоҷикистон – Афғонистон) корҳо оид ба бунёду азнавсозии роҳҳои автомобилгарду оҳан ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ идома доранд.

352. Дар самти истифодаи имкониятҳои транзитӣ ва рушди долонҳои иқтисодӣ ҳанӯз мушкилоти зерин вуҷуд доранд:

- рушд наёфтани инфрасохтори шабакаи роҳи оҳан, ки Тоҷикистонро бо Чин, Қирғизистон ва Афғонистон мепайвандад;

- норасоии инфрасохтори маҷмуии хизматрасонӣ, аз ҷумла марказҳои логистикӣ ва терминалҳои наздисарҳадӣ;

- сатҳи нокифояи муҷаҳҳазгардонии терминалҳои наздисарҳадӣ бо воситаҳои муосири назорати гумрукӣ, аз ҷумла технологияи рақамӣ;

- истифода нашудани имкониятҳои транзитӣ ва набудани созишномаҳои фаъол оид ба «равзанаи ягона» бо кишварҳо.

353. Тавсеаи имкониятҳои транзитии кишвар, шабакаҳои ҳамлу нақл, рақамикунонии назорати гумрукӣ ва таъсиси марказҳои замонавии нақлиётӣ-логистикӣ ҳамчун ҳадафҳои соҳа дар давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб мераванд.

354. Барои расидан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошанд:

- ҷалби сармоя барои бунёди шабакаҳои роҳи оҳан ва автомобилгард, ки Тоҷикистонро бо Чин, Афғонистон ва Қирғизистон мепайвандад;

- бунёди инфрасохтори маҷмуии хизматрасонӣ, аз ҷумла марказҳои логистикӣ;

- муҷаҳҳазгардонии терминалҳои наздисарҳадӣ бо воситаҳои муосири назорати гумрукӣ, аз ҷумла технологияи рақамӣ;

- тавсеаи муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ оид ба истифодаи имкониятҳои транзитӣ.

355. Дар самти ҷалби сармоя барои бунёди шабакаҳои роҳи оҳан ва автомобилгард, ки Тоҷикистонро бо Чин, Афғонистон ва Қирғизистон мепайвандад андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- бунёд ва мавриди истифода қарор додани роҳи оҳани Ҷалолиддини Балхӣ – Ҷайҳун – Панҷи Поён (83 км);

- пурра омода намудани асосноккунии техникӣ-иқтисодии қисми тоҷикистонии роҳи оҳани Ваҳдат – Қарамиқ;

- ҳамгироии роҳҳои оҳани Тоҷикистон бо Чин, Қирғизистон ва Афғонистон;

- азнавсозии роҳи автомобилгарди Исфара – Гулистон (60 км) то гузаргоҳи Боткен;

- азнавсозии роҳи автомобилгарди Ишкошим – Лангар (130 км).

356. Дар самти бунёди инфрасохтори маҷмуии хизматрасонӣ, аз ҷумла марказҳои логистикӣ андешидани тадбири зерин муҳим аст:

- ба анҷом расонидани сохтмони марказҳои нақлиётӣ-логистикӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон, ВМКБ ва шаҳри Душанбе.

357. Дар самти муҷаҳҳазгардонии терминалҳои наздисарҳадӣ бо воситаҳои муосири назорати гумрукӣ, аз ҷумла технологияи рақамӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- пайвастшавии пурра ба ташаббуси «CAREC Digital Corridor», ки дар доираи он табодули пурраи электронӣ оид ба маълумоти пешакии эъломия

(декларатсия)-ҳои гумрукӣ ва сертификатҳо бо шарикони асосии тиҷоратӣ амалӣ мегарданд;

- воридот ва насби воситаҳои муосири назорат дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ.

358. Дар самти тавсеаи муносибатҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ оид ба истифодаи имкониятҳои транзитӣ андешидани тадбири зерин муҳим аст:

- таҷдиди созишномаҳои мавҷуда ва бастани созишномаҳои нави транзитӣ бо Чин, Покистон, Ӯзбекистон, Эрон, АМА, Туркия ва кишварҳои дигар.

359. Натиҷаҳои чашмдошт:

- роҳи оҳани Ҷалолиддини Балхӣ – Ҷайҳун – Панҷи Поён пурра ба истифода дода мешавад;

- асосноккунии техникӣ-иқтисодии роҳи оҳани Ваҳдат – Қарамиқ таҳия карда мешавад;

- роҳҳои автомобилгарди пайвасткунандаи Тоҷикистон бо Чин, Қирғизистон ва Афғонистон азнавсозӣ карда мешаванд;

- марказҳои нақлиётӣ-логистикии замонавӣ дар кишвар ба истифода дода мешаванд.

## §6.8. Тавсеаи савдои хориҷӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти содиротӣ

360. Дар ҷумҳурӣ Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи мутобиқгардонии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, Барномаи савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №286 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба кам кардани вақт ва хароҷоти субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ барои содирот, воридот ва транзити молҳо» мавриди истифода қарор доранд.

361. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми бисёрҷонибаи савдои хориҷӣ пайваст ва робитаҳои иқтисодии мамлакат аз 99 то ба 110 кишвар густариш ёфт, ки дар натиҷа нишондиҳандаи гардиши савдои хориҷӣ ба ҳисоби миёна солона аз 4,5 млрд доллари ИМА соли 2020 то қариб ба 9 млрд доллар дар соли 2024 расонида шуд.

362. Ҳаҷми содироти молу маҳсулоти ватанӣ аз 1,4 млрд доллари ИМА соли 2020 то ба 1,9 млрд доллар дар соли 2024-ум ё 1,4 маротиба зиёд гардида, дар сохтори содирот тамоюли зиёдшавии молу маҳсулоти нави дорои арзиши баланди иловашуда беш аз ним миллиард долларро ташкил намуд. Аз ҷумла, дар соли 2024 сурма, мис, либосворӣ, маҳсулоти кимиёвӣ, нӯшокиҳо, маҳсулоти тарканда, коғазу картон, халтаҳои бастабандӣ, тухмии равғанҳо, маҳсулоти пластмассӣ, маҳсулоти коркардшудаи меваю сабзавот, қолинҳо, маводди парфюмерӣ ва нуриҳои минералӣ дар сохтори содироти кишвар тамоюли зиёдшавиро касб намуданд.

363. Афзоиши нишондиҳандаи воридот бештар бо зиёд шудани воридоти технология, сармоя ва ашёи хом барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, ки беш аз 76 дарсадро ташкил медиҳад, вобастагӣ дорад.

364. Тавассути низоми «Равзанаи ягона» зиёда аз 276765 ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва сертификат дар шакли электронӣ ба субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ пешниҳод гардида, ба ҳолати 10 июли соли 2025 аз Портали савдои Тоҷикистон 627 ҳазор нафар аз 140 кишвари ҷаҳон истифода намудаанд.

365. Меъёри миёнаи боҷҳои гумрукии воридотӣ аз 7,6 дарсад то 8,1 дарсад, барои баъзе молҳои алоҳида то 40 дарсад баланд бардошта шуд, ки дастгириву рақобатпазирии истеҳсолкунандагони молҳои ватаниро беҳтар гардонид.

366. Бо вуҷуди дастовардҳо дар самти тавсеаи савдои хориҷӣ ва дастгирии давлатии фаъолияти содиротӣ ҳанӯз мушкилоти зерин ба назар мерасанд:

- сатҳи пасти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва бештар дар шакли ашёи хом содирот шудани он;
- ҷалби нокифояи сармояи мустақими хориҷӣ ва сатҳи пасти фаъолнокии бахши хусусӣ дар самти содирот;
- дастрасӣ надоштани содироткунандагони ватанӣ ба воситаҳои молиявии нисбатан арзон ва хизматрасониҳои марбут ба фаъолияти содиротӣ;
- ҳиссаи баланди хароҷоти нақлиётию боркашонӣ дар арзиши маҳсулоти содиротӣ, бахусус дар ҷануби кишвар;
- ба талабот ҷавобгӯй набудани бастабандӣ, тамғагузорӣ ва талаботи дигари стандартии истеъмолӣ;
- дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтани низоми ягонаи миллии дастгирии содирот;
- ҳанӯз мавҷудияти воридоти ғайрирасмӣ.

367. Дастгирии фарогири институти содироткунандагон ва баланд бардоштани мавқеи он дар ҷомеа, таҳкими иқтидори савдои хориҷӣ, афзоиши ҳаҷми содирот тавассути баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоту хизматрасонӣ ва ташаккули экосистемаи мусоидаткунанда ба фаъолияти содиротӣ ҳамчун ҳадафҳои соҳа дар давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб мераванд.

368. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим мебошанд:

- ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ;
- баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии маҳсулот тавассути сармоягузорӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо;
- истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ дар содагардонии расмиёти савдо;
- рушди савдои электронӣ ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии он;
- таъсиси марказҳои муосири логистикӣ, рушди долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ;
- татбиқи сиёсати давлатии маркетингӣ ва рушди фарҳанги содирот тавассути донишу навоварӣ;
- ташкили маҷмааҳои содиротӣ бо усулҳои иноватсионӣ.

369. Барои ҳавасмандгардонии фаъолияти содиротӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- такмили механизми рақамии баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда ба содироткунандагон тавассути портали электронӣ;
- пешниҳоди қарзҳои пешазсодиротӣ ва содиротӣ (факторинг) бо дарсади нисбатан паст ва дастрас;
- ҷалби ҷавонон, занон ва шахсони дорои маъюбият ба истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда.

370. Ҷиҳати баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ тавассути сармоягузорӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо андешидани тадбирҳои зерин зарур мебошанд:
- зиёд намудани сармоягузорӣ ба истеҳсолоти ба содирот нигаронишуда;
- ташкили озмоишгоҳи аз акредитатсияи байналмилалӣ гузашта ҷиҳати сертификатсиякунонии молҳои содиротии ватанӣ;
- воридоти технологияи муосири пешқадам ва ҷавобгӯй ба принсипи иқтисоди «сабз» барои истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ;
- таҳия ва қабули стандартҳои истеҳсоли маҳсулоти «сабз» ва гирифтани сертификати байналмилалии маҳсулоти «сабз» аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ.

371. Истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ дар самти содагардонии расмиёти савдо тавассути иҷрои тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:
- такмил додани низоми идоракунии Портали савдои Тоҷикистон тавассути иловаи маълумот оид ба имконият, стандартҳо ва расмиёти содирот;
- пайвасти мақомоти омор ва дигар мақомоти далдор ба низоми «Равзанаи ягонаи амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ»;
- таҷҳизонидани дидбонгоҳҳои гумрукӣ бо технологияи муосири назоратӣ ва рақамӣ;
- ташкили гузаргоҳи «сабз» дар нуқтаҳои гузариши байнисарҳадӣ.

372. Рушди савдои электронӣ ва такмили заминаи меъёриву ҳуқуқии он дар кишвар тавассути андешидани тадбирҳои зерин имконпазир аст:
- такмили қонунгузории кишвар дар самти савдои электронӣ;
- ҳамгироии низоми савдои электронии Тоҷикистон бо шабакаҳои савдои электронӣ ва бозорҷойҳо дар ҷаҳон (маркетплейсҳо);
- вусъат бахшидани рушди экосистемаи пардохтҳои рақамӣ.

373. Ҷиҳати таъсиси марказҳои муосири логистикӣ, рушди долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:
- таъсиси марказҳои нақлиётию логистикии муосир дар минтақаҳои озоди иқтисодии «Кӯлоб», «Данғара» ва «Суғд»;
- таъсиси марказҳои агрологистикӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои дигар;
- бунёди терминалҳои борфарорию borкунӣ дар назди истгоҳҳои роҳи оҳан, гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва фурудгоҳҳои байналмилалӣ.

374. Дар самти сиёсати давлатии маркетингӣ ва рушди фарҳанги содирот тавассути донишу навоварӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:
- шинохта ва машҳур гардонидани бренди содиротии Тоҷикистон «Истеҳсоли Тоҷикистон» ва «Маҳсулоти органикӣ»;

- ташкили низоми тадқиқоти маркетингии бозорҳои хориҷӣ барои мунтазам омӯхтани эҳтиёҷоти онҳо ба маҳсулоти дар Тоҷикистон истеҳсолшаванда.

375. Вобаста ба ташкили маҷмааҳои содиротӣ бо усулҳои инноватсионӣ андешидани тадбирҳои зерин зарур аст:

- ташкили марказҳои омӯзишӣ ва кумак барои истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ тавассути лоиҳаи «Як деҳа – як маҳсулот»;
- бо ҷалби сармояи хориҷӣ ташкили маҷмааҳои истеҳсолии ба содирот нигаронидашуда дар соҳаҳои нассоҷӣ, хӯрока ва истеҳсоли дигар маҳсулоти нав.

376. Натиҷаҳои чашмдошт:

- тибқи сенарияи шиддатнок ҳаҷми умумии содирот ба 4,8 млрд доллари ИМА мерасад ва суръати афзоиши миёнасолона на кам аз 7,4 дарсадро ташкил медиҳад;
- ҳаҷми содироти хизматрасонӣ то 600 млн доллари ИМА бо суръати рушди на кам аз 7,8 дарсад афзоиш меёбад;
- ҳаҷми содироти маҳсулоти ниҳоӣ ва содироти маҳсулоти бо арзиши баланди иловашуда беш аз 10 дарсад афзоиш меёбад;
- сатҳи гуногунсамтии содирот ба 40 дарсад мерасад ва ҳадди ақал 16 номгӯйи нави маҳсулоти ниҳоӣ дар сабади содиротӣ ҷой мегиранд;
- сармоягузорӣ аз ҳамаи сарчашмаҳо ба истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ба таври назаррас афзоиш меёбад.

## 7. РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ЗАМИНАИ РАВАНДҲОИ ҶАҲОНӢ

### §7.1. Рушди иқтисоди ба дониш, ихтироот ва навоварӣ асосёфта

377. Тибқи ҳисоботи БРСММ оид ба шохиси рушди инсонӣ (минбаъд – ШРИ) дар соли 2024 Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи миёнаи рушди инсонӣ шомил аст. Ворид шудани кишвар ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди инсонӣ то соли 2030 аз ҳалли масъалаҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодӣ, демографӣ ва иҷтимоӣ вобастагӣ дорад.

378. Дар самти рушди иқтисоди ба дониш, ихтироот ва навоварӣ асосёфта мушкилоти зерин мавҷуданд:

- ҳавасмандии нокифояи корхонаҳову муассисаҳо барои дастгирии фаъолияти навоварӣ;
- сатҳи пасти тиҷоратикунонии натиҷаҳои КИТТК;
- ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудани пайвасти илм бо истеҳсолот дар кишвар;
- сифати нисбатан пасти таҳсилот ва норасоии омӯзгорони баландихтисос.

379. Дар давраи миёнамуҳлат баланд бардоштани устувории рушди иқтисодӣ, ки ба донишу навоварӣ асос ёфтааст ҳадафи соҳа ба ҳисоб меравад.

380. Барои ноил шудан ба ҳадафи соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ карда мешаванд:

- шомилшавии Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи аз миёна баланди рушди сармояи инсонӣ;

- татбиқи механизми ҳавасмандкунии корхонаҳову муассисаҳо барои дастгирии фаъолияти навоварӣ ва амалисозии онҳо;

- тақвияти раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои КИТТК;

- ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани раванди таълим барои омодасозии мутахассисони навовар.

381. Ҷиҳати шомилшавии Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи аз миёна баланди рушди сармояи инсонӣ андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ба неруи инсонӣ аз ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ;

- ҷалби ҷавонони боистеъдод ба фаъолияти инноватсионӣ ва дастгирии молиявии лоиҳаҳо онҳо;

- афзоиши ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ.

382. Барои татбиқи механизми ҳавасмандкунии корхонаҳову муассисаҳо барои дастгирии фаъолияти навоварӣ ва амалисозии онҳо андешидани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- ҳавасмандкунии ташаккул ва фаъолияти технополисҳо, технопаркҳо, марказҳои инноватсионӣ ва марказҳои кашфиёти илмиву амалӣ;

- ташаккули маҷмааҳои таълимию инноватсионӣ дар бахши саноат ва комплекси агросаноатӣ.

383. Дар самти тақвияти раванди тиҷоратикунонии натиҷаҳои КИТТК андешидани тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- такмили интернет-портали миллии инноватсионӣ ва табдил додани он ба маркази асосии иттилоотии Низоми миллии рушди илмию инноватсионӣ;

- зиёд кардани фармоиши давлатии мавзуъҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба рушди истеҳсолот ва инноватсия нигаронидашуда;

- ташкили марказҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои КИТТК дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва илмӣ дар ҳамбастагӣ бо корхонаҳо ва муассисаҳо.

384. Ҷиҳати ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани раванди таълим барои омодасозии мутахассисони навовар андешидани тадбирҳои зерин зарур аст:

- рушди низоми бисёрзинагии омӯзиши бефосила, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисони самти навоварӣ;

- ба таври ҳатмӣ ба роҳ мондани низоми таҳсилоти дуалӣ дар МТК;

- муҷаҳҳаз гардонидани озмоишгоҳҳои МТК бо таҷҳизоти инноватсионӣ (ба монанди таҷҳизоти лазерӣ ва оптикӣ, принтерҳои чопи 3-ҳаҷма (3D) ва ғайра).

385. Натиҷаҳои чашмдошт:

- Тоҷикистон ба гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи аз миёна баланди рушди сармояи инсонӣ шомил мегардад;

- маблағгузории КИТТК аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба 1,5 дарсади ММД баробар мегардад;

- корхонаҳову муассисаҳо фаъолияти навовариро дастгирӣ менамоянд;

- низоми пайвасти илм бо истеҳсолот дар кишвар тақвият дода мешавад;

- мутахассисони навовар тибқи стандартҳои байналмилалӣ омода карда мешаванд.

## §7.2. Истифодаи имкониятҳои равзанаи демографӣ

386. Шумораи аҳолии мамлакат аз 9,7 млн нафар дар соли 2020 то ба 10,7 млн нафар ба ҳолати 1 январи соли 2025 афзоиш ёфт. Вобаста ба ҳамасола 2,2 дарсад афзоиш ёфтани аҳолии кишвар зарурати бунёди муассисаҳои нави иҷтимоӣ ба миён омадаст, ки сарбориро ба буҷети давлатӣ зиёд менамояд.

387. 80 дарсади аҳолии аз лиҳози иқтисодӣ фаъол ҷавонон мебошанд, ки барои давраи дарозмуҳлат ҳамчун захираи асосии инсонӣ ба ҳисоб меравад. Ҳар сол дар кишвар зиёда аз 180 ҳазор нафар аҳолӣ ба бозори меҳнат ворид мешаванд, ки аксари онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд.

388. То соли 2030 аҳолии Тоҷикистон ба 11,6 млн нафар баробар мегардад. Шаҳришавии аҳолӣ афзуда, ҳиссаи аҳолии дар шаҳрҳо истиқоматкунанда то 33-35 дарсад метавонад афзун гардад. Сохтори синну солии аҳолӣ низ тадриҷан тағйир меёбад.

389. Дар давраи миёнамуҳлат дар низоми демографии кишвар мушкилиҳои зерин ба назар мерасанд:

- нокифоягии маблағҳои буҷети давлатӣ барои бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ дар кишвар;
- ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набудани мутахассисони ҷавони ба бозори меҳнат воридшаванда;
- инъикос наёфтани ҷанбаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар омори демографӣ.

390. Истифодаи самараноки имкониятҳои демографӣ ва пешгирии хавфҳои бо он алоқаманд дар давраи миёнамуҳлат ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб меравад.

391. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ карда мешаванд:

- дарёфти сарчашмаҳои иловагӣ, бахусус сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ барои бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ дар кишвар;
- ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ намудани низоми омода кардани мутахассисони ҷавон;
- такмили методологияи омори демографӣ.

392. Барои дарёфти сарчашмаҳои иловагӣ, бахусус сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ вобаста ба бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ дар кишвар амалисозии тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- ҷалби маблағҳои иловагии шарикони рушд барои дастгирии буҷети давлатӣ;
- идомаи раванди таҳия ва татбиқи нақша чорабиниҳо оид ба корҳои ободонию бунёдкорӣ бахшида ба ҷашни 40-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷалби бештари ҳамватанони бурунмарзӣ барои саҳмгузорӣ ба бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ дар кишвар.

393. Ҷиҳати ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй намудани низоми омода кардани мутахассисони ҷавон амалисозии тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- соҳибкасб намудани 1 млн нафар ҷавонон дар кишвар;
- гузаронидани тадқиқот дар самти муайян намудани талаботи бозори меҳнат ба мутахассисон.

394. Барои такмили методологияи омори демографӣ амалисозии тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- ҷорӣ намудани ҷанбаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба омори демографӣ (омори камбизоатӣ, табақаи миёна, гурӯҳҳои осебпазир ва шуғли «сабз»);
- истифодаи нишондиҳандаҳои омори демографӣ ва ҲРУ дар ҲБС-и сатҳи миллӣ;
- ташаккул ва рушди низоми электронии омори демографӣ (бо инъикоси феҳристҳои иҷтимоӣ);

395. Натиҷаҳои чашмдошт:

- сарчашмаҳои иловагӣ, бахусус сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ барои бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ дар кишвар дарёфт карда мешаванд;
- низоми омода намудани мутахассисони ҷавон ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ мегардад;
- методологияи омори демографӣ такмил дода мешавад.

## §7.3. Устуворгардонии табақаи миёнаи аҳолӣ

396. Тибқи методологияи таҳияшуда аз рӯйи ҳисоби пешакӣ ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ дар соли 2024 дар сохтори аҳолии кишвар 34 дарсадро ташкил дод. Аммо ҳиссаи аҳолии осебпазир, ки аз гурӯҳи табақаи миёнаи аҳолӣ ба табақаи аҳолии камбизоат эҳтимоли гузаштан доранд, зиёд боқӣ мемонад.

397. Дар давраи миёнамуҳлат ҷиҳати таъмини устуворгардонии табақаи миёнаи аҳолӣ як қатор мушкилиҳо ба назар мерасанд:

- зиёд будани ҳиссаи аҳолии осебпазир, ки аз табақаи миёнаи аҳолӣ ба табақаи камбизоат эҳтимоли гузаштан доранд;
- зиёд будани хавфҳои эҳтимолии таъсиррасон, аз ҷумла бо тағйирёбии иқлим алоқаманд;
- зиёд будани талабот ба ҷойҳои кории доимӣ бо музди меҳнати арзанда нисбат ба шумораи ҷойҳои таъсисёфта.

398. Устуворгардонии табақаи миёнаи аҳолӣ дар кишвар ҳадафи соҳа дар давраи миёнамуҳлат ба шумор меравад.

399. Барои ноил шудан ба ҳадафи соҳа амалисозии вазифаҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- тақвияти бахшидани дастрасии аҳолии осебпазир, хусусан занону кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ба хизматрасониҳои маҷмуии иҷтимоӣ;
- такмили методологияи муайян намудани табақаи миёнаи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҳамасола таъсис додани на кам 100 ҳазор ҷойи кории доимӣ бо музди меҳнати арзанда.

400. Барои иҷрои вазифаҳои қайдгардида амалӣ гардонидани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- таҳияи модулҳои рақамии аҳолии осебпазир, ки аз табақаи миёнаи аҳолӣ ба табақаи камбизоат эҳтимоли гузаштан доранд;

- таҳия ва татбиқи босамари Барномаи тавсеаи табақаи миёнаи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2027-2031;

- баланд бардоштани қобилияти иқтидори маҳаллӣ барои вокуниши зуд нишон додан ба тағйирёбиҳои иқлимӣ ва техногенӣ.

- бунёди корхонаву коргоҳҳои саноатии сатҳи технологиаш миёна ва баланд;

- бунёди маҷмааҳои агросаноатӣ ва ташаккули занҷираи баланди иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ.

401. Натиҷаҳои чашмдошт:

- ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50 дарсад зиёд мешавад;

- ҳиссаи аҳолии осебпазир ки аз табақаи миёнаи аҳолӣ ба табақаи аҳолии камбизоат эҳтимоли гузаштан доранд, то ҳадди ниҳоӣ кам карда мешавад;

- ҳамасола зиёда аз 100 ҳазор ҷойи кории доимӣ бо музди меҳнати арзанда таъсис дода мешаванд.

## §7.4. Шуғли пурмаҳсул

402. Ба ҳолати 1 январи соли 2025 шумораи аҳолии фаъоли иқтисодӣ 2,8 млн нафар ва аз он шуғлдошта 2,7 млн нафарро ташкил медиҳад. Ба ҳисоби миёна ҳамасола шумораи аҳолии шуғлдошта 36,4 ҳазор нафар афзуда, аз МТК кишвар 78 ҳазор мутахассисони ҷавон ба бозори меҳнат ворид мешаванд.

403. Дар самти таъмини шуғли пурмаҳсул мушкилоти зерин ба назар мерасанд:

- ҳавасмандии нисбатан пасти бахши хусусӣ дар тавсеаи шуғли пурмаҳсул;

- сатҳи нисбатан пасти музди меҳнати кишоварзон дар ҳолати тамаркузи бештари шуғл дар ин соҳа;

- нисбатан баланд будани шуғли ғайрирасмӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ.

404. Баланд бардоштани сатҳи шуғли пурмаҳсул ва зиёд намудани ҷойҳои кории доимӣ дар давраи миёнамуҳлат ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб мераванд.

405. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа амалисозии вазифаҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- татбиқи чораҳои ҳавасмандкунии бахши хусусӣ дар тавсеаи шуғли пурмаҳсул;

- баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат тавассути ташаккули арзиши баланди иловашуда дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ;

- коҳиш додани шуғли ғайрирасмӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ.

406. Барои иҷрои вазифаҳои қайдгардида андешидани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- таҳияи механизми ҳавасмандкунии бахши хусусӣ ҷиҳати тавсеаи шуғли пурмаҳсул;

- вобаста намудани МТК ба корхонаҳои саноатӣ ва маҷмааҳои саноативу агросаноатӣ;

- мунтазам зиёд намудани музди меҳнати кормандони соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ;
- таъсиси маҷмааҳои агросаноатӣ;
- такмили қонунгузорӣ ҷиҳати пешбинӣ нагардидани талабот оид ба доштани собиқаи корӣ ҳангоми қабули хатмкардагони МТК ба кор;
- такмили низоми рақамии барасмиятдарории гузариш аз шуғли ғайрирасмӣ ба шуғли расмӣ;
- ҳавасмандкунии давлатии худмашғулбудагони расмӣ, аз ҷумла модарони танҳо, шахсони маъюб ва дигари гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ;
- рушди соҳибкории оилавӣ ва ҳунарҳои мардумӣ;
- таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои алоҳида бо мақсади ба шуғли пурмаҳсул ҷалб намудани оилаҳои осебпазир, аз ҷумла занҳои танҳо, ки фарзандони мактабхон доранд ва занони танҳое, ки кӯдаконашон дар мактаб-интернатҳо ҷойгир карда шудаанд.

407. Натиҷаҳои чашмдошт:
- аз ҷониби бахши хусусӣ шуғли пурмаҳсул тавсеа дода мешавад;
- ҳосилнокии меҳнат тавассути ташаккули арзиши баланди иловашуда дар соҳаҳои воқеии иқтисоди миллӣ баланд бардошта мешавад.

## §7.5. Рушди маориф ва беҳтар намудани сифати таҳсилот

408. Дар замони соҳибистиқлолӣ дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 3921 муассисаҳои таълимӣ сохта ва азнавсозӣ карда шуданд. Дар 5 соли охир шумораи хонандагон дар МТМУ 250 ҳазор афзуда, қариб ба 2,4 млн нафар расид. Дар баробари бунёду азнавсозии МТМУ дар кишвар ҳанӯз дар 84 дарсади онҳо таҳсил дар ду баст ба роҳ монда шуда, ҳиссаи МТМУ, ки дар онҳо дар се баст таҳсил ба роҳ монда шудааст, аз 2,6 дарсад то 1 дарсад коҳиш ёфт.

409. Дар доираи ислоҳоти низоми маориф Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 ва ҲБС-и дигари соҳавӣ таҳия гардида, мавриди амал қарор доранд.

410. Бо мақсади таъмини таҳсилоти фарогир ва ҷалби ҷавонон ба касбомӯзӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» тағйирот ворид карда шуд, ки дар асоси он баъд аз гирифтани таълими умумии асосӣ шаҳрвандон ухдадоранд, таълими миёнаи умумиро дар МТМУ ё мувофиқи хоҳишу қобилияташон дар муассисаҳои таълимии ибтидоии касбӣ ё миёнаи касбӣ гиранд.

411. Дар соли таҳсили 2024-2025 сифати таҳсилот дар МТМУ ба 35,1 дарсад, дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 26,4 дарсад, миёнаи касбӣ 35 дарсад ва дар муассисаҳои олии касбӣ ба 44 дарсад баробар гардид.

412. Бо вуҷуди натиҷаҳои бадастомада дар самти рушди маориф ва беҳтар намудани сифати таҳсилот ҳанӯз мушкилоти зерин ба назар мерасанд:
- норасоии ҷойҳои нишаст дар МТМУ;
- сатҳи пасти сифати таҳсилот;

- ба талабот ҷавобгӯй набудани таъмини МТМУ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ;

- норасоии омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар МТМУ;

- сатҳи нокифояи фарогирии кӯдакони аз 3 то 6 сола бо муассисаҳои томактабӣ;

- такмилталаб будани методологияи арзёбии сифати таҳсилот;

- ба роҳ монда нашудани рақамикунонии раванди мониторинг, арзёбӣ ва назорати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот.

413. Дар давраи миёнамуҳлат рушди низоми маорифи кишвар ва беҳтар кардани сифати таҳсилот бо таваҷҷуҳ ба ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами инноватсионӣ ҳамчун ҳадафҳои соҳа боқӣ мемонад.

414. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- бунёду азнавсозии МТМУ бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ;

- таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ;

- такмили низоми омода намудан ва бозомӯзии омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ;

- баланд бардоштани сифати таҳсилот;

- баланд бардоштани сатҳи фарогирии кӯдакони аз 3 то 6 сола бо муассисаҳои томактабӣ;

- рақамикунонии раванди мониторинг, арзёбӣ ва назорати таълим дар ҳама зинаҳои таҳсилот.

415. Ҷиҳати бунёду азнавсозии МТМУ бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- бунёди 400 ҳазор ҷойи нишасти нав дар МТМУ;

- пурра аз таъмир баровардани ҳамаи МТМУ дар кишвар.

416. Барои таъмини муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ амалӣ намудани тадбири зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

- пешбинӣ намудани ҷиҳозонидани озмоишгоҳҳои таълимӣ бо технологияи муосир, аз ҷумла таҷҳизоти лазерӣ ва оптикӣ, принтерҳои чопи 3-ҳаҷма (3D) ва ғайра.

417. Барои такмили низоми омода намудан ва бозомӯзии омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар МТМУ амалӣ намудани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- ба таври доимӣ ташкил намудани курсҳои сайёри бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ;

- такмили методикаи такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ.

418. Барои баланд бардоштани сатҳи фарогирии кӯдакони аз 3 то 6 сола бо муассисаҳои томактабӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- бунёди 800 муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар кишвар;

- омода намудани мураббиҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва пурзӯр намудани талаботи тахассусии онҳо.

419. Барои баланд бардоштани сифати таҳсилот амалӣ намудани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- ҷорӣ намудани методҳои муосири таҳсилот бо дарназардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ;
- таҳия ва татбиқи механизми баҳогузории МТМУ ва омӯзгорони онҳо аз ҷониби падару модарон, бахусус муассисаҳои таҳсилоти хусусӣ;
- бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафта муттаҳидгардонии имтиҳоноти хатми МТМУ бо имтиҳоноти дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути Маркази миллии тестӣ;
- ҷорӣ намудани фанни алоҳида вобаста ба тарбияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстии хонандагон дар МТМУ;
- такмили механизми маблағгузории меъёрӣ (сарикасӣ)-и МТМУ ва гузариши муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба чунин механизм.

420. Ҷиҳати рақамикунонии раванди мониторинг, арзёбӣ ва назорати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсил амалӣ намудани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- насб намудани барномаҳои электронии мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот дар МТМУ;
- рақамикунонии раванди таълими фанҳо бо методикаи муосир.

421. Натиҷаҳои чашмдошт:

- сатҳи сифати таҳсилот баланд мегардад;
- сатҳи фарогирии кӯдакони 3-6-сола бо таҳсилоти томактабӣ дар соли 2030 то ҳадди ақал ба 50 дарсад расонида мешавад;
- афзоиши фарогирии маъюбон аз ҷониби муассисаҳои таълимии тамоми сатҳҳо ҳадди ақал то 30 дарсад таъмин карда мешавад;
- ҳамаи МТМУ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо таъмин мегарданд;
- дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва илмӣ технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба таври васеъ истифода мегарданд.

## §7.6. Саломатӣ ва дарозумрӣ тавассути тибби фардӣ, биотехнология ва нанотехнология

422. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар доираи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади беҳтар гардонидани инфрасохтор ва хизматрасониҳои тиббӣ 3076 муассисаи соҳаи тандурустӣ ба истифода дода шуд. Дар давоми панҷ соли охир дар ҷумҳурӣ Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои давраи то соли 2030, Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи рушди муассисаҳои давлатии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба

эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 амалӣ гардиданд.

423. Дар соли 2025 барои соҳаи тандурустӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 4,3 млрд. сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2021 1,7 маротиба зиёдтар мебошад. Механизмҳои маблағгузории соҳа такмил ёфта истода, дар ҳамаи шабакаи муассисаҳои КАТС-и ҷумҳурӣ маблағгузории сарикасӣ ҷорӣ ва маблағгузорӣ дар асоси натиҷаи табобат ба таври таҷрибавӣ зина ба зина татбиқ гардид.

424. Дарозумрии миёнасолонаи аҳолӣ то 76,6 сол баланд шуд. Сатҳи муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои КАТС бо таҷҳизоти муосири озмоишиву ташхисӣ нисбат ба нишондиҳандаи пешбинишудаи Барнома 13 дарсад баланд гардид. Ҳиссаи маъюбон, ки бо воситаҳои техникии ёрирасон таъмин гардиданд, то 96 дарсад расонида шуд. Фавти кӯдакони то яксола аз 14 то 12 ба 1000 зиндатаваллуд, фавти кӯдакони то панҷсола аз 18 то 14 ба 1000 зиндатаваллуд ва фавти модарон аз 29 то 26 ба 100 ҳазор зиндатаваллуд коҳиш ёфт.

425. Фарогирии пурраи эмкунии кӯдакон то 86 дарсад расонида шуда, сатҳи қадпастӣ дар байни кӯдакони то панҷсола аз 18 дарсади соли 2021 то ба сатҳи 14 дарсад дар соли 2024 коҳиш ёфт.

426. Коҳиши шумораи гирифторони бақайдгирифташудаи бемории сил аз 112,6 нафар бемори бори аввал ташхисшуда ба 100 ҳазор нафар аҳолӣ дар соли 2021 то ба 91,1 нафар дар соли 2024 ба назар расид. Сатҳи фавт аз ин беморӣ дар ин давра аз 7,9 то 1,2 ба 100 ҳазор нафар коҳиш ёфт.

427. Бо вуҷуди дастовардҳои ноилгардида дар соҳа як қатор мушкилот мавҷуданд, ки бартараф намудани онҳо муҳим арзёбӣ карда мешаванд:

- сатҳи нокифояи таъминоти муассисаҳои тандурустӣ бо таҷҳизоти муосир ва табибони баландихтисос, бахусус дар минтақаҳои деҳоти кишвар;
- вобастагии бозори доруворӣи кишвар аз маводди доруворӣи воридотӣ, аз ҷумла доруворӣи пастсифат;
- ба тақвият ниёз доштани фаъолияти пешгирикунанда аз беморӣ, дастрасӣ ба ташхиси касбӣ ва табобати саривақтӣ;
- истифодаи нокифояи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар низоми тандурустии кишвар.

428. Дар давраи миёнамуҳлат баланд бардоштани солимӣ ва дарозумрии аҳолӣ, беҳтар намудани инфрасохтор ва хизматрасониҳои тиббӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар соҳа, инчунин рушди тибби фардӣ, истифодаи биотехнология ва нанотехнология ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб мераванд.

429. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошанд:

- такмили низоми маблағгузорӣ ва идоракунии соҳа дар асоси таҷрибаи пешқадам;
- баланд бардоштани сатҳи таъминоти муассисаҳои тандурустӣ бо таҷҳизоти муосири рақамӣ ва мутахассисони баландихтисос;
- афзоиши истеҳсоли доруҳои ватании воридотивазкунанда ва пешгирии воридоти доруҳои пастсифат;

- ба роҳ мондани арзёбии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои пешгирии саривақтии беморӣ ва ташхиси дақиқ;

- истифодаи технологияҳои муосири ТИК ва зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои тандурустӣ;

- тақвияти корҳо оид ба пешгирӣ ва мубориза бо бемориҳои сироятӣ ва дорои аҳамияти иҷтимоидошта.

430. Барои такмили низоми маблағгузорӣ ва идоракунии соҳа дар асоси таҷрибаи пешқадам амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- афзоиш додани маблағгузории соҳаи тандурустӣ то 3 дарсади ММД;

- ҳавасмандгардонии сармоягузории бахши хусусӣ ва истифодаи механизми ШДБХ дар соҳа;

- ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмии тиббӣ.

431. Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи таъминоти муассисаҳои тандурустӣ бо таҷҳизоти муосири рақамӣ ва мутахассисони баландихтисос амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои соҳаи тандурустӣ бо таҷҳизоти ташхисӣ (Health check-up), томографӣ ва таҷҳизоти дигари муосир;

- дастгирии давлатии иштироки бахши ғайридавлатӣ дар рушди тибби фардӣ, воридоти биотехнология ва нанотехнология;

- такмили усули таълими фанҳои тиббӣ бо истифода аз технологияҳои рақамии 5D ва модулҳои зеҳни сунъӣ;

- ҷорӣ намудани талаботи ҳатмии омӯзонидани мутахассисон зимни татбиқи лоиҳаҳои грантӣ оид ба воридоти таҷҳизоти тиббӣ.

432. Барои афзоиши истеҳсоли доруҳои ватании воридотивазкунанда ва пешгирии воридоти доруҳои пастсифат амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- таҳия ва қабули стандартҳои доруворӣ кишварҳои пешрафта ҷиҳати ҷалби сармояи ин кишварҳо ба саноати дорусозӣ;

- пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба муомилоти озод баровардани доруҳои қалбакӣ ва пастсифат;

- таҷдиди Номгӯйи моддаҳои химиявие, ки барои истифодаашон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст.

433. Ҷиҳати ба роҳ мондани арзёбии фаъолияти муассисаҳои тиббӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои пешгирии саривақтии беморӣ ва ташхиси дақиқ амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- ба роҳ мондани машварати онлайнӣ дар минтақаҳои дурдаст;

- тақвияти корҳои тарғиботию ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳӣ вобаста ба тарзи ҳаёти солим;

- бо таҷҳизоти муосири хурди лабораторӣ КАТС таъмин намудани тамоми бунгоҳҳои тиббии деҳот;

- баланд бардоштани масъулият ва ҷавобгарии табибон дар самти пешгирии саривақтии беморӣ ва ташхису табобати дақиқ;

- рафъи норасоии микроэлементҳо дар маводи ғизоӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва истеъмол накардани хӯроки носолим.

434. Барои истифодаи технологияҳои муосири ТИК ва зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои тандурустӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар таҳлили натиҷаҳои ташхиси тиббӣ;
- рақамикунонии раванди бақайдгирии дафтарчаи тиббӣ бо истифода аз барномаи электронии e-Tib;
- рақамикунонии протоколҳои клиникӣ ва муолиҷавӣ ва ташкили «Маълумоти бузург» (Big Data) дар соҳаи тиб;
- идоракунии бемориҳои музмин (системаҳои танзими диабет: Алгоритмҳои DreaMed Diabetes, пешгирии ҳамлаҳои қалбӣ: модели CardiAI аз рӯйи электрокардиограмма (ECG) ва маълумоти фитнес-трекерҳо).

435. Барои тақвияти корҳо оид ба пешгирӣ ва мубориза бо бемориҳои сироятӣ ва дорои аҳамияти иҷтимоидошта амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- тақвияти омодагӣ ба офатҳои табиӣ ва пандемия тавассути омӯзонидани кормандони соҳаи тиб дар ин самт, аз ҷумла марбут ба таъсири иқлим (масалан, мавҷҳои гармӣ, бемориҳои сироятӣ) ва ҳамгироии онҳо ба протоколҳои муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ;
- пешбинӣ кардани маблағҳои зарурӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои идомаи татбиқи Барномаи миллии мубориза бар зидди эпидемияи Вируси норасоии масъунияти одам ва Бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

436. Натиҷаҳои чашмдошт:

- маблағгузории соҳаи тандурустӣ то 3 дарсади ММД афзоиш дода мешавад;
- 80 дарсади КАТС дар шаҳру ноҳияҳо бо таҷҳизоти муосири лабораторӣ ва ташхисӣ муҷаҳҳаз мегарданд;
- дар ҳар як деҳоти аҳолиаш аз 600 нафар зиёд бунгоҳи тиббӣ ба истифода дода мешавад;
- инфрасохтори муассисаҳои тандурустӣ ва таъмини мутахассисони соҳа, бахусус дар деҳот тақвият дода мешаванд;
- истеҳсоли доруҳои ватании воридотивазкунанда афзоиш ёфта, воридоти доруҳои пастсифат пешгирӣ карда мешавад;
- самаранокии фаъолияти пешгирикунандаи бемориҳо, раванди ташхис ва табобати саривақтӣ тақвият дода мешавад;
- 60 дарсади муассисаҳои тиббӣ технологияҳои нави иттилоотӣ ва зеҳни сунъиро ба таври васеъ истифода мебаранд.

## §7.7. Ҳифзи иҷтимоӣ ва муҳити дастрас

437. Ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2025 нисбат ба соли 2021 1,7 маротиба афзоиш ёфт.

438. Дар солҳои 2019-2024 андозаи миёнаи нафақа 1,5 баробар афзоиш ёфта, ба 490 сомонӣ баробар гардид. Аммо бо дарназардошти музди миёнаи меҳнат, ки дар соли 2024 2255 сомониро ташкил дод, ҳиссаи нафақа ҳамагӣ ба 21,7 дарсад

баробар шуд (тибқи стандарти Конвенсияи ТБМ №102 таносуби нафақа/маош дар сатҳи миналӣ 40 дарсад бояд бошад).

439. Дар давраи татбиқи БМР 2021-2025 баландшавии андозаи маош, нафақа ва стипендияҳо нисбат ба сатҳи таваррум дар ин давра ба маротиб зиёд аст, ки бевосита ба коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ аз 26,3 дарсад то ба 20,4 дарсад мусоидат намуд.

440. Дар ҷумҳурӣ Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2040 мавриди амал қарор дорад. Дар соли 2025 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи соҳибкории иҷтимоӣ» қабул гардида, мақоми ваколатдори давлатӣ дар ин самт низ муайян карда шуд. Барномаи давлатии «Муҳити дастрас» барои солҳои 2021-2025 амалӣ гардида, қонунгузории ҷумҳурӣ дар бахши таъминоти шароит барои ташаккули дастрасии инфрасохтори иҷтимоӣ, нақлиётӣ ва муҳандисӣ барои маъюбон қисман такмил ёфтанд.

441. Дар баробари идомаи ислоҳот дар низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини муҳити дастрас ҳанӯз мушкилоти зерин ба назар мерасанд:

- сатҳи нокифояи маблағгузории ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- мавҷудияти фарқият дар сатҳи рушди инфрасохтори соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ байни шаҳрҳо ва деҳоти ҷумҳурӣ;
- сатҳи нокифояи таъминоти бахши иҷтимоӣ бо мутахассисон;
- инфрасохтори номукаммали соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва таъминоти нафақа;
- сатҳи пасти рақамикунонии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ.

442. Устувор гардонидани таъминоти молиявии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, рушди инфрасохтори дастрас ва рақамикунонии соҳа, бахусус дар деҳот дар давраи миёнамуҳлат ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб мераванд.

443. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим мебошанд:

- такмили низоми маблағгузории соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ;
- таҳкими механизмҳои амалишавии стандартҳои иҷтимоии давлатӣ;
- рушди низоми соҳибкории иҷтимоӣ, аз ҷумла таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии он бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ;
- такмили низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ;
- мукаммал намудани низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;
- фарогирии пурраи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ бо хизматрасониҳои иҷтимоӣ;
- тақвият додани низоми ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои маъюбӣ ва таъмини муҳити дастрас.

444. Такмили низоми маблағгузории низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо иҷрои тадбирҳои зерин имконпазир аст:

- ҷорӣ намудани буҷетикунонии барномавӣ дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ;
- таъмини иштироки субъектони соҳибкорӣ ва аҳли ҷомеа дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ;

- истифодаи механизмҳои маблағгузории ШДБХ дар хизматрасониҳои иҷтимоӣ;

- пешниҳоди грантҳои давлатӣ барои корхонаҳо ва соҳибкорони иҷтимоӣ бо мақсади амалисозии лоиҳаҳо дар ин самт.

445. Ҷиҳати таҳкими механизмҳои амалишавии стандартҳои иҷтимоии давлатӣ андешидани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар таҳия ва амалишавии барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо дарназардошти стандартҳои иҷтимоии давлатӣ;

- ба аҳолӣ, бахусус гурӯҳи осебпазири ҷомеа пешниҳод намудани маълумот дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ;

- таҳкими иқтидори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти таҳия ва амалигардонии барномаҳои иҷтимоӣ;

- таҳия ва ҷорӣ намудани стандартҳои минималии иҷтимоӣ бо дарназардошти хусусиятҳои маҳалҳои алоҳида;

- таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти томактабӣ ба кӯдакони дорои имконияташ маҳдуд.

446. Рушди низоми соҳибкории иҷтимоӣ ва таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии он бо истифода аз таҷрибаи байналмилалӣ тавассути тадбирҳои зерин имконпазир аст:

- таҳия ва амалисозии барномаи давлатӣ дар соҳаи соҳибкории иҷтимоӣ;

- ҷорӣ намудани усули арзёбии таъсирбахшии соҳибкории иҷтимоӣ;

- ба роҳ мондани низоми таҳсилоти касбӣ, таҳсилоти касбии иловагӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони корхонаҳои иҷтимоӣ.

447. Такмили низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавассути тадбирҳои зерин амалӣ мегарданд:

- рақамикунонии пурраи соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳо, аз ҷумла тавассути низоми «Равзани ягона»;

- тақвият додани иқтидори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар таъмини хизматрасониҳои иҷтимоӣ.

448. Барои мукаммал намудани низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ амалишавии тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- омода намудани мутахассисон дар самти хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи иҷтимоӣ, аз ҷумла тиббӣ, руҳиву равонӣ, кумаки аввалияи тиббӣ барои оилаҳо ва шахсоне, ки ҳангоми ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ зарар диданд;

- татбиқи воситаҳои огоҳисозии аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;

- такмили ҳамкориҳои байналмилалӣ ва байнисоҳавӣ барои самаранокии кумакҳо барои ҷабрдидагон ва таъсиси махзани ягонаи маълумот дар ин самт.

449. Фарогирии пурраи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ бо хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо роҳи амалишавии тадбирҳои зерин имконпазир аст:

- таҳия ва пешбурди махзани ягонаи маълумоти электронии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа дар доираи мақомоти соҳавӣ ва маҳаллӣ;

- таҳия ва тасдиқи стандартҳои хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва фарогирии пурраи гурӯҳҳои осебпазир (занони танҳои дорои кӯдакони хурдсол, занони ҳомила ва ширмакон, кӯдакони бепарастори хурдсол);
- гузаронидани таҳқиқоти даврагӣ барои муайян намудани теъдоди кӯдакони осебпазир ва омӯзиши сабабҳои осебпазирии онҳо, аз ҷумла маъюбшавӣ дар байни кӯдакон;
- баланд бардоштани сатҳи огоҳонии аҳолӣ оид ба таъсири манфии дур мондани кӯдакон аз оила ва мактаб ва аҳаммияти фазои солими оилавӣ ба рушду камоли онҳо.

450. Ҷиҳати тақвият додани низоми ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои маъюбӣ ва таъмини муҳити дастрас амалӣ намудани тадбирҳои зерин ба мақсад мувофиқ ҳисобида мешаванд:

- такмили қонунгузории марбут ба низоми ҳифзи иҷтимоии шахсони дорои маъюбият бо мақсади мутобиқ намудани он ба меъёрҳои байналмилалӣ;
- ташкили марказҳои тавонбахшии шахсони дорои маъюбӣ дар маҳалҳо ва пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ ба онҳо дар хона бо ҷалби қишри васеи ҷомеа;
- таҳия ва татбиқи барномаи давлатӣ дар самти таъмини муҳити дастрас;
- беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои махсуси тиббии барои шахсони маъюб зарур бинобар сустшавии ҳаракату фаъолият ва хизматрасониҳои дигар барои паст кардану пешгирии маъюбӣ дар оянда;
- мусоидат ба истеҳсоли воситаҳои техникӣ ва ёрирасон барои барқарорсозии маъюбон ва ташаккули муҳити дастрас барои онҳо;
- таҳия ва нашри тавсияҳои методӣ, ки ташкили муҳити дастрасро барои маъюбони узвҳои такягоҳӣ-ҳаракатӣ, нобино ва шунавоиашон паст пешбинӣ менамояд.

451. Натиҷаҳои чашмдошт:

- инфрасохтор ва хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ беҳтар мегарданд;
- шаклҳои гуногуни маблағгузории низоми ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҷорӣ мегарданд;
- меъёрҳои стандартҳои иҷтимоии давлатӣ такмил дода мешаванд;
- соҳибкории иҷтимоӣ рушд мекунад;
- низоми идоракунии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар ҳама сатҳҳо такмил меёбад ва рақамӣ кунонида мешаванд;
- низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ ташаккул меёбад;
- муҳити дастрас барои шахсони дорои маъюбӣ ташаккул меёбад.

### §7.8. Ҷавонон ва варзиш: мусоидат ба рушди неруи зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, пешгирии нашъамандӣ ва таъмини тарзи ҳаёти солим

452. Дар ҷумҳурӣ Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ барои солҳои 2023-2027, Барномаи рушди иҷтимоии ҷавонон барои солҳои 2022-2026, Барномаи рушди гӯштини миллӣ барои солҳои 2024-2027 ва Барномаи

рушди футбол барои солҳои 2022-2026 таҳия ва амалӣ шуда, дар ҳамбастагӣ бо ҳуҷҷатҳои рушди маориф ва фарҳанг ба ташаккули шахсияти зеҳнӣ ва ҷисман солими ҷавонон замина мегузоранд.

453. Дар соли 2024 зиёда аз 1,3 млн нафар ҷавонон дар 22 ҳазор чорабиниҳо дар самтҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, тарбиявӣ, маърифатӣ ва ватандӯстӣ иштирок карданд, ки аз онҳо 3 ҳазор чорабинӣ бо иштироки 28 ҳазор нафар волонтёр тариқи ихтиёрӣ баргузор гардид.

454. Дар ин давра 1126 нафар варзишгар дар 82 мусобиқаи сатҳи байналмилалӣ иштирок намуда, 448 медал, аз ҷумла 134 тилло ба даст оварданд. Инчунин 18 мусобиқаҳои сатҳи баланди байналмилалӣ дар кишвар доир гардид.

455. Дар солҳои 2022-2024 беш аз 480 иншооти варзишӣ ва фароғатӣ бо маблағи умумии зиёда аз 20 млрд сомонӣ сохта шуданд. Ин тадбирҳо на танҳо ба рушди варзиш, балки ба баланд бардоштани малакаҳои иҷтимоӣ, зеҳнӣ ва ахлоқии ҷавонон мусоидат менамоянд.

456. Дар самти рушди неруи созандаи ҷавонон ва рушди неруи зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳо ҳанӯз мушкилоти зерин ба назар мерасанд:

- ҷой доштани хавфи майли ҷавонон ба раванди тундгароӣ ва ифротгароӣ;
- ҳавасмандии нокифояи ҷавонон ба фаъолияти инноватсионӣ, ихтироъкорӣ ва нановарӣ;
- ҷой доштани хавфи майли ҷавонон ба нашъамандӣ.

457. Рушди неруи созандаи ҷавонон, фаъол гардонидани онҳо дар пешрафти ҷомеа ва давлат, ҷалби онҳо ба варзиш ва тарзи ҳаёти солим дар давраи миёнамуҳлат ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб мераванд.

458. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- пешгирии майли ҷавонон ба раванди тундгароиву ифротгароӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии онҳо;
- ҳавасманд намудани ҷавонон ба фаъолияти инноватсионӣ, ихтироъкорӣ ва касбҳои эҷодӣ;
- ҷалб, дарёфти истеъдодҳо ва интихоби ҷавонон, аз ҷумла духтарон ба мусобиқаҳои варзишӣ;
- пешгирии майли ҷавонон ба нашъамандӣ;

459. Барои пешгирии майли ҷавонон ба раванди тундгароиву ифротгароӣ ва баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии онҳо амалӣ намудани чунин тадбирҳо муҳим мебошанд:

- тарғиби ҳамаҷонибаи дарки дурусти арзишҳои динӣ дар байни ҷавонон аз ҷониби мақомоти давлатии дахлдор;
- ташкили чорабиниҳои сиёсӣ- иҷтимоӣ дар байни ҷавонон таҳти унвони «Саҳми ман дар рушди Ватан»;
- омода намудани видеонаворҳо ва видеофилмҳои кутоҳ оид ба афсарон ва сарбозони шуҷоъ дар замони осоишта.

460. Ҷиҳати ҳавасманд намудани ҷавонон ба фаъолияти инноватсионӣ, ихтироъкорӣ ва касбҳои эҷодӣ амалӣ намудани чунин тадбирҳо муҳим мебошанд:

- баланд бардоштани фаъолнокии ҷавонон дар корҳои илмию инноватсионӣ;

- ҷалби ҷавонони боистеъдод ба фаъолияти инноватсионӣ тавассути дастгирии молиявии лоиҳаҳои онҳо;

- ташкили мактабҳои эҷодиёти зеҳнӣ ва соҳибкории инноватсионӣ барои ҷавонон.

461. Ҷиҳати ҷалб, дарёфти истеъдодҳо ва интихоби ҷавонон, аз ҷумла духтарон ба мусобиқаҳои варзишӣ амалӣ намудани чунин тадбирҳо муҳим мебошанд:

- ҳавасмандсозӣ ва ҷалби ҷавонон ба варзиши оммавӣ, бахусус дар ноҳияҳои дурдаст;

- ҳавасмандкунии иштироки духтарон дар варзиш;

- мунтазам баргузор намудани мусобиқаҳои варзишӣ бо мақсади дарёфти истеъдодҳо.

462. Вобаста ба пешгирии майли ҷавонон ба нашъамандӣ амалӣ намудани чунин тадбирҳо муҳим мебошанд:

- ҷорӣ намудани барномаҳои «Тарзи ҳаёти солим» дар низоми маориф;

- пешгирии воридот ва паҳнкунии маводҳои синтетикии психотропӣ ва прекурсорҳо ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои паҳнкунии онҳо.

463. Натиҷаҳои чашмдошт:

- иштироки ҷавонон дар чорабиниҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ оид ба ватандӯстӣ меафзоянд;

- сатҳи огоҳӣ ва ҷалби наврасону ҷавонон ба лоиҳаҳо ва чорабиниҳо дар самти ихтироъкорӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ баланд мегардад;

- фарогирии ҷавонон ба варзиш ва тарзи ҳаёти солим таъмин мегардад.

## §7.9. Фарҳанг ва санъат дар асри рақамӣ: ҳифзи мерос ва шаклҳои инноватсионии эҷодкорӣ

464. Таи панҷ соли охир рушди низоми фарҳанг дар ҷумҳурӣ тавассути амалисозии Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, инчунин самтҳои алоҳидаи рушди соҳа, аз ҷумла Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029, Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи давлатии рушди санъати шашмақом, фалак ва мактаби суннатии «устод-шогирд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028, Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2021-2025 ва Барномаи давлатии ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангии халқи тоҷик барои солҳои 2021-2025 таъмин мегардад.

465. Дар солҳои 2021-2025 маблағгузории бахши фарҳанг ва варзиш аз ҳисоби буҷети давлатӣ 1,7 маротиба афзоиш ёфт. Ба ҳолати 1 январи соли 2025 дар ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 2573 муассисаи фарҳангӣ фаъолият мекунад, ки ба тарғибу нигоҳдории мероси фарҳангӣ ва рушди эҷодиёти муосир мусоидат менамоянд.

466. Новобаста аз ин, натиҷаҳо дар самти рушди фарҳанг ва санъат ҳанӯз мушкилоти зерин ба назар мерасанд:

- маблағгузории нокифояи рушди заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ ва санъат;
- норасоии мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои муосири фарҳанг ва санъат;
- истифодаи нокифояи технологияҳои муосири рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои фарҳангу санъат.

467. Баланд бардоштани сатҳи истифодаи технологияи рақамӣ ва эҷодиёти инноватсионӣ, ҳифз ва муаррифии васеи мероси фарҳангӣ, инчунин афзоиши даромаднокии соҳа дар давраи миёнамуҳлат ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб меравад.

468. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- баланд бардоштани таъминоти моддию техникии муассисаҳои фарҳангу санъат ва зиёд намудани маблағгузории соҳа;
- омода намудани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои муосири фарҳангу санъат;
- истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои фарҳангу санъат;
- ташаккули механизми тиҷоратикунонии маҳсулоти эҷодии муассисаҳои фарҳангу санъат.

469. Барои баланд бардоштани таъминоти моддию техникии муассисаҳои фарҳангу санъат ва зиёд намудани маблағгузории соҳа амалисозии тадбирҳои зерин муҳим аст:

- зиёд намудани ҳаҷми маблағгузории фарҳангу санъат аз буҷети давлатӣ;
- муҷаҳҳазгардонии Театри миллии Тоҷикистон бо технологияҳои муосири рақамӣ ва воситаҳои дигари намоишии муосир;
- ҷорӣ намудани таҷрибаи маблағгузории соҳа дар асоси ШДБХ;
- ҷорӣ намудани механизми озод намудани воридоти таҷҳизоти муосири соҳаи фарҳангу санъат аз боҷҳои андозию гумрукӣ.

470. Барои омода намудани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои муосири фарҳангу санъат амалисозии тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- ҳамасола пешбинӣ намудани 10 ҷой барои омода намудани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои муосири соҳаи фарҳангу санъат тибқи стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон»;
- истифодаи модулҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар раванди таълим дар МТК равияи фарҳангу санъат;
- ворид кардани модулҳои иқтисоди эҷодӣ ва соҳибкории фарҳангӣ ба барномаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷиҳати омӯхтани таҷрибаи пешқадам дар самти фарҳангу санъат.

471. Барои истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ дар муассисаҳои фарҳангу санъат татбиқи тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои фарҳангу санъат бо технологияи муосири рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ;
- баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ оид ба маҳсулоти беҳтарини фарҳангу санъат бо истифода аз технологияи рақамӣ ва ҳавасмандкунии иштирокчиёни онҳо, бахусус занону кӯдакон;
- рақамисозии осор ва бойгониҳои фарҳангӣ барои ҳифзи мероси миллӣ.

472. Ҷиҳати ташаккули механизми тиҷоратикунонии маҳсулоти эҷодии муассисаҳои фарҳангу санъат тадбирҳои зерин пешбинӣ мегарданд:
- ҳавасманд намудани иштироки ҳунармандони ватанӣ дар озмунҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ;
- дастгирии дастрасӣ ба бозор барои маҳсулоти эҷодӣ тавассути платформаҳои тиҷорати электронӣ;
- тарғиби ҳаматарафаи ташриф овардан ба театру осорхонаҳо аз овони кӯдакӣ;
- ба роҳ мондани ташрифи театрҳо ва осорхонаҳо тариқи бастани шартнома байни ин муассисаҳо ва муассисаҳои таълимӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ;
- тарғибу ташвиқи васеи фаъолияти театрҳо, осорхонаҳо ва китобхонаҳо тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ;
- татбиқи барномаи миллӣ дар самти дастгирии корхонаҳои фарҳангӣ ва эҷодӣ дар марҳилаи ибтидоӣ;
- дастгирии таъсиси марказҳои эҷодӣ ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ байни ҳунармандон, технологҳо ва соҳибкорон.

473. Натиҷаҳои чашмдошт:
- таъминоти моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ ва санъат баланд бардошта мешавад;
- маблағгузории соҳа аз буҷети давлатӣ зиёд мегардад;
- мутахассисони соҳаи фарҳангу санъат технологияи рақамӣ ва зеҳни сунъиро истифода мебаранд;
- мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои муосири фарҳангу санъат омода карда мешаванд.

### §7.10. Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар асоси шарикӣ

474. Дар ҷумҳурӣ Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва дигар санаду ҳуҷҷатҳо мавриди татбиқ қарор доранд. Тибқи ин ҳуҷҷатҳо то соли 2030 дар соҳаи сайёҳӣ 10 дарсади шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат бояд шуғл дошта бошанд ва саҳми мустақими соҳа дар ташаккули ММД то 8 дарсад ва саҳми ғайримустақим то 15 дарсад расад. Аммо дар соли 2024 мувофиқи маълумоти пешакӣ ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар ташаккули ММД ҳамагӣ ба 2,8 дарсад расид.

475. Дар соли 2024 аз шумораи умумии шаҳрвандони хориҷие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, 1400 ҳазор нафарашон ба ҳайси сайёҳ

арзёбӣ гардидаанд, ки нисбат ба соли 2020 1044 ҳазор нафар ё 4 маротиба зиёд мебошад.

476. Тоҷикистон аз нигоҳи амният, субот ва эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тибқи рейтинги солонаи Пажӯҳишгоҳи амрикоии Gallup дар соли 2024 дар байни 142 кишвари ҷаҳон ҷойи сеюмро ишғол намуд. Солҳои охир мавқеи кишвар дар раддабандиҳои дигари байналмилалии соҳаи сайёҳӣ низ беҳтар гардид.

477. Бо вуҷуди дастовардҳо дар соҳаи сайёҳӣ мушкилоти зерин ба назар мерасанд:

- сатҳи нокифояи рушди инфрасохтори муосири сайёҳӣ ва авиатсионӣ дар кишвар;
- ташаккул наёфтани механизми таҳияи хатсайрҳои рақамӣ барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ;
- ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй набудани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ ва авиатсионӣ, инчунин сатҳи тахассусии кормандони соҳа;
- ба таври зарурӣ истифода нагардидани имкониятҳои ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои муаррифии васеи имкониятҳои сайёҳии кишвар;
- ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудани чорабиниҳо ва ҳамоишҳо дар минтақаҳои кишвар бо мақсади ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ;
- ҳанӯз ташаккул наёфтани механизми ба фурӯш баровардани маҳсулоти ҳунармандӣ;
- ҳамгироии нокифояи хатсайрҳои сайёҳии Тоҷикистон бо хатсайрҳои кишварҳои ҳамсоя.

478. Дар давраи миёнамуҳлат муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии кишвар, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумӣ, ҳамзамон бунёди инфрасохтори муосири сайёҳӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ҳамчун ҳадафҳои соҳа ба ҳисоб мераванд.

479. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои соҳа иҷрои вазифаҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- рушди инфрасохтори муосири сайёҳӣ ва авиатсионӣ бо истифода аз шаклҳои гуногуни маблағгузорӣ;
- таҳияи хатсайрҳои рақамӣ барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ;
- ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй намудани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ ва авиатсионӣ, инчунин сатҳи тахассусии кормандони соҳа;
- муаррифии васеи имкониятҳои сайёҳии кишвар тариқи ВАО-и ватаниву хориҷӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ;
- баргузории чорабиниҳо ва ҳамоишҳои муаррифгари суннатҳои миллӣ дар минтақаҳои кишвар;
- татбиқи механизми тиҷоратикунонии маҳсулоти ҳунармандони кишвар.

480. Барои рушди инфрасохтори муосири сайёҳӣ ва авиатсионӣ бо истифода аз шаклҳои гуногуни маблағгузорӣ тадбирҳои зерин пешбинӣ мегарданд:

- бунёди инфрасохтори зарурии сароҳӣ ва таваққуфгоҳҳои фарогир дар роҳҳои аҳаммияти байналмилалидошта;

- мубаддал гардонидани шаҳри Роғун ба минтақаи сайёҳӣ;
- ташкили шаҳраки хаймавӣ дар шаҳри Душанбе;
- истифодаи иншооти ҷойгиркунонии «капсулавӣ» дар мавзеъҳои сайёҳии экологӣ;
- таъсис ва рушди маҷмааҳои сайёҳӣ;
- ташаккули инфрасохтори рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

481. Вобаста ба таҳияи хатсайрҳои рақамӣ барои сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ татбиқи тадбири зерин муҳим мебошад:
- такмили платформаи рақамии сайёҳӣ (E-tourism) бо вазифаҳои онлайн дархосткунӣ, гид-роҳнамо ва робитаи мутақобила.

482. Ҷиҳати ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй намудани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ ва авиатсионӣ, инчунин сатҳи тахассусии кормандони соҳа амалӣ намудани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:
- сохтмону азнавсозии инфрасохтори муосири сайёҳӣ ва авиатсионӣ;
- таҳия ва татбиқи низоми миллии стандартҳои меҳмоннавозӣ ва сертификатсияи меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, муассисаҳои хӯроки умум, ширкатҳои сайёҳӣ ва гид-роҳнамоҳо дар асоси стандартҳои байналмилалӣ;
- ба таври ҳатмӣ ба роҳ мондани курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи сайёҳӣ;
- ҷорӣ намудани модулҳои рақамӣ ва таҳсилоти дуалӣ дар раванди таълими мутахассисони соҳаи сайёҳӣ дар МТК.

483. Барои муаррифии васеи имкониятҳои сайёҳии кишвар тариқи ВАО-и ватаниву хориҷӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ татбиқи тадбирҳои зерин зарур шуморида мешавад:
- таҳияи феҳристи таомҳои миллӣ ва муаррифии васеи онҳо бо мақсади рушди сайёҳии гастрономӣ;
- ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ оид ба наворҳои беҳтарини мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ, табиат ва сайёҳӣ;
- таҳияи видеофилмҳои бадеӣ ва мустанад дар мавзеъҳои таърихиву сайёҳӣ бо мақсади рушди сайёҳии этникиву динӣ;
- таҳия ва намоиши филмҳои иммерсивӣ дар бораи мавзеъҳои сайёҳӣ, таърихӣ ва экологӣ, аз ҷумла кӯҳҳову пиряххои Тоҷикистон дар осорхонаҳо ва намоишгоҳҳои кишвар.

484. Ҷиҳати баргузории чорабиниҳо ва ҳамоишҳои муаррифгари суннатҳои миллӣ дар минтақаҳои кишвар амалӣ намудани тадбирҳои зерин муҳим аст:
- ташкили чорабиниҳои фарҳангии оммавӣ бо ҷалби санъаткорон ва ҳунармандони машҳури сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар мавзеъҳои муфиди сайёҳӣ;
- ташкили чорабиниҳои варзишии оммавии сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар;
- баргузории ҷашнҳои Тиргон, Меҳргон, Сада ва Наврӯз дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар бо ҷалби меҳмонон аз кишварҳои ҷаҳон.

485. Барои татбиқи механизми тиҷоратикунонии маҳсулоти ҳунармандони кишвар амалӣ намудани тадбирҳои зерин муҳим аст:

- ташкили маҳаллаи ҳунармандон бо нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ дар шаҳру ноҳияҳои кишвар;
- бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ташкили марказҳои харид ва фурӯши маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ва армуғон;
- татбиқи босамари лоиҳаи «Як деҳа – як маҳсулот» дар минтақаҳои кишвар;
- эҳё ва тиҷоратикунонии ҳунарҳои қадимаи мардумӣ (гилембофӣ, намадбофӣ ва ғайра).

486. Натиҷаҳои чашмдошт:

- инфрасохтори муосири сайёҳӣ ва авиатсионӣ сохта ва азнавсозӣ мегарданд;
- имкониятҳои сайёҳии Тоикистон ба таври васеъ муаррифӣ мегарданд;
- хатсайрҳои нави рақамии сайёҳӣ таҳия карда мешаванд;
- шумораи сайёҳони ба ҷумҳурӣ ташрифоваранда ба 2,5 млн нафар мерасад;
- ҳиссаи соҳаи сайёҳӣ дар ММД ба 8 дарсад баробар мегардад.

## §7.11. Паст кардани сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ ва гендерӣ

487. Дар ҷумҳурӣ Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон барои солҳои 2021-2030, Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023-2030, Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030, Барномаи давлатии рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028 мавриди амал қарор доранд. Инчунин, грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2021-2025 ҷудо гардида, Шурои байниидоравӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

488. Ҳоло дар кишвар 25 дарсади хизматчиёни давлатӣ, 73 дарсади кормандони соҳаи маориф, 71 дарсади кормандони соҳаи тиб, 47 дарсади кормандони соҳаи фарҳанг, 37 дарсади кормандони илмӣ ва 30 дарсади соҳибкоронро бонувон ташкил медиҳанд.

489. Дар соли 2024 41,3 дарсади аҳолиро кӯдакону наврасони то 18-сола ташкил медиҳанд, ки аз он ҳиссаи духтарон – 48,7 дарсад ва ҳиссаи писарон 51,3 дарсад буда, 77,4 дарсади онҳо дар деҳот зиндагӣ мекунанд.

490. Бо вуҷуди дастовардҳо дар самти таъмини баробарии иҷтимоӣ, гендерӣ ва некуаҳволии кӯдакон мушкилоти зерин ба назар мерасанд.

- фарогир набудани омори расмии аҳолӣ аз рӯйи ҷинс, синну сол, осебпазирӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ;
- афзоиши ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ва ҷудошавии оилаҳо дар кишвар;
- осебпазирии фарзандони модарони танҳо, оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, кӯдакони маъюб, ятимон ва нимятимон вобаста ба хавфҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва тарбиявию психологӣ.

491. Таъмини имкониятҳои баробари зиндагӣ ва рушд барои ҳама табақаҳои ҷомеа, бахусус гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ҳадафҳои асосӣ дар давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб меравcovered.

492. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои қайдшуда иҷрои вазифаҳои зерин муҳим аст:

- тақвияти низоми омори расмии аҳолӣ аз рӯйи ҷинс, синну сол, осебпазирӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ;
- пешгирии ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ва ҷудошавии оилаҳо дар кишвар;
- коҳиш додани осебпазирии фарзандони модарони танҳо, оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, кӯдакони маъюб, ятимон ва нимятимон вобаста ба хавфҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва тарбиявию психологӣ.

493. Барои тақвияти низоми омори расмии аҳолӣ аз рӯйи ҷинс, синну сол, осебпазирӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ татбиқи тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегардад:

- таҳия ва татбиқи методологияи муосири омори расмии аҳолӣ аз рӯйи ҷинс, синну сол, осебпазирӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ;
- тақвияти махзани иттилоотӣ доир ба нишондиҳандаҳои ҲРУ.

494. Ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила ва ҷудошавии оилаҳо дар кишвар тадбирҳои зерин пешбинӣ мегарданд:

- баланд бардоштани нақши комиссияҳои маҳаллӣ, мақомоти маҳаллии кор бо занон ва оила, дин ва танзими ҷашну маросим, ҷавонон ва варзиш дар пешгирии ҳолатҳои зӯроварӣ ва ҷудошавӣ дар оила;
- тибқи қонунгузорӣ манъ кардани истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ барои кӯдакони то 16-сола;
- пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои паҳн кардани наворҳо ва матнҳои дорои характери зӯроварӣ, хусумат ва иттилооти дигари ғайриахлоқӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ;
- такмили қонунгузории кишвар бо мақсади аз ҷиҳати иқтисодӣ маҳдуд кардани ҷудошавии оилаҳо;
- баланд бардоштани сатҳи уҳдадории падару модари ҷудошуда дар нигоҳубин ва таълиму тарбияи кӯдак то синни 16-солагӣ.

495. Барои коҳиш додани осебпазирии фарзандони модарони танҳо, оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, кӯдакони маъюб, ятимон ва нимятимон вобаста ба хавфҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тарбиявӣ, психологӣ ва дигар хавфҳои эҳтимолӣ тадбирҳои зерин пешбинӣ мегарданд:

- зиёд намудани маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ ба мактаб-интернатҳои ятимону бепарасторон ва мактабҳои маъюбон;
- ба таври васеъ ба роҳ мондани таҷрибаи соҳибкории иҷтимоӣ барои кӯдакони осебпазир;
- пешниҳоди имтиёзу ҳавасмандиҳо барои оилаҳое, ки ятимону бепарасторонро ба фарзандӣ қабул мекунанд;
- татбиқи васеи таҷрибаи корҳои хайриявию эҳсонкорӣ ҷиҳати дастгирии кӯдакон аз оилаҳои осебпазир.

496. Натиҷаҳои чашмдошт:

- низоми омори расмии аҳолӣ аз рӯйи ҷинс, синну сол, осебпазирӣ ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ тақвият меёбад;
- ҳолатҳои зӯроварӣ дар оила коҳиш дода мешавад;
- ҷудошавии оилаҳо дар кишвар кам карда мешавад;
- фарзандони модарони танҳо, оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, кӯдакони маъюб, ятимон ва нимятимон датгирӣ меёбанд.

## 8. РУШДИ МУТАВОЗИНИ МИНТАҚАҲОИ КИШВАР

### §8.1. Рушди мутавозини минтақаҳои кишвар

497. Байни минтақаҳои кишвар аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва сохтори шуғли аҳолӣ фарқият мавҷуд аст. Аз ҷумла, дар сохтори минтақавии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2024 ҳиссаи вилояти Суғд – 56 дарсад, вилояти Хатлон – 23,3 дарсад, шаҳри Душанбе – 9,8 дарсад, ШНТҶ – 9,7 дарсад ва ВМКБ 0,7 дарсад мебошад. Чунин номутаносибӣ барои рушди устувор ва мутавозини минтақаҳои кишвар монеа эҷод намуда, дар ин самт бо инобати хусусиятҳои минтақаҳои кишвар татбиқи чораҳои мақсаднок зарур аст.

498. Дар самти рушди мутавозини минтақаҳои кишвар мушкилиҳои зерин ба назар мерасанд:
- рушди номутавозини соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои кишвар;
- рушди нокифояи инфрасохтори нақлиётӣ, логистикӣ, низомҳои обёрӣ, энергетикӣ, тандурустӣ, маориф ва алоқаи интернети баландсуръат;
- имкониятҳои маҳдуди молиявии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати маблағгузории рушди инфрасохтори иқтисодию иҷтимоӣ;
- номутаносибии минтақавӣ ва ҳаҷми нокифояи ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ;
- робитаи суст байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо соҳибкорону сармоягузорони дохилӣ;
- норасоии мутахассисон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

499. Таъмини мутавозинии рушди минтақаҳо, бахусус дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, афзоиши ҳаҷми сармояи мустақими хориҷӣ ва маблағгузории буҷетӣ, инчунин баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодии минтақаҳо ҳадафҳои муҳим дар давраи миёнамуҳлат ҳисобида мешаванд.

500. Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур иҷрои вазифаҳои зерин зарур шуморида мешаванд:
- рушди инфрасохтори нақлиётӣ, логистикӣ, низомҳои обёрӣ, энергетикӣ, тандурустӣ, маориф ва алоқаи интернети баландсуръат;
- истифодаи пурраи имкониятҳо ва иқтидорҳои мавҷудаи минтақаҳои кишвар;
- дарёфт ва афзоиш додани сарчашмаҳои даромади буҷети маҳаллӣ;

- тақвияти механизми ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва мутаносибии ҳаҷми он дар тақсимоти минтақаҳо;
- дастгирии ҳамаҷонибаи ташаббуси соҳибкорону сармоягузорон аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- татбиқи самараноки лоиҳаи «Як деҳа – як маҳсулот» бо фарогирии ҳама минтақаҳои кишвар.

501. Барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ, логистикӣ, низомҳои обёрӣ, энергетикӣ, тандурустӣ, маориф ва алоқаи интернети баландсуръат татбиқи тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:
- амалишавии лоиҳаҳои афзалиятноки ба Барномаи давлатии сармоягузориҳо воридгардида;
- татбиқи лоиҳаҳои хурдҳаҷм тариқи механизми ШДБХ;
- бунёду азнавсозии 800 иншооти аз ҳисоби маблағгузориҳои мутамаркази буҷетӣ давлатӣ сохташаванда;
- татбиқи лоиҳаҳо ҷиҳати пайванд намудани ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ба хати оптикии нурии интернети баландсуръат.

502. Ҷиҳати истифодаи пурраи имкониятҳо ва иқтидорҳои мавҷудаи минтақаҳои кишвар амалӣ намудани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:
- самаранок гардонидани мақомоти худидоракунии маҳал;
- гузаронидани таҳлили пурраи имкониятҳову иқтидорҳои ҳар як шаҳру ноҳияҳо ва татбиқи механизми истифодаи самараноки онҳо;
- тақвияти махсусгардонӣ ва ҳамкории истеҳсолӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар;
- ташкили маҷмааҳои саноатию агросаноатӣ ва паркҳои саноатӣ дар минтақаҳо;
- истифодаи имкониятҳои маҳал дар рушди иқтидори ҳунармандӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ то ниҳоӣ.

503. Ҷиҳати афзоиш додани сарчашмаҳои даромади буҷети маҳаллӣ татбиқи тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:
- бозбинӣ намудани механизмҳои муносибатҳои байнибуҷетӣ;
- татбиқи механизми ҳавасманд намудани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти зиёд намудани манбаҳои андозбандӣ;
- ҷалби кумакҳои техникӣ барои кам кардани сарборӣ ба буҷети маҳаллӣ.

504. Барои тақвияти механизми ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва мутаносибии ҳаҷми он дар тақсимоти минтақаҳо татбиқи тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:
- таҳия ва пешбурди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷиҳати пешниҳод намудан ба сармоягузорони хориҷӣ дар ҳамкорӣ бо мақоми ваколатдори давлатӣ;
- ба таври доимӣ баргузор намудани форумҳои сармоягузорӣ ва намоишгоҳҳо дар минтақаҳои алоҳида;
- таҳия ва ҷорӣ намудани рейтинги миллии ҷолибияти сармоягузории шаҳру ноҳияҳо;
- таҳия ва пешбурди нишондоди ҷуғрофӣ (Geographical Indication – GI) барои маҳсулоти хоси кишоварзӣ ва ҳунарҳои мардумии минтақаҳо;

- пайваст намудани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба Платформаи рақамии Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ.

505. Барои дастгирии ҳамаҷонибаи ташаббуси соҳибкорону сармоягузорон аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқи тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- тақвияти фаъолияти Шурои беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузории назди раисони шаҳру ноҳияҳо;
- ташкили портали рақамии муроҷиату дархостҳои соҳибкорону сармоягузорон ба раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ва мониторинги ҳалли онҳо;
- баргузории озмунҳои «Беҳтарин лоиҳаҳои соҳибкорӣ», «Идеяи пешқадам» ва «Инноватсия дар истеҳсолот» байни ҷавонон дар минтақаҳои кишвар;
- баланд бардоштани музди меҳнати кормандон дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

506. Татбиқи самараноки лоиҳаи «Як деҳа – як маҳсулот» бо фарогирии ҳама минтақаҳои кишвар:

- ташкили механизми миллии ҳамоҳангсозии байниидоравӣ, ки амалисозии ҳаракати миллии «Як деҳа – як маҳсулот»-ро дар сатҳи давлатӣ танзим менамояд;
- таҳияи Нақшаи миллии амалҳо оид ба татбиқи ҳаракати «Як деҳа – як маҳсулот» барои солҳои 2026-2030;
- муайян кардани минтақаҳои пилотӣ бо имкониятҳои бештар дар кишвар барои эҳё ва роҳандозии ҳунармандӣ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз меваҳо, сабзавот, гиёҳҳои шифобахш, асал, пашм, чарм, сангҳои ороишӣ;
- роҳандозии истеҳсолоти ҳадди ақал як маҳсулот дар ҳар як деҳаи кишвар дар доираи лоиҳаи мазкур;
- таҳияи низоми миллии сертификатсияи «Як деҳа – як маҳсулот» дар Тоҷикистон, ки сифати маҳсулотро тасдиқ намуда, шинохти онро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъмин мекунад.
- ташкили озмуни миллии «Беҳтарин маҳсулоти истеҳсоли маҳаллӣ» дар доираи ҳаракати «Як деҳа – як маҳсулот» аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ВРИС) бо ҷалби ҷонибҳои дахлдор аз мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, коршиносони соҳавӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ВАО.
- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо шарикони рушди кишвар барои ҷалби маблағҳои грантӣ ва дастгирии техникӣ.

507. Натиҷаҳои чашмдошт:

- инфрасохтори нақлиётӣ, логистикӣ, низомҳои обёрӣ, энергетикӣ, тандурустӣ, маориф ва алоқаи интернети баландсуръат рушд дода мешавад;
- фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳал самаранок мегардад;
- сарчашмаҳои иловагии даромади буҷетҳои маҳаллӣ самаранок истифода ва гуногунсамт мегарданд;
- механизми ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ва мутаносибии ҳаҷми он дар тақсимоти минтақаҳо тақвият дода мешавад;
- ташаббусҳои соҳибкорону сармоягузорон аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сари вақт дастгирӣ меёбанд;

- дар доираи ҳаракати «Як деҳа – як маҳсулот» истеҳсоли ҳади ақал 100 номгӯйи маҳсулоти маҳаллӣ ба роҳ монда мешавад;

- 50 лоиҳаи афзалиятноки ба Барномаи давлатии сармоягузориҳо ворид гардида, татбиқ мегарданд;

- 800 иншооти аз ҳисоби маблағгузориҳои мутамаркази буҷети давлатӣ сохташаванда бунёду азнавсозӣ мегарданд.

### §8.2. Таъмини шароити зиндагии арзанда: рушди «шаҳрҳои ҳушманд»

508. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои электронӣ тавассути ТИК, таъмини амнияти шаҳрвандон ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе КВД «Шаҳри ҳушманд» таъсис дода шуд.

509. Вобаста ба ин низомҳо ва барномаҳои рақамии ҷамъиятӣ, ба мисли e-Donish, e-Тиб, «Пардохти ҳушманд (Smart pay)» ҷорӣ гардида, лоиҳаҳои «Ташкили таваққуфгоҳҳои музднoки худкор», «Нуқтаҳои барқдиҳанда», «Низоми зеҳнии сабти аксу видеоии қоидавайронкуниҳои ҳаракат дар роҳ дар нуқтаҳои истгоҳи нақлиёти маршрути пешбинишуда», «Харитаи электронии шаҳри Душанбе», «Шаҳрванди фаъол» ва лоиҳаҳои дигар дар шаҳри Душанбе амалӣ гардида истодаанд.

510. Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас дар самти рушди «шаҳрҳои ҳушманд» мушкилоти зерин ба назар мерасанд:

- нокифоя будани сарчашмаҳои маблағгузории татбиқи лоиҳаҳо дар самти «шаҳри ҳушманд»;

- ташаккул наёфтани низоми ягонаи ҳамгироишудаи инфрасохтори рақамии шаҳрӣ бо низоми рақамии сатҳи миллӣ;

- рушд наёфтани низоми «шаҳри ҳушманд» дар шаҳрҳои дигари кишвар.

511. Таъмини шароити зиндагии арзанда дар шаҳрҳо тавассути истифодаи технология ва барномаҳои ҳушманд ҳадафи муҳим дар давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб меравад.

512. Барои ноил шудан ба ҳадафи қайдшуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошанд:

- истифодаи сарчашмаҳои маблағгузории омехта дар татбиқи лоиҳаҳои «шаҳрҳои ҳушманд»;

- ташаккули низоми ягонаи ҳамгироишудаи инфрасохтори рақамии шаҳрӣ бо низоми рақамии сатҳи миллӣ;

- насби низоми «шаҳри ҳушманд» дар шаҳрҳои дигари кишвар.

513. Ҷиҳати истифодаи сарчашмаҳои маблағгузории омехта дар татбиқи лоиҳаҳои «шаҳрҳои ҳушманд» амалӣ намудани тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- ҷорӣ намудани механизми ШДБХ дар ташаккули «шаҳрҳои ҳушманд» бо истифода аз таҷрибаи шаҳри Душанбе;

- ҷалби маблағҳои шарикони рушд дар татбиқи чунин лоиҳаҳо.

514. Барои ташаккули низоми ягонаи ҳамгироишудаи инфрасохтори рақамии шаҳрӣ бо низоми рақамии сатҳи миллӣ татбиқи тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- воридсозии низомҳо ва барномаҳои e-Donish, е-Тиб, «Низоми зеҳнии сабти аксу видеоии қоидавайронкуниҳои ҳаракат дар роҳ» ва «Пардохти ҳушманд (Smart pay)» ва низомҳои дигар ба муассисаҳои соҳавии шаҳрҳои кишвар;
- ҷорӣ намудани низоми миллии рақами ягонаи шаҳрванд;
- такмили қонунгузории кишвар ҷиҳати таъсиси интернети мустақил дар кишвар.

515. Барои насби низоми «шаҳри ҳушманд» дар шаҳрҳои дигари кишвар татбиқи тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- насби низоми шаҳри ҳушманд дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар, Хоруғ, Панҷакент, Ваҳдат ва Ҳисор;
- қабул ва татбиқи стандартҳои ягонаи тарҳи «шаҳрҳои ҳушманд» бо дарназардошти таъмини дастрасии фарогир ба муҳити зист тибқи принсипи «касеро дар канор намегузорем».

516. Натиҷаҳои чашмдошт:

- механизми маблағгузории омехтаи лоиҳаҳои «шаҳри ҳушманд» ташаккул меёбад;
- низоми ягонаи ҳамгироишудаи инфрасохтори рақамии шаҳрӣ бо низоми рақамии сатҳи миллӣ таъмин ва рақами ягонаи шаҳрванд ҷорӣ мегардад;
- низоми «шаҳри ҳушманд» дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хуҷанд, Бохтар, Хоруғ, Панҷакент, Ваҳдат ва Ҳисор насб мегардад.

### §8.3. Шаҳрҳои хурд ва миёна ҳамчун «қутбҳои рушд»-и устувор

517. БМР 2021-2025 татбиқи лоиҳаҳои сохтмони шабакаҳои обтаъминкунӣ, энергетика, марказҳои хизматрасонӣ, ташкили маҷмааҳои агросаноатӣ ва омодасозии кадрҳои маҳаллиро пешбинӣ намуда, тақвияти иқтидори саноатии шаҳрҳои хурду миёна ва вусъатдиҳии маҷмааҳои ҳудудӣ ҳамчун вазифаҳои муҳим арзёбӣ гардиданд. Таҳлил нишон дод, ки дар 60 дарсади шаҳрҳои мақсадноки дар БМР 2021-2025 муайяншуда тадбирҳои зарурӣ ба таври пурра амалӣ нашуданд.

518. Гарчанде дар шаҳру ноҳияҳои мақсаднок маҷмааҳои саноатӣ пешбинӣ шудаанд, дар ноҳияи Данғара бо рушди маҷмааи нассоҷии ҶДММ «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил» ва бунёди якчанд корхонаҳои азими ҳудуди МОИ «Данғара» заминаҳои «қутби рушд»-и устувори ин ноҳия ташаккул ёфтанд. Инчунин, дар ин ноҳия ҷиҳати фароҳам овардани заминаҳо барои рушди инфрасохтори шаҳрӣ корҳо идома доранд.

519. Дар самти рушди шаҳрҳои хурд ва миёна ҳанӯз мушкилиҳои зерин ба назар мерасанд:

- норасоии маблағгузорӣ барои рушди инфрасохтори шаҳрӣ ва фаъолнокии пасти соҳибкорони маҳаллӣ дар ин самт;

- норасоии мутахассисони муҳандисиву шаҳрсозӣ ва номукаммалии низоми шаҳрсозиву банақшагирии он;

- суръати нисбатан пасти саноатикунонӣ ва таъсиси ҷойҳои кории доимӣ дар шаҳрҳои хурди ҳадафнок.

520. Дар асоси такмили механизми банақшагирӣ, маблағгузорӣ ва саноатикунонӣ табдили шаҳрҳои хурд ва миёна ба «қутбҳои рушд»-и устувор ҳадафҳои муҳим дар давраи миёнамуҳлат ба ҳисоб мераванд.

521. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои муҳим иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- афзоиши ҳаҷм ва гуногунсамтии манбаъҳои маблағгузорӣ барои рушди инфрасохтори шаҳрӣ ва такмили механизми ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ;

- таъмини мутахассисони муҳандисиву шаҳрсозӣ ва мукаммал намудани низоми шаҳрсозиву банақшагирии он;

- таъмини саноатикунонии босуръат ва таъсиси ҷойҳои кории доимӣ дар шаҳрҳои хурди ҳадафнок.

522. Ҷиҳати афзоиши ҳаҷм ва гуногунсамтии манбаъҳои маблағгузорӣ барои рушди инфрасохтори шаҳрӣ ва такмили механизми ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ амалишавии тадбирҳои зерин муҳим мебошанд:

- тавсеаи механизми ШДБХ дар самти рушди инфрасохтори устувори шаҳрӣ;

- татбиқи механизми ҷалби соҳибкорон барои бунёди биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ ва хизматрасонӣ;

- ҷорӣ намудани низоми «Равзанаи ягона» барои гирифтани иҷозати сохтмон дар шаҳрҳои хурду миёна;

- интихоби минтақаи алоҳидаи кишвар ҷиҳати дар шарикӣ бо сармоягузорони хориҷӣ бунёд намудани «Шаҳри ҳушманд ва иноватсионӣ» ва ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқии он;

- шарикӣ бо бахши хусусӣ барои рушди инфрасохтори «Smart City» дар 5 шаҳри намунавӣ, ки дар он ҷо шабакаи чароғонкунии зеҳнӣ, идоракунии партовҳо, интиқоли маълумот ва огоҳинамоии барвақтӣ ҷорӣ мегардад.

523. Барои таъмини мутахассисони муҳандисиву шаҳрсозӣ ва мукаммал намудани низоми шаҳрсозиву банақшагирии он татбиқи тадбирҳои зерин муҳим арзёбӣ мегарданд:

- ҷорӣ намудани квотаҳои таҳсилотӣ барои шаҳрҳои ҳадафнок ҷиҳати омода намудани мутахассисони муҳандисиву шаҳрсозӣ ва технологӣ;

- сафарбар намудани кормандони бахшҳои муҳандисиву шаҳрсозӣ барои омӯхтани таҷрибаи пешқадам ба шаҳрҳои навбунёди пешрафтаи дунё;

- банақшагирии дурусти рушди маҳаллаҳои аҳолинишин бо ба инобат гирифтани инфрасохтори муҳандисӣ ва иҷтимоӣ дар нақшаҳои генералӣ;

- ифтитоҳи марказҳои омодасозии касбӣ ва ҳавасмандгардонии ҷавонон (аз ҷумла, бо истифода аз таҷрибаи муассисаҳои ҳунаромӯзии Олмон (GIZ) ва ЮНИСЕФ).

524. Ҷиҳати таъмини саноатикунонии босуръат ва таъсиси ҷойҳои кории доимӣ дар шаҳрҳои хурду миёнаи ҳадафнок тадбирҳои зерин амалӣ мегарданд:

- бунёди корхонаву коргоҳҳои саноативу инноватсионӣ, экотехнопаркҳо ва марказҳои хизматрасонии муосир;

- сода намудани раванди гирифтани қитъаи замин ва ҳуҷҷатгузории он дар заминҳои таъиноти истеҳсолии дақиқ муайяншуда ба соҳибкорон дар асоси пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузории афзалиятнок.

525. Натиҷаҳои чашмдошт:

- маблағгузорӣ барои рушди инфрасохтори шаҳрӣ ва такмили механизми ҷалби соҳибкорони маҳаллӣ дар ин самт таъмин мегардад;

- мутахассисони муҳандисиву шаҳрсозӣ ва мукаммал намудани низоми шаҳрсозиву банақшагирии он таъмин мегарданд.

## §8.4. Вусъатдиҳии маҷмааҳои ҳудудӣ ва тақвияти ҳамкории наздисарҳадӣ

526. Тоҷикистон барои рушди маҷмааҳо дар соҳаҳои нассоҷӣ, хӯрокворӣ, сайёҳӣ, энергетикӣ, мошинсозӣ, металлургӣ ва дигар соҳаҳо дорои имкониятҳои васеъ мебошад.

527. Ҳамзамон имкониятҳои истеҳсолии кишвар барои рушди ҳамкориҳои наздисарҳадӣ бо мамлакатҳои ҳамсоя ба монанди Афғонистон, Узбекистон, Қирғизистон ва Чин тавассути бозорҳои наздисарҳадӣ мусоидат менамояд.

528. Ҷиҳати вусъат бахшидан ба рушди маҷмааҳои ҳудудӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои наздисарҳадӣ мушкилоти зерин ҷой доранд:

- расмиёти мураккаби вобаста кардани қитъаи замин барои иштирокчиёни маҷмааҳои саноатӣ;

- мавҷудияти душвориҳо дар мувофиқасозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба таъсиси маҷмааҳои соҳавӣ;

- ҳавасманд набудани роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ барои ташаккули занҷираи арзиши баланди иловашуда ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар доираи ташкили маҷмаа;

- ташаккул наёфтани механизми таъсиси маҷмааҳои ҳудудии пешниҳоди хизматрасониҳо;

- рушд наёфтани истеҳсолот ва маҳдуд будани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда дар атрофи бозорҳои наздисарҳадӣ;

- набудани маълумоти таҳлилӣ ва маркетингӣ оид ба эҳтиёҷоти маҳаллҳои аҳолинишини наздисарҳадии кишвари ҳамсоя.

529. Рушди маҷмааҳои ҳудудӣ ҳамчун як воситаи муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо ва истифодаи самараноки имкониятҳои ҳамкории наздисарҳадӣ ҳадафҳои муҳими ин самт ба ҳисоб меравад.

530. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо иҷрои вазифаҳои зерин муҳим мебошанд:

- сода гардонидани механизми ҷудо намудани қитъаи замин барои иштирокчиёни маҷмааҳои саноатӣ;

- таҳияи лоиҳаҳои созишномаҳои сармоягузории намунавӣ оид ба таъсиси маҷмааҳои соҳавӣ;

- ҳавасманд намудани роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ барои ташаккули занҷираи арзиши баланди иловашуда ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар доираи маҷмаа;

- ташаккули механизми таъсиси маҷмааҳои ҳудудии пешниҳоди хизматрасониҳо;

- рушди истеҳсолот ва зиёд намудани номгӯйи маҳсулоти истеҳсолшаванда дар атрофи бозорҳои наздисарҳадӣ;

- ташаккули заминаи институтсионалии пешниҳоди маълумоти таҳлилӣ оид ба эҳтиёҷоти маҳаллҳои аҳолинишини наздисарҳадии кишвари ҳамсоя.

531. Ҷиҳати сода гардонидани механизми ҷудо намудани қитъаи замин барои иштирокчиёни маҷмааҳои саноатӣ андешидани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- такмили қонунгузории кишвар ҷиҳати татбиқи механизми содаи ба иҷора додани заминҳои таъиноти кишоварзӣ барои маҷмааҳои саноатӣ;

- азнавбарӯйхатгирии заминҳои мавҷуда ва тақсимоти онҳо аз рӯйи гурӯҳҳо, намудҳо ва заминистифодабарандагон дар кишвар бо мақсади муайян намудани заминҳои таъиноти саноатӣ ва бекорхобида барои пешниҳод намудан ба сармоягузорони маҷмааҳои саноатӣ.

532. Барои таҳияи лоиҳаҳои созишномаҳои сармоягузории намунавӣ оид ба таъсиси маҷмааҳои соҳавӣ андешидани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- таҳия ва тасдиқи лоиҳаҳои созишномаи сармоягузории намунавӣ оид ба таъсиси маҷмааҳои истеҳсолӣ;

- татбиқи низоми «Равзанаи ягона» барои баррасии пешниҳодҳои лоиҳавӣ оид ба таъсиси маҷмааҳои истеҳсолӣ ва ҳудудӣ.

533. Ҷиҳати ҳавасманд намудани роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ барои ташаккули занҷираи арзиши баланди иловашуда ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ дар доираи маҷмаа андешидани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- баргузор намудани семинарҳо ва тренингҳо барои роҳбарони корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ бо ҷалби соҳибкорони муваффақ;

- такмили қонунгузории кишвар ҷиҳати ҳавасманд намудани фаъолият дар асоси таъсиси маҷмааҳои ҳудудӣ ва ҳамкории истеҳсолӣ.

534. Барои ташаккули механизми таъсиси маҷмааҳои ҳудудии пешниҳоди хизматрасониҳо андешидани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- таҳия ва тасдиқи лоиҳаҳои созишномаи сармоягузории намунавӣ оид ба таъсиси маҷмааҳои хизматрасонӣ дар соҳаҳои афзалиятнок;

- пешниҳоди имтиёзҳо барои таъсиси маҷмааҳои ҳудудии хизматрасониҳои сайёҳӣ;

- баргузории озмунҳои таҳияи лоиҳаҳои рушди сайёҳӣ тариқи бунёди маҷмаа дар минтақаҳои ҷолиби кишвар;

- бунёди маҷмааи хизматрасонии табобатӣ бо истифода аз захираҳои табиӣ, аз ҷумла гиёҳҳои шифобахш.

535. Ҷиҳати рушди истеҳсолот ва зиёд намудани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда дар атрофи бозорҳои наздисарҳадӣ андешидани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- ташкили корхонаҳо ва коргоҳҳои саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳое, ки дар он ҷой бозорҳои наздисарҳадӣ фаъолият мекунанд;
- таъсиси марказҳои логистикӣ бо таҷҳизоти бандубасти муосир (ХАБ-ҳо) дар минтақаҳои наздисарҳадӣ.

536. Барои ташаккули заминаи институтсионалии пешниҳоди маълумоти таҳлилӣ оид ба эҳтиёҷоти маҳалҳои аҳолинишини наздисарҳадии кишвари ҳамсоя андешидани тадбирҳои зерин зарур арзёбӣ мегарданд:

- гузаронидани таҳқиқоти мушаххас ҷиҳати пешниҳоди маълумоти таҳлилӣ оид ба эҳтиёҷоти маҳалҳои аҳолинишини наздисарҳадии кишвари ҳамсоя;
- ташкили портали электронии маълумоти таҳлилӣ оид ба эҳтиёҷоти маҳаллҳои аҳолинишини наздисарҳадии кишвари ҳамсоя.

537. Натиҷаҳои чашмдошт:

- механизми ҷудо намудани қитъаи замин барои иштирокчиёни маҷмааҳои саноатӣ сода гардонида мешавад;
- лоиҳаҳои созишномаи сармоягузории намунавӣ оид ба таъсиси маҷмааҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ таҳия ва тасдиқ мегарданд;
- низоми «Равзанаи ягона» барои баррасии пешниҳодҳои лоиҳавӣ оид ба таъсиси маҷмааҳои истеҳсолӣ ва ҳудудӣ татбиқ мегардад;
- ҳаҷми савдо дар бозорҳои наздисарҳадӣ афзоиш мeёбад.

## 9. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

### §9.1. Арзёбии эҳтиёҷоти маблағгузории БМР 2026-2030

538. Амалишавии тадбирҳои БМР 2026-2030 аз маблағгузорӣ вобастагӣ дорад. Манбаъҳои маблағгузории ноилшавӣ ба ҳадаф ва афзалиятҳои Барнома аз се сарчашма иборат мебошанд. Яке аз сарчашмаҳои асосӣ ин манбаъҳои маблағгузории буҷети давлатӣ мебошад ва ҳамасола дар раванди таҳияи он моддаҳои зарурии хароҷот аз рӯйи гурӯҳбандии барномавӣ дар доираи ҳадаф ва афзалиятҳои муайяншудаи БМР 2026-2030 пешбинӣ мегарданд.

539. Манбаъҳои дигари маблағгузории тадбирҳои банақшагирифташуда сармоягузориҳои хусусии дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин маблағҳои шарикони рушд дар шакли грант ва қарзҳо мебошанд. Маблағҳои бахши хусусӣ барои ҷалб намудани иштироки намояндагони ин бахш дар татбиқи Барнома ба нақша гирифта шуда, маблағҳои шарикони рушд дар доираи барномаҳои кишварӣ ва ҳамчунин кумаки расмӣ барои рушд дар амалишавии ҲРУ ҷалб мегарданд.

540. Ҳаҷми умумии маблағи зарурӣ барои татбиқи БМР 2026-2030 тибқи тадбирҳои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он (тибқи замимаи 1) ба 174 млрд сомонӣ баробар аст, ки аз ин маблағҳои буҷети давлатӣ – 54 млрд сомонӣ ё 31 дарсад, бахши хусусии ватанӣ ва хориҷӣ – 60 млрд сомонӣ ё 34,5 дарсад ва шарикони рушд 60 млрд сомонӣ ё 34,5 дарсадро ташкил медиҳанд.

541. Бо мақсади кам кардани сарборӣ ба буҷети давлатӣ норасоии маблағгузории чорабиниҳои банақшагирифташуда дар доираи вазифаҳои БМР 2026-2030 тавассути ҷалби сармояи хусусии дохилию хориҷӣ рӯйпуш карда мешавад.

## §9.2. Низоми мониторинг ва арзёбӣ

542. Низоми мониторинг ва арзёбии (минбаъд – МваА) БМР 2026-2030 тавассути ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, корхона ва муассисаҳо новобаста аз шакли моликият, ниҳодҳои ҷамъиятӣ, илмию тадқиқотӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои дахлдор, сафарбаркунии мақсаднок ва истифодаи самараноки захираҳои молиявии дохилию хориҷӣ, инчунин ҷалби шарикони рушд таъмин карда мешавад.

543. Низоми МваА БМР 2026-2030 барои пайгирии ноилшавӣ ба ҳадафҳо, иҷрои вазифаҳо ва амалишавии тадбирҳои дар он пешбинишуда, таҳлили равандҳои рушд ва муайян кардани сабақҳои андӯхта аз татбиқи марҳилаи сеюми СМР–2030 ва таҳияи тавсияву хулосаҳои асоснок барои тасҳеҳи нишондиҳандаҳои мақсаднок ва вазифаҳои гузошташуда, ҳамзамон заминагузорӣ барои таҳияи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045 пешбинӣ шудааст.

544. Принсипҳои асосии низоми МваА БМР 2026-2030, ки бо милликунонӣ ва маҳалликунонии ҲРУ алоқаманд мебошанд, инҳоянд:

- таъмини мустаъқилияти низоми МваА ва ҳисоботдиҳӣ;
- таваҷҷуҳ ба натиҷа ва афзалиятҳои БМР 2026-2030;
- истифодаи технологияҳои рақамӣ дар МваА;
- иштироки ҳамаи ҷонибҳои дахлдор;
- муназзамӣ ва мунтазамӣ;
- дастрасӣ ба иттилоот;
- пешниҳоди иттилооти босифат, муҳим ва боэътимод;
- риояи меъёру қоидаҳои муқарраргардида;
- ошкорбаёнӣ ва шафофият.

545. Сохтори низоми МваА БМР 2026-2030 аз унсурҳои зерин иборат аст:

- нақшаи чорабиниҳои амалисозии БМР 2026-2030;
- ҷадвали индикаторҳои асосии МваА БМР 2026-2030;
- сарчашмаҳои иттилоот барои гузаронидани МваА;
- низоми ҷамъоварии маълумот;
- даврият ва шаклҳои ягонаи ҷадвали ҷамъоварии маълумот;
- масъули дастрас ва пешниҳод кардани иттилооти зарурӣ;
- коркард ва таҳлили маълумоти ҷамъоваришуда;
- истифодабарандагони натиҷаҳои МваА;
- ҳаҷми хароҷоти зарурӣ барои гузаронидани МваА;
- паҳн намудани натиҷаҳои МваА.

546. Нақшаи чорабиниҳои амалисозии БМР 2026-2030 аз номгӯйи тадбирҳо, муҳлат, масъулини иҷрои онҳо ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ иборат буда, барои

ноил шудан ба ҳадафҳо, иҷрои вазифаҳо ва натиҷаҳои чашмдошти Барнома равона мегарданд.

547. Ҳадафҳои БМР 2026-2030 ҳамзамон ҳадафҳои фосилавии СМР-2030 буда, бо ҲРУ аз нуқтаи назари хусусиятҳои миллӣ мувофиқ карда шудаанд. Вазифаҳо ҳамчун воситаи ноил шудан ба ҳадафҳо буда, барои иҷрои онҳо як ё якчанд тадбирҳо пешбинӣ карда мешаванд.

548. Маҷмуи индикаторҳои асосии МваА БМР 2026-2030 (тибқи замимаи 2) аз нишодиҳандаҳои ба ҳам алоқаманд, соҳавӣ ва байнисоҳавӣ, захиравӣ, таъсиррасон, боздеҳ ва ниҳоии чашмдошт иборат мебошанд. Маҷмуи нишондиҳандаҳои МваА истифодаи ҳамаи захираҳо барои амалишавии тадбирҳо ва арзёбии ҳамаи натиҷаҳои бадастомадаро фаро мегирад.

549. Барои арзёбии амалишавии тадбирҳо на ҳама вақт маълумот дастрас мебошад. Дар чунин ҳолат арзёбиҳои ғайримустақим истифода бурда мешаванд.

